ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343.1 (575.3)

**Р-**88

**РУСТАМЗОДА САДАМ РУСТАМ**

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОЗОДИИ ҶИНСӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент
**Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..............3**
**МУҚАДДИМА.......................................................................................5**
**БОБИ 1. ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОЗОДИИ ҶИНСӢ: МАФҲУМ, ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ........................24**
1.1. Мафҳуми озодии ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ҷинсӣ.......................................................................24
1.2. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ..........................35
1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ.................................48
**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС.......................................................................................................63**
2.1. Таҳлили аломатҳои объективии таҷовуз ба номус.............................63
2.2. Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус.........................100
**БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС ВА ФАРҚИ ОН АЗ ДИГАР ҶИНОЯТҲОИ ҲАМҶАВОР....................111**
3.1. Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус...................111
3.2. Таҳлили аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номус....128
3.3. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ........................................................................152
**ХУЛОСА..........................................................................................166**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................................................169**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)................................................170**
**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..................................................................................................186**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ВНМО** – Вируси норасоии масъунияи одам

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИҶШС** – Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИҶШС Тоҷикистон** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КСММ**– Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Руминия** – Кодекси ҷиноятии Руминия

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**КҶ ҶШФСР** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ФББО** – Федератсияи байналмилалии банақшагирии оила

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ, ки мавзуи асосии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад, дар шароити таъсири маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ин омилҳо дар тағйироти охирини қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мутамарказ таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла, пурзӯр гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба шахсони ноболиғ, ки дар тағйиротҳои қонунгузорӣ аз 13 ноябри соли 2023, бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ҳамчун посухи ҳадафноки давлат ба таҳдидҳои мавҷуда дар самти муқовимат ба зӯроварии ҷинсӣ ва таъмини дахлнопазирии шахсият арзёбӣ мегардад [124].

Ворид намудани қисми 3 ба моддаи 142 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии пурзӯртари ҷиноятиро барои «содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба ду ё зиёда шахсоне, ки баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасидаанд» муқаррар менамояд, аз кӯшиши қонунгузор ҷиҳати тафриқа намудани ҷавобгарӣ вобаста ба хусусият ва миқёси зарари расонидашуда шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, тағйироти мазкур ниёз ба таҳлили амиқи назариявӣ дар доираи тамоми низоми таркибҳои ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ дорад [123].

Ҳамзамон, мавҷудияти моддаҳои 138, 139, 140 ва 141 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ пешбинӣ менамоянд, зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро оид ба робитаҳои низомии онҳо ва ҳудудҳои ҷудосозии меъёрӣ ба миён меорад. Дар ин замина, масъалаҳои муайян намудани меъёрҳои фарқгузории таркибҳои муҷовир, ошкор намудани ҳолатҳои эҳтимолии ҳампӯшии меъёрҳо, инчунин арзёбии дараҷаи мувофиқати дохилии манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд, зеро набудани муайянӣ дар ин соҳа

метавонад ба ягонагии бандубаст ва устувории амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таъсири манфӣ расонад.

Аҳаммияти баланди ин масъала, инчунин бо хусусиятҳои ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои ин гурӯҳ муайян мегардад, ки бо сатҳи баланди пинҳонмонӣ (латентӣ) тавсиф мешаванд. Ин ҳолат бо маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва маълумоти оморӣ тасдиқ мегардад. Сатҳи пасти ошкоршавӣ ва бақайдгирии чунин ҷиноятҳо на танҳо бо мавҷудияти мушкилоти мурофиавӣ ва исботкунӣ шарҳ дода мешавад, балки бо таъсири маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ низ вобаста аст. Аз ҷумла, тарси маҳкумияти ҷамъиятӣ, доғгузории иҷтимоии ҷабрдида, инчунин хатари канорагирии иҷтимоии худи ӯ ва аъзои оилааш, ки дар шароити ҷомеаи анъанавӣ бештар ба назар мерасад, аз ҷумлаи чунин омилҳо мебошанд.

Ин ҳолат аз мавҷудияти номувофиқатӣ миёни сохтори меъёрии қонун ва шароити воқеии дарк ва татбиқи он шаҳодат медиҳад. Бо дарназардошти ин, таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бояд на танҳо аз нуқтаи назари ҷазодиҳӣ баррасӣ гардад, балки ҷанбаи мутобиқшавии иҷтимоии он низ ба инобат гирифта шавад. Дар ҳамин замина, илми ҳуқуқшиносӣ вазифадор аст, ки чунин муносибатро таҳия намояд, ки имкон диҳад ҳифзи самараноки манфиатҳои ҷабрдидагон бо дарназардошти хусусиятҳои криминогенӣ ва омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ин гуна ҷиноятҳо таъмин карда шавад.

Талаби сиёсӣ-ҳуқуқии ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи мавриди назар таҳти таъсири ҳам омилҳои беруна ва ҳам дохилӣ ташаккул меёбад. Аз як тараф, ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон, самти мутобиқ намудани ҳуқуқи миллӣ ба стандартҳои умумиэътирофшудаи ҳифзи ҳуқуқи инсонро муайян месозанд. Аз тарафи дигар, муқаррар гардидани афзалияти таъмини амнияти занон ва духтарон аз зӯроварӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 аз мавқеи пайгиронаи дохилидавлатӣ дар ин самт шаҳодат медиҳад [126]. Дар

чунин шароит, таҳқиқоти илмии масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ аз доираи таҳлили сирф назариявӣ фаротар рафта, ба ҷузъи ҷудонашавандаи татбиқи уҳдадориҳои стратегӣ ва байналмилалии давлат табдил меёбад.

Бинобар ин, мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо як қатор омилҳои ба ҳам вобаста муайян мегардад: табдили босуръати қонунгузории миллии ҷиноятӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона шудааст; мавҷудияти мушкилоти низомӣ дар соҳаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ; таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки самаранокии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқро коҳиш медиҳанд; инчунин зарурати объективии мутобиқ намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба стандартҳои байналмилалӣ. Гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи институти ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳам дар ҷанбаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳам дар ҷанбаи криминологӣ, ҳамчун шарти зарурии такмили минбаъдаи танзими қонунгузорӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳое, ки дорои шароити ҳуқуқӣ ва иҷтимоии монанд мебошанд, баромад мекунад.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мавриди баррасӣ, пеш аз ҳама, ба танзими ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти шаҳвонии инсон равона гардидаанд. Дар баъзе ҳолатҳо объекти ҳифзи ҳуқуқӣ метавонанд хусусиятҳои муайяни биологии шахсият, аз ҷумла сатҳи камолоти шаҳвонии ӯ низ бошанд. Дар шароити муосир танзими ҳуқуқии ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба як қатор принсипҳои бунёдӣ асос меёбад.

Аввалан, қонеъ гардондани ниёзҳои шаҳвонӣ, ки хусусияти ғайриқонунӣ надоранд, ҳамчун ҷузъи ҳаёти шахсии инсон баррасӣ гардида, дахолат ба он бояд ба ҳадди ақали зарурӣ маҳдуд карда шавад, ки ин ба кафолатҳои конститутсионии дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ мувофиқ аст.

Дуюм, бо дарназардошти хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоии рушди шахсият, самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии

ҳаёти ҷинсӣ таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ноболиғон ба ҳисоб меравад.

Сеюм, хусусияти ғайриқонунии қонеъ гардондани ниёзҳои шаҳвонӣ танҳо дар он ҳолатҳо эътироф мегардад, ки агар чунин рафтор ба ҳуқуқ, озодиҳо ё манфиатҳои қонунии шахсони дигар, ҷомеа ё давлат зарар расонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳлили сатҳи коркарди илмии масъалаи мавриди баррасӣ нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ шумораи таҳқиқотҳое, ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсии шахсият бахшида шудаанд, нисбатан кам мебошад. Дар давраи шуравӣ таваҷҷуҳи илмӣ ба ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти ҷинсии инсон то андозае маҳдуд буд, ки ин боиси камомӯзишӣ ва нокифоя будани таҳқиқоти марбут ба ҷиноятҳои содиршаванда дар ин соҳа гардид. Дар шароити муосир доктринаи миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ марҳилаи рушди фаъолро аз сар мегузаронад, ки он бо ташаккули тадриҷии равишҳои нави илмӣ ва мутобиқсозии онҳо ба шароити муосири ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мешавад.

Дар миёни муҳаққиқоне, ки корҳои онҳо бо муносибати комплексӣ ба масъалаҳои мазкур фарқ мекунанд, метавон чунин муаллифонро ҷудо намуд: У.А. Азиззода [97], Р.Х. Раҳимзода [51], М.М. Муллаев [38], М.И. Авдеева [14], Т.Н. Байбарина [16], М.А. Горбачева [59], А.А. Гребенкова [16], Г.А. Есаков [29], В.И. Зубкова [27], Л.В. Иногамова-Хегай [15], А.Н. Игнатов [28], И.Я. Козаченко [50], Н.Н. Коновалова [31], Т.В. Кондрашова [30], А.Н. Красиков [32], П.И. Люблинский [36], Г.П. Новоселов [40], А.В. Пушкин [43], В.В. Сверчков [48], И.С. Соломоненко [86], В.Т. Томин [48], И.М. Тяжкова [90], А.Б. Утямишев [120], В.Б. Хатуев [122], А.И. Чучаев [23], И.В. Янушенков [52], П.Р. Шарифзода [92], Ш.Л. Холиқов [121], Ф.Ҳ. Рауфов [128] ва дигарон.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур, инчунин аз он бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати таҳаввули доимӣ қарор дорад, ки дар ин замина таҳияи мавқеъҳои нави ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷиҳати

танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ бо назардошти таҳдидҳои нави иҷтимоӣ зарур мегардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии ин кафедра барои солҳои 2021-2025 мутобиқ гардонида шудааст. Аз ҷиҳати мавзуъ, кор ба самти илмие, ки ба омӯзиши масъалаҳои муосири қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст, ҳамгиро гардидааст ва дар доираи мавзӯи тасдиқшудаи «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ» анҷом дода мешавад. Ин ҳолат самти илмӣ, заминаи методологӣ ва ҷойгоҳи таҳқиқоти мазкурро дар низоми корҳои илмии кафедра муайян менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додани таҳлили густурдаи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ мебошад, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсии шахсиятро танзим менамоянд. Дар раванди чунин таҳлил муайян намудани қонуниятҳои рушди хоси ин низомҳои ҳуқуқӣ, ошкор намудани фарқиятҳои мавҷуда ва муайян кардани мухолифатҳо дар равишҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятии мавриди баррасӣ пешбинӣ гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада ҳамчун заминаи илмӣ барои ташаккули консепсияи ягонаи такмили механизмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳифзи дахлнопазирии ҷинсии шахсият хизмат намуда, барои таҳияи пешниҳодҳое равона мегарданд, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ин соҳа мусоидат мекунанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

– таҳқиқ намудани дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ;

– муайян намудани таркиби намудӣ ва унсурҳои сохтории дахлнопазирии ҷинсӣ;

– асоснок намудани зарурати объективии таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсии шахсият;

– муайян намудани асоснокии иҷтимоӣ ва хусусияти оқибатҳои таҷовузи ҷиноятӣ ба дахлнопазирии ҷинсӣ;

– асоснок намудани зарурати рушди минбаъдаи воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба ҷиноятҳои ин гурӯҳ;

– муайян ва низомноксозии марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсӣ;

– арзёбии самаранокии нуқтаҳои назари муосири доктриналӣ дар самти таъмини ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ;

– анҷом додани таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои қонунгузории миллии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дахлдори ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, инчунин стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди баррасиро танзим менамоянд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар соҳаи таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият, инчунин дар раванди танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи онҳо тавассути меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи қоидаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ иборат мебошад, ки мазмун ва табиати ҳуқуқии дахлнопазирии ҷинсиро ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ошкор менамоянд. Ҳамзамон, ба

доираи предмети таҳқиқот масъалаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар ин соҳа, инчунин самтҳои асосӣ ва қонуниятҳои рушди қонунгузории ҷиноятии марбут ба он дохил карда мешаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Кори мазкур таҳқиқоти комплексӣ ва низомноки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд. Дар доираи таҳқиқот рушди қонунгузории соҳавӣ дар давраи солҳои 1917–2025 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бо мақсади таъмини таъмини сатҳи баланди далелнокии илмӣ, дар диссертатсия таҳлили муқоисавӣ дар асоси омӯзиши доктринаи хориҷӣ ва таҷрибаи қонунэҷодкунии давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Заминаи назариявии таҳқиқоти мазкурро корҳои илмии муҳаққиқони пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият бахшида шудаанд. Ҳамзамон, ҷойгоҳи муҳимро таҳқиқотҳои бунёдӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ ишғол менамоянд, ки имкон медиҳанд ҷанбаҳои байнисоҳаии масъалаи мавриди баррасӣ ошкор карда шаванд. Манбаи иловагии таҳлили илмӣ маводи дорои хусусияти маълумотномавӣ ва энсиклопедӣ ба ҳисоб мераванд, ки барои дақиқ намудани дастгоҳи мафҳумӣ ва низомбанди намудани қоидаҳои назариявии барои таҳқиқ аҳаммиятдошта истифода шудаанд.

Дар раванди таҳияи кор муаллиф ба таҳқиқоти бунёдии олимони ватанӣ, аз ҷумла У.А. Азиззода, Т.Ш. Шарипов, Ш.Л. Халикзода, ва дигарон такя намудааст. Ҳамчунин масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар асарҳои олимони хориҷӣ низ инъикос ёфтаанд, ки дар миёни онҳо метавон А.В. Дидо, А.М. Каменев, Р.М. Кочетов, Е.В. Поддубная, М.П. Рашад ва И.И. Скриповро зикр намуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти назарияи маърифат, принсипҳо ва категорияҳои асосии назарияи умумии ҳуқуқ, инчунин дастовардҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Ин заминаи методологӣ имконият фароҳам овард, ки масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ дар доираи низоми ягонаи донишҳои ҳуқуқӣ, бо дарназардошти робитаи мутақобилаи падидаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ба таври ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд.

Дар раванди анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ истифода гардид. Аз ҷумла: усули диалектикӣ имконият дод, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолати рушд, тағйирёбӣ ва робитаи мутақобилаи унсурҳои он таҳлил карда шавад; усули таърихию ҳуқуқӣ барои муайян намудани марҳилаҳои ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҳифзи озодии ҷинсӣ, инчунин таҳлили эволютсияи танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дахлдор дар қонунгузории миллӣ истифода гардид; усули системавию сохторӣ барои муайян намудани ҷойгоҳ, нақш ва робитаи меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ муқаррар менамоянд, дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуд; усули таҳлили догматикии ҳуқуқӣ ҳангоми омӯзиш ва шарҳи мазмуну моҳияти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба ҳифзи озодии ҷинсӣ равона гардидаанд, инчунин ҳангоми таҳлили таркибҳои ҷиноятҳои дахлдор истифода гардид; усули муқоисавию ҳуқуқӣ барои муқоисаи меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дигар ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ истифода шуд.

Татбиқи маҷмуии усулҳои зикршуда имконият фароҳам овард, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ ба таври мукаммал таҳлил гардида, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои такмилдиҳандаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маводи фаъолияти ҳуқуқтатбиқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил

медиҳанд. Муаллиф омӯзиши ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои омории низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом дода, ҳамчунин таҳлили муҳтаво ва умумисозии маводи зиёда аз 30 парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсиро амалӣ намудааст. Маҷмуи маълумоти эмпирикии омӯхташуда имкон дод, ки эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии дар диссертатсия баёншуда таъмин карда шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсия нахустин таҳқиқоти ҳамаҷониба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсиятро дар доираи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар асоси таҳлили низомии доктрина ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ (тафтишӣ ва судӣ) аз ҷониби муаллиф хулосаҳои назариявӣ пешниҳод гардида, инчунин пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ асоснокшуда ҷиҳати такмили асосҳои консептуалии сиёсати ҷиноятӣ дар ин самт таҳия шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот бори аввал:

– низоми ягонаи қоидаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳия гардидааст, ки имкон медиҳад таркибҳои ҷиноятҳои ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовузкунанда ба таври маҷмуӣ муайян карда шаванд. Низоми пешниҳодшуда робитаи байни меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятӣ, унсурҳои сохтории онҳо ва хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқии соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди баррасиро ошкор менамояд;

– дар ҷанбаи илмӣ мавқее асоснок карда шудааст, ки мувофиқи он дар шароити ҳолати воқеии оҷизии шахс, категорияи озодии ҷинсӣ аҳаммияти амалии худро аз даст медиҳад, дар ҳоле ки неъмати асосӣ ва бевосита ҳифзшаванда аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ дахлнопазирии ҷинсии шахсият мебошад. Чунин равиш имкон медиҳад мазмуни объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-

ҷиноятӣ дақиқтар муайян гардида, ҳудудҳои татбиқи меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мушаххас карда шаванд;

– дар ин замина таърифи муаллифии мафҳуми дахлнопазирии ҷинсӣ пешниҳод гардидааст, ки тибқи он он ҳамчун манъи мутлақи бо ҳуқуқ муқарраргардида ба ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе фаҳмида мешавад, ки имконияти мустақилона ва бошуурона амалӣ намудани худмуайянкунии ҷинсиро надорад. Ҳамзамон, тавсифи ҷабрдида низ мушаххас карда мешавад, ки зери он шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки бинобар сабабҳои объективӣ қобилияти ифода намудани розигии огоҳона ва ихтиёриро барои ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ надорад;

– дар таҳқиқот фарқгузории принсипиалии мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» гузаронида мешавад. Озодии ҷинсӣ ҳамчун имконияти шахс барои мустақилона муайян намудани рафтори худ дар соҳаи ҷинсӣ баррасӣ мегардад, ки бо расидан ба синне пайдо мешавад, ки қонунгузорӣ таъсиси оиларо иҷозат медиҳад, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ, бо дарназардошти имконияти муқарраргардидаи қонун барои бастани никоҳ аз синни шонздаҳсолагӣ. Ҳамзамон, амалӣ гардидани озодии ҷинсӣ хусусияти мутлақ надошта, бевосита аз имкониятҳои воқеии шахс барои ифодаи иродаи мустақилона вобаста мебошад. Дар ҳолати аз даст додани чунин имкониятҳо, шахс ба таври объективӣ ба ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ мегузарад, ки бар принсипи дахлнопазирии ҷинсӣ асос меёбад.

Бо дарназардошти ин, то расидан ба синни шонздаҳсолагӣ давлат уҳдадор аст ҳифзи махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятии рушди ҷисмонӣ ва равонии кӯдакро таъмин намояд ва нисбат ба ӯ низоми махсуси ҳуқуқии дахлнопазирии ҷинсиро муқаррар кунад.

Аз ҷониби дигар, пас аз расидан ба синни балоғат шахс метавонад пурра ё қисман, муваққатан ё доимӣ қобилияти озодона амалӣ намудани озодии ҷинсии худро аз даст диҳад. Ин ҳолат зарурати нигоҳдорӣ ва татбиқи низоми

дахлнопазирии ҷинсиро нисбат ба чунин гурӯҳи шахсон, ки ба ҳифзи иловагии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ниёз доранд, ба миён меорад.

Моҳияти муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда. Дар асоси ин муносибатҳо уҳдадории ҳамаи иштирокчиён оид ба риояи бечунучарои ҳуқуқ ва неъматҳои якдигар қарор дорад (ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, моликият). Хусусияти асосии чунин муносибатҳо дар мавҷудияти чанд субъект зоҳир мегардад, ки яке аз онҳо дорои ҳуқуқи мутлақ (масалан, ба дахлнопазирии ҷинсӣ) буда, дигарон уҳдадоранд онро риоя намоянд ва вайрон накунанд.

Рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ. Таҳлил нишон медиҳад, ки низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият омода мебошад. Дар ин соҳа тамоюли устувори тақвияти ҳифзи ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад.

Муайян карда шудааст, ки расонидани зарар ба дахлнопазирии ҷинсӣ метавонад тавассути шаклҳои гуногуни таъсири вайронкунанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардад. Чунин таъсир метавонад дар шаклҳои зерин зоҳир шавад:

а) таъсири мустақим ба шахс, ки метавонад хусусияти ҷисмонӣ ё равонӣ дошта бошад;

б) таъсир ба ашё ва воситаҳои моддӣ, ки объекти ин муносибатҳо мебошанд.

Ҳамчунин, вайроншавии робитаи иҷтимоӣ миёни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонад ба амал ояд, ки он тавассути ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад:

а) тағйир ёфтани мақоми иҷтимоии худи ҷинояткор дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ;

б) тағйир ёфтани мақоми иҷтимоии иштирокчии дигар;

в) иҷро накардани уҳдадориҳое, ки аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Асосҳои назариявӣ ва мафҳумии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ:

– қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли мавҷудаи худ наметавонад ба таври пурра ҳифзи ҳамаҷониба ва комплексии озодии ҷинсии шахсият ва имкониятҳои воқеии онро таъмин намояд. Мувофиқи тарзи муқарраргардидаи қонунгузорӣ, соҳибони озодии ҷинсӣ шахсоне эътироф намешаванд, ки ба синни чордаҳсолагӣ нарасидаанд, шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ, инчунин шахсоне, ки бинобар ҳолати худ қобилияти дарк намудани хусусият ва аҳаммияти амалҳои ҷинсии нисбат ба онҳо содиршавандаро надоранд ё наметавонанд ба шахси гунаҳгор муқовимат нишон диҳанд. Таҷовуз ба чунин шахсон ҳамчун вайрон кардани озодии ҷинсӣ не, балки ҳамчун ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ бандубаст карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, таҳлили табиати ҳуқуқии муносибатҳои мавриди баррасӣ имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун ҳолати мутлақи ҳуқуқӣ бояд нисбат ба ҳамаи шахсоне татбиқ гардад, ки бинобар сабабҳои гуногун аз қобилияти мустақилона муайян намудани рафтори худ дар соҳаи ҳаёти ҷинсӣ ва қабул намудани қарорҳои огоҳона маҳруманд.

– мавқеи ҳуқуқии шахсоне, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доранд, аҳаммияти махсус дорад. Новобаста аз сабабҳои ба вуҷуд омадани чунин ҳолат, ин гуна шахсон ба таври объективӣ имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсиро надоранд, зеро қобилияти ифодаи иродаи мустақилона ва огоҳонаро дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ надоранд. Дар шароити оҷизӣ, худи категорияи озодии ҷинсӣ аҳаммияти амалии худро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, шахсе, ки бинобар ҳолатҳои объективӣ наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, бояд ҳамчун дорои мақоми дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ гардад, зеро дар чунин

ҳолат зарурати таъмини ҳифзи пурзӯртари ҳуқуқии дахлнопазирии шахсии ӯ дар маҷмуъ ва бахусус ҷанбаи ҷинсии он ба миён меояд.

– озодии ҷинсӣ анъанавӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти асосии низоми ҳуқуқҳои табиии инсон баррасӣ мегардад. Пайдоиши он бо расидани шахс ба чунин сатҳи камолоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ вобаста аст, ки ба ӯ имкон медиҳад оид ба ворид шудан ба муносибатҳои никоҳӣ ва таъсиси оила мустақилона қарор қабул намояд. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда, синни умумии никоҳ ҳаждаҳсолагӣ муқаррар гардидааст, аммо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозати бастани никоҳ аз синни шонздаҳсолагӣ дода мешавад. Амалӣ гардидани озодии ҷинсӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шахс қобилияти ифодаи иродаи мустақилона ва қабули қарорҳои огоҳонаро дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ дошта бошад. Дар ҳолати аз даст додани чунин қобилият, шахс амалан аз имконияти истифодаи ин ҳуқуқ маҳрум мегардад. Аз ҷумла, дар шароити ҳолати оҷизӣ, мавҷудияти озодии ҷинсӣ наметавонад ҳамчун омили аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок баррасӣ гардад, зеро дар чунин ҳолатҳо афзалият бояд ба таъмини ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ дода шавад.

– шахсе, ки бинобар сабабҳои объективӣ имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсии худро надорад, бояд ҳамчун субъекти ҳифзи махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар соҳаи дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ гардад. Дар чунин ҳолатҳо барои ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии шахсӣ, аз ҷумла ҷанбаи ҷинсии он, нигоҳ дошта мешавад. Бо дарназардошти ин, таърифи муаллифии мафҳуми мавриди баррасӣ пешниҳод мегардад: дахлнопазирии ҷинсӣ манъи мутлақи ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби қонун муқаррар гардида, ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсеро манъ менамояд, ки ё ҳанӯз ба ҳолати озодии ҷинсӣ нарасидааст ё бинобар ҳолатҳои муайян имконияти мустақилона амалӣ намудани онро аз даст додааст.

2. Вобаста ба масъалаҳои назариявӣ ва рушдӣ қонунгузорӣ:

– танзими ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар даҳсолаҳои охир таҳаввулоти назаррасро аз сар гузаронидааст, ки он бо

кӯшиши давлатҳо ҷиҳати тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва мутобиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондӯстии ҳуқуқи муосир вобаста мебошад. Ба ҷумлаи тамоюлҳои муҳимтарини ин соҳа дохил мешаванд: бознигарии баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии баъзе шаклҳои рафтор, ки қаблан ҷиноят эътироф мешуданд, аз ҷумла декриминализатсияи баъзе кирдорҳо (масалан, хиёнат дар никоҳ ва муносибатҳои ҳамҷинсгароӣ); пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз нисбат ба ноболиғон; васеъ гардидани рӯйхати таркибҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ; инчунин рушди маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки ба пешгирии зӯроварии ҷинсӣ, пеш аз ҳама нисбат ба кӯдакон, равона гардидаанд.

– таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор масъалаҳо, ки ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва таҳияи чораҳои самараноки муқовимат ба онҳо вобаста мебошанд, то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, равиши институтсионалӣ нисбат ба муайян намудани аломатҳои объекти бевоситаи чунин таҷовузҳо ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ таърифи низомноки маҷмуи таркибҳои ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарар мерасонанд, мавҷуд нест. Яке аз масъалаҳои муҳим дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин таҷовузҳо мебошад, ки мазмуни он бо хусусияти оқибатҳои ҷиноятҳо ва инчунин бо ҳолати оҷизии ҷабрдида робитаи зич дорад.

3. Масъалаҳои амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва ҳифзи ҷабрдидагон:

– таҳлили гузаронидашудаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки як қатор мушкилоти муҳим, ки ҳалли меъёриро талаб мекунанд, ошкор карда шаванд. Ба ҷумлаи онҳо камбудиҳои таърифи меъёрии мафҳуми таҷовуз ба номус, маҳдуд будани доираи шахсоне, ки таҳти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор мегиранд, мавҷудияти мӯҳлатҳо барои муроҷиати ҷабрдидагон бо ариза дар бораи ҷиноят, инчунин набудани криминализатсияи таҷовуз ба номус дар никоҳ дохил мешаванд. Ҳамзамон, камбудиҳо дар

татбиқи равиши гендерӣ дар таъқиби ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи муносиби манфиатҳои ҷабрдидагон боқӣ мемонанд.

– зери мафҳуми ҷабрдида аз ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовуз мекунанд, бояд шахси воқеие фаҳмида шавад, ки бинобар сабабҳои объективӣ, аз ҷумла хусусиятҳои синнусолӣ, ҳолати саломатии равонӣ ё ҷисмонӣ, инчунин қарор доштан дар ҳолати оҷизӣ қобилияти ифодаи озодона ва огоҳонаи иродаи худро нисбат ба ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ надорад. Ҳангоми чунин ҳолатҳо, шахс ҳамчун дорандаи ҳолати дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ мегардад, ки манъи мутлақи ҳуқуқии ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии ӯро пешбинӣ менамояд.

– расонидани зарар ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ метавонад тавассути якчанд самт амалӣ гардад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи таъсир ба унсурҳои сохтории муносибатҳои ҷамъиятӣ меравад. Ҳамзамон, зарар метавонад дар натиҷаи вайрон шудани робитаи иҷтимоӣ байни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал ояд. Чунин вайроншавӣ метавонад дар натиҷаи тағйир ёфтани мақоми иҷтимоии худи ҷинояткор, тағйир ёфтани мақоми иштирокчии дигар ё иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, ба вуҷуд ояд.

4. Ҷанбаҳои амалии такмили қонунгузорӣ

– қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

«1) Таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба шахс ё наздикони ӯ ё бо истифода аз ҳолати нотавонии чунин шахс».

– қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз калимаи «…занро,» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад».

– қисми 1 моддаи 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз калимаҳои «…ҷабрдида» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти таҳқиқот бо муносибати комплексӣ нисбат ба омӯзиши мушкилоти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намуда, заминаи назариявиро ҷиҳати дарки низоми ҷиноятҳои ба муқобили шахсият васеъ мегардонанд. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши илмӣ буда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ равона шудаанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот. Дар доираи кори илмӣ-таҳқиқотӣ таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ анҷом дода шудааст, ки ин зарурати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди қонунэҷодӣ, бахусус дар қисмати ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсии шахсият, асоснок менамояд. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба таъмини татбиқи ягона, қонунӣ ва одилонаи меъёрҳои мазкур мусоидат намоянд.

Татбиқи чунин муносибат имкон медиҳад, ки:

– низоми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсият аз таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсӣ такмил дода шавад;

– сатҳи ҷинояткорӣ дар ин самт коҳиш ёбад;

– самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баланд гардад;

– маводи таҳқиқот дар раванди таълим, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи методологияи комплексӣ, ки усулҳои умумилмӣ ва махсуси ҳуқуқиро муттаҳид менамояд, таъмин гардидааст. Асоси таҳқиқотро таҳлили низомноки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавзеҳоти роҳнамоии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маҷмуи васеи адабиёти илмӣ-методӣ, таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ ташкил медиҳанд. Асоснокии хулосаҳо бо омӯзиши амиқи таҷрибаи хориҷӣ дар танзими ҳуқуқии ҷиноятҳои ҷинсӣ ва татбиқи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ мегардад, ки имкони мутобиқ намудани стандартҳои пешрафтаи байналмилалиро ба воқеиятҳои ҳуқуқии миллӣ фароҳам овард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ, предмет ва самти мазмунии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2025 (№ 10) тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар сатҳи баланди навгонии илмӣ, асосноккунии масъалагузории диссертатсионӣ ва таҳияи хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии дорои аҳаммияти консептуалӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои илмии бадастомада дар мақолаҳои илмии тақризшаванда, инчунин дар маърузаҳои пешниҳодшуда дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфта, сатҳи баланди мустақилияти илмии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Довталаб таҳқиқоти диссертатсиониро мустақилона анҷом дода, дар доираи он масъалаҳои мубрами ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсии шахсиятро бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти ҳуқуқӣ таҳлил намудааст. Муаллиф заминаҳои назариявии масъалаи мавриди баррасиро амиқ омӯхта, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи

ҳуқуқтатбиқнамоиро ба таври низомнок таҳлил карда, қонуниятҳо ва мушкилоти асосии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин соҳаҳоро муайян кардааст.

Саҳми мустақили муаллиф, инчунин, дар таҳияи таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ, асоснок намудани фарқгузории категорияҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ», муайян намудани хусусиятҳои бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Мазмуни асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, чандин маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин муҳокимаҳо имкон доданд, ки ғояҳои асосии таҳқиқот аз нуқтаи назари илмӣ арзёбӣ гардида, таҳлили интиқодӣ анҷом дода шавад ва баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он дақиқ гарданд. Қисми муҳими натиҷаҳои бадастомада, инчунин, дар доираи конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардида, дар семинарҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, қоидаҳои таҳияшуда дар раванди таҳқиқот дар фаъолияти таълимии муаллиф низ истифода шудаанд. Онҳо ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин курси махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» татбиқ гардидаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили таъминоти таълимӣ-методии фанни асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо низ истифода шудаанд.

Ғайр аз ин, муқаррароти асосӣ, хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар як қатор конфронсҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

**А) байналмилалӣ:**

– Конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти муосир» – маъруза дар мавзуи «Мушкилоти фарқгузории таҷовуз ба номус аз ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ» (5 декабри соли 2025).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ: назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи «Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ» (22 июни соли 2024);

– Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои конститутсионии ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Мафҳуми озодии ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ҷинсӣ» (3 июни соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мухтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия бо мантиқи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот муайян гардида, аз феҳристи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва  ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёт (манбаъҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОЗОДИИ ҶИНСӢ: МАФҲУМ, ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Мафҳуми озодии ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ҷинсӣ

Дар амалия ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ мушкилоти ҷиддӣ ба миён меоянд, ки онҳо бо норавшании иборабандии меъёрҳои қонунгузорӣ, норасоии тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи онҳо, инчунин бо хатоҳое, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳо роҳ медиҳанд, алоқаманд мебошанд. Ҷабрдидагони чунин ҷиноятҳо, аз сабаби эҳсоси шарм ва тарс, аксаран дарҳол ҷуръат намекунанд дар бораи воқеаи рухдода хабар диҳанд, ки ин ба аз даст рафтани далелҳо ва нишонаҳои муҳим оварда мерасонад.

Ҳамаи ин зарурати таҳияи мақеъҳои нави ошкорсозии ҷиноятҳои ҷинсӣ, такмили механизмҳои фаъолияти низоми ҳифзи ҳуқуқ, инчунин бартараф намудани норасоиҳо дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамиро тақозо менамояд.

Новобаста аз варианти интихобшудаи иваз намудани истилоҳҳо ё ибораҳо, муҳим аст, ки маънои умумӣ, сохтори матн ва услуби он ҳифз карда шаванд. Ин, дар навбати худ, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судиро барои ҳалли мушкилоте, ки дар амал ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд, ба миён меорад.

Аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ шакке ба бор намеорад, зеро ҳуқуқҳои ҷинсии инсон мустақиман бо принсипҳои асосии озодӣ, баробарӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, худмуайянкунӣ, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва шаъну шарафи шахсият алоқаманд мебошанд.

Дар моҳи июни соли 1997 дар XIII Конгресси умумиҷаҳонии ҷинсшиносӣ дар шаҳри Валенсия (Испания) Эъломияи Валенсия оид ба ҳуқуқҳои ҷинсии инсон қабул гардид.

Соли 2006 Федератсияи байналмилалии банақшагирии оила (ФББО) Комиссия оид ба ҳуқуқҳои ҷинсиро таъсис дод, ки вазифаи асосии он пешбурд ва тарғиби Эъломияи ҳуқуқҳои ҷинсӣ буд. Ин ҳуҷҷат бо дарназардошти андешаҳои кормандон, намояндагони минтақавӣ ва ассотсиатсияҳои узви ФББО ба таври ҳамаҷониба таҳия гардида, соли 2008 аз ҷониби Раёсати ФББО тасдиқ карда шуд.

Яке аз нуқтаҳои калидии Эъломия ҳуқуқ ба мустақилияти шахсӣ ва эътироф шудан дар назди қонун (моддаи 5) мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як инсон ҳуқуқ дорад:

– дар назди қонун эътироф гардад;

– аз озодии ҷинсӣ бархӯрдор бошад;

– мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҷинсияти худро анҷом диҳад;

– дар интихоби шарикони ҷинсӣ қарорҳои огоҳона қабул намояд;

– иқтидори ҷинсии худро пурра амалӣ созад;

– бидуни табъиз аз ҳаёти ҷинсӣ бо риояи ҳуқуқи дигарон ва бо дарназардошти манфиатҳои рушди кӯдакон лаззат барад.

Эъломияи ФББО ҳуҷҷати муҳимест, ки ҳуқуқҳои бунёдии инсонро дар соҳаи ҷинсият ва солимии репродуктивӣ ҳифз менамояд.

Озодии ҷинсӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Он пояи шаъну шарафи инсонӣ, баробарӣ ва озодиҳои шаҳрвандиро ташкил медиҳад, ки ҳам дар Конститутсия ва ҳам дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон таҷассум ёфтаанд. Ҷинсияти инсон хусусияти табиӣ дошта, на бо фармон ва на бо қонун муқаррар карда мешавад, зеро он қисми ҷудонопазири ҳаёт ва арзиши инсонӣ мебошад.Танҳо дар сурате ки мо озодии ҷинсиро эътироф ва ҳифз намоем, метавонем татбиқи ҳуқуқҳои инсонро дар маҷмуъ таъмин кунем.

Ҳуқуқҳои асосии инсон, ки барои татбиқи озодии ҷинсӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд, инҳоро дар бар мегиранд:

– ҳуқуқ ба баробарӣ ва манъи табъиз;

– ҳуқуқ ба азоб надидан ва манъи муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ;

– банақшагирии мустақили оила: ҳуқуқи худмуайянкунӣ дар масъалаи шумораи фарзандон ва вақти таваллуди онҳо;

– дастрасӣ ба дониш: ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот ва таҳсил;

– озодии баён: ҳуқуқ ба доштани ақидаи шахсӣ ва озодона иброз намудани он;

– ҳифзи ҳуқуқҳо: ҳуқуқ ба ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои бунёдӣ дар сурати поймол гардидани онҳо.

Бо вуҷуди ин, дар тафсири объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо номуайянӣ вуҷуд дорад. Дар қонунгузорӣ ва амалияи судӣ таърифҳои дақиқ ва умумэътирофшудаи мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва дахлнопазирии ҷинсӣ» мавҷуд нестанд, ки ин аз набудани тафсири ҳуқуқии расмии онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ нисбат ба мазмун ва робитаи мутақобилаи ин мафҳумҳо мавқеи ягона вуҷуд надорад. Қобили зикр аст, ки мутахассисон объекти намудии ин ҷиноятҳоро ба таври гуногун муайян мекунанд.

Ин вазъият зарурати таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи мавқеҳои ягонаи фаҳмиш ва тафсири ин категорияҳои муҳимми иҷтимоӣ-ҳуқуқиро талаб менамояд. Дар ин раванд бояд ҳам таҳияҳои назариявӣ ва ҳам амалияи мавҷудаи судӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Ба андешаи А.С. Капитунов, мафҳуми озодии ҷинсӣ бояд на танҳо интихоби шарики ҷинсиро, балки ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ дар соҳаи ҷинсиро низ дар бар гирад. Ин маънои онро дорад, ки инсон ҳуқуқ дорад мустақилона шакли ба даст овардани лаззати ҷинсиро интихоб намояд.

Дар маҷмуъ, «озодии ҷинсӣ ҳамчун ҳуқуқи инсон барои мустақилона интихоби шарик барои муносибатҳои ҷинсӣ, шакли ин

муносибатҳо ва истисно намудани ҳар гуна маҷбуркунӣ дар ин соҳа маънидод мешавад. Моҳиятан, озодии ҷинсӣ мустақиман бо қобилияти озодонаи инсон дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ алоқаманд аст»[104, с.

Маънои тафсири озодии ҷинсии шахсият ҳамчун «озодӣ барои худмуайянкунӣ дар соҳаи ҷинс… озодӣ дар доираи низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷинсӣ дар ҷомеа барои ворид шудан ба муошират ҷинсӣ бо дигарон, қонеъ гардонидани майли ҷинсии худ бо роҳҳои дигар ва роҳ надодан ба ҳар гуна маҷбуркунӣ ё фишор дар ин соҳа, инчунин пешгирӣ аз ҳар навъ сарфи назар кардани иродаи шахс дар ин масъала маънидод мешавад» [44, с. 344].

А.Б. Мелников, М.А. Кочубей ва С.Н. Радочинский таъкид менамоянд, ки «ин ҳуқуқи инсон аст, то мустақилона муайян намояд, чӣ гуна ва бо кӣ ниёзҳо ва хоҳишҳои ҷинсии худро қонеъ гардонад»[37, с.

М.А. Мелников ҳамчунин таърифи муфассалтареро аз озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ, «озодии ҷинсӣ – ин ҳуқуқи шахс ба худмуайянкунӣ дар соҳаи муносибатҳои шаҳвонӣ мебошад, яъне имконияти воқеии ворид шудан ба алоқаи ихтиёрии ҷинсӣ бо шарики интихобшуда дар ҳар вақт ва дар ҳар шакли аз лиҳози ҷинсӣ иҷозатдодашуда, ба шарте ки он ба талаботи ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи шахсият ва тартиботи ҷамъиятӣ мухолиф набошад. Дахлнопазирии ҷинсӣ бошад, роҳ надодан ба алоқаи ҷинсӣ бо кӯдаконе мебошад, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидаанд, инчунин бо шахсоне, ки бинобар ҳолати беморонаи равонӣ оқибат ва аҳаммияти иҷтимоии чунин алоқаро дарк карда наметавонанд» [33, с. 368].

Ба гуфтаи Б.А. Блиндер, озодии ҷинсии зан ҳуқуқи бунёдӣ буда, ба ӯ имконият медиҳад, ки мустақилона, бидуни маҷбуркунӣ ё фишори шахсони дигар, масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷинсии худро ҳал намояд.

Ин ҳуқуқ озодии интихобро дар бар мегирад: бо кӣ, кай ва дар кадом шароит ба муносибатҳои ҷинсӣ ворид шудан, инчунин озодии назорат ба бадани худ: розӣ шудан ё нашудан ба амалҳои ҷинсӣ ва эҳсоси лаззати ҷинсӣ аз амалҳои шахси мушаххас.

Озодии ҷинсии зан маънои онро дорад, ки ӯ соҳиби тани худ аст: худ муайян мекунад, бо кӣ ба наздикии шаҳвонӣ ворид шавад, кай ва бо кадом шартҳо. Ӯ худро дар амният эҳсос мекунад: аз маҷбуркунӣ, фишор ё таҳдид озод аст, метавонад хоҳишҳо ва ниёзҳои худро озодона иброз намояд»[17, с. 12]. Бо чунин тафсири озодии ҷинсӣ, ба андешаи олим, алоқаи ҷинсии зӯроварона бояд ҳамоно ҳамчун таҷовуз ба номус эътироф гардад, ҳатто агар он аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки зан қаблан бо ӯ алоқи ҷинсӣ доштааст ё бо ӯ зиндагии муштарак мебарад»[17, с. 12].

Дар тафсири маҳдуд, озодии ҷинсӣ бештар ҳамчун имконияти шахс барои иҷоза додан ё рад намудани қонеъсозии хоҳишҳои ҷинсии дигарон нисбат ба худ баррасӣ мешавад. Дар чунин ҳолат инсон бештар ба объекти муносибатҳои ҷинсӣ табдил меёбад, на ба субъекти онҳо. Андешаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки тибқи он озодии воқеии ҷинсӣ на танҳо набудани маҷбуркунӣ, балки имконияти мустақилона муайян кардани нақши худ дар ҳаёти ҷинсиро низ дар бар мегирад. Дар бораи озодии иҷозат додан ё надодан ба қонеъ гардонидани ҳисси шаҳвонии дигарон нисбат ба худ қаблан А.А. Жижиленко низ навишта буд, ҳарчанд ӯ ин озодиро ҳамчун ҷузъи дахлнопазирии ҷинсии шахс баррасӣ менамуд» [25, с. 3–4].

Чунин дарки таносуби озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дуруст ба назар мерасад ва барои фаҳмиши табиати ҳуқуқии объекти таҷовузи мавриди баррасӣ асосӣ мебошад.

Инсон озодии ҷинсиро бо расидан ба синне ба даст меорад, ки қонунгузорӣ барои бастани ақди никоҳ (18 сол) ва алоқаи ихтиёронаи

ҷинсӣ (16 сол) муқаррар кардааст. Ҳамзамон, озодии ҷинсӣ то он даме нигоҳ дошта мешавад, ки инсон қобилияти истифодаи онро дорад.

Ҳамчунин андеша вуҷуд дорад, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ба ҳамаи одамон, новобаста аз ҷинс ва синну сол, паҳн мегардад, на танҳо ба кӯдакон ва наврасон. Дар баробари ин, ҳуқуқ ба худмуайянкунии ҷинсӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон ба ҳисоб меравад. Инсон ин ҳуқуқро бо расидан ба синни балоғат, ки қонун барои ташкили оила муқаррар кардааст, соҳиб мешавад.

Ҳуқуқ ба ҳаёти ҷинсӣ барои инсон то он даме ҳифз мегардад, ки ӯ қобилияти татбиқи онро дошта бошад. Давлат уҳдадор мешавад, ки рушди ҷисмонӣ ва равонии солими ҷинсии кӯдакон ва наврасонро таъмин намуда, дар атрофи онҳо «низоми дахлнопазирии ҷинсӣ» фароҳам оварад, ки онҳоро аз зӯроварии ҷинсӣ ҳифз менамояд. Пас аз расидан ба синни балоғат инсон метавонад имконияти татбиқи озодии ҷинсии худро пурра ё қисман, муваққатан ё доимӣ аз даст диҳад. Аммо ҳатто дар чунин ҳолат низ бояд нисбат ба ӯ «низоми дахлнопазирии ҷинсӣ» таъмин ва кафолат дода шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки синне, ки аз он инсон ҳуқуқ ба ҳаёти ҷинсӣ пайдо мекунад ва аз он лаҳза давлат ҳифзи ӯро аз зӯроварии ҷинсӣ кафолат медиҳад, дар кишварҳои гуногун метавонад фарқ кунад.

Ба андешаи С.В. Тасаков, «дахлнопазирии ҷинсӣ манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятии анҷом додани ҳар гуна амалҳои ҷинсиро нисбат ба шахсе пешбинӣ менамояд, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун нарасидааст» [119, с. 36–37]. Бо вуҷуди ин, чунин менамояд, ки дахлнопазирии ҷинсиро ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ набояд танҳо бо синни ҷабрдида, ё ҳатто на асосан бо он, балки ҳамчунин бо қарор доштани шахс дар ҳолати нотавонӣ (дақиқтараш – нотавонии руҳӣ), аз ҷумла дар ҳолати расидан ба балоғати ҷинсӣ, пайваст намуд.

Дар ин замина мавқеи А.В. Кулаков баҳснок ба назар мерасад, зеро ӯ дар ибтидо изҳор мекунад, ки «меъёри ягонае, ки озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсиятро аз ҳам ҷудо месозад, синни ҷабрдида мебошад. Муаллиф бар он ақида аст, ки дахлнопазирии ҷинсӣ нисбат ба шахсони дорои нуқсонҳои равонӣ дар ҳолати набудани қобилияти дарки моҳият ва маънои амалҳои нисбат ба худ анҷомдода татбиқ мегардад, дар ҳоле ки нисбат ба шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ чунин ҳолат бо набудани имконияти ибрози мавқеи шахсӣ нисбат ба ин амалҳо алоқаманд мебошад»[107, с. 42–43].

Ғайр аз ин, мавқеи дар доктрина баёншуда оид ба мавҷудияти озодии ҷинсӣ дар шахсони ҷисман нотавонро низ наметавон пурра дастгирӣ кард. Чунин шахсон қобилияти дидаву дониста ва мустақилона қабули қарор дар бораи ворид шудан ё нашудан ба муносибатҳои ҷинсиро надоранд.

Аз ин рӯ, «ҳангоми содир намудани таҷовуз ба номус ё дигар кирдорҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба шахси ҷисман нотавон, объекти ҷиноят бояд на дахлнопазирии ҷинсӣ, балки маҳз таҷовуз ба озодии ҷинсии ӯ ҳисобида шавад» [120, с. 71–72].

Масъала дар он аст, ки дар ҳолати оҷизии шахс мавҷудияти озодии ҷинсӣ умуман набояд ба эътибор гирифта шавад. Шахсе, ки бинобар сабабҳои муайян наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, аз лиҳози муносибатҳои шаҳвонӣ дахлнопазир ба ҳисоб меравад, зеро дар натиҷаи чунин шароит ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии шахсии худро дар маҷмуъ, аз ҷумла ҷанбаи шаҳвонии онро дорад.

Ба сифати мисол, дар амалияи судӣ ҳолате муайян гардидааст, ки тақрибан соати 5:20 шахс З.А. дар зери пули пиёдагард аз болои роҳи оҳан қарор дошт ва ҷабрдида Г.У.-ро мушоҳида намуд, ки бо нияти аз болои пул гузаштан ба он наздик мешуд. Шахси мазкур дар ҳолати мастӣ қарор дошта, бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ нисбат ба

ҷабрдида кирдорҳои дорои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ содир намудааст. Дар натиҷаи ин кирдорҳо ба ҷабрдида осеби сабуки ҷисмонӣ расонида шудааст.

Тибқи маводи парвандаи ҷиноятӣ муайян гардидааст, ки Г.У. шахси кар буда, аз кӯдакӣ маъюби гурӯҳи сеюм аз рӯйи шунавоӣ мебошад. Аз ин рӯ, гунаҳгор на танҳо зӯроварӣ истифода намудааст, балки ҳамчунин аз ҳолати нотавонии ҷабрдида истифода бурдааст, ки ин ҳолат барои баҳодиҳии ҳуқуқӣ аҳаммияти принсипӣ дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, инчунин бо таваҷҷуҳ ба боби 18 КҶ ҶТ, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс halнаметавонанд ҳамчун мафҳумҳои зиддиятнок, ки хусусияти мустақил дошта, бо ҳамдигар тамоман робита надоранд, баррасӣ гарданд. Дар тафсири робитаи байни роҳ надодан ба маҷбуркунӣ дар амалҳои ҷинсӣ (дахлнопазирӣ) ва ҳуқуқ ба интихоби шарикон ва амалияҳои шаҳвонӣ (озодӣ) номуайянии муайян вуҷуд дорад.

Дахлнопазирӣ ҳамчун кафолати ҳифз аз таҷовуз дар соҳаи шаҳвонӣ маънидод мешавад, дар ҳоле ки озодӣ ҳамчун ҳуқуқи интихоби шарикон ва шаклҳои қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷинсӣ, ки аз ҷониби қонун манъ нашудаанд, фаҳмида мешавад.

Тарафдорони ин мавқеъ таъкид менамоянд, ки дахлнопазирӣ заминаест, ки бар пояи он озодии ҷинсӣ ташаккул меёбад. Бе кафолати дахлнопазирӣ, интихоби шарик ва кирдорҳои шаҳвонӣ маънои худро гум мекунад, зеро он ба розигии ихтиёрӣ асос намеёбад.

Мухолифони ин назар бар он ақидаанд, ки «тафсири аз ҳад васеи дахлнопазирӣ метавонад озодии ҷинсиро маҳдуд намояд. Ғайр аз ин, дахлнопазирии ҷинсиро набояд ба он неъматҳое мансуб донист, ки шахс метавонад бо додани розигӣ ба расонидани зарар нисбат ба худ, онҳоро дар ихтиёри озодона қарор диҳад» [73, с. 346].

Андешаи асосноке мавҷуд аст, ки тибқи он ҳамаи шахсони ҷисман ва руҳан болиғ, ки маъно ва оқибатҳои хоҳишҳо ва ҳаракатҳои шаҳвонии худро дарк мекунанд, соҳиби ҳуқуқ ба озодии ҷинсӣ мебошанд. Аммо худи мафҳуми «озодӣ» имконияти шахсро барои мустақилона муайян намудани ҷиҳати ҷинсии худ дар назар дорад.

Дар ин робита савол ба миён меояд: оё қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ин озодӣ ва имкониятҳои инсонро ба таври пурра ҳифз менамояд? Ба андешаи мо - не.

Тибқи мавқеи қонунгузорӣ, танҳо шахсоне, ки ба синни 14-солагӣ нарасидаанд, гирифтори бемориҳои руҳӣ мебошанд ё маънои ҳаракатҳои шаҳвониро дарк карда наметавонанд ва қобилияти муқобилият ба ҷинояткорро надоранд, наметавонанд ҳамчун соҳибони озодии ҷинсӣ эътироф гарданд.

Нисбат ба чунин шахсон ҷинояти ҷинсӣ ҳамчун таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо баррасӣ мешавад. Дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун навъи мутлақи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳамаи шахсоне тааллуқ дорад, ки бо ҳар гуна сабабҳо имконияти муайян намудани мавқеи худро дар ҷабҳаи ҷинсии ҳаёти иҷтимоӣ надоранд.

Қобили таваҷҷуҳ аст мавқеи В.В. Сташис ва М.И. Бажанов, ки дахлнопазирии ҷинсиро бо манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе мепайванданд, ки ҳанӯз озодии ҷинсиро соҳиб нашудааст» [47, с. 155]. Бо иловаи як тавзеҳи муайян, бо чунин таҳрир метавон пурра розӣ шуд. Дахлнопазирии соҳаи шаҳвонӣ манъи мутлақи дахолат бидуни розигӣ мебошад.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад ба озодии ҷинсии инсон таҷовуз намояд. Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад мустақилона шарики худ, шакл ва усули алоқаи ҷинсиро бидуни маҷбуркунӣ интихоб намояд.

Масалан, дар КҶ ҶТ боби 18 ҷудо карда шудааст, ки ба ҷиноятҳо дар соҳаи ҷинсӣ бахшида шудааст. Ин нишон медиҳад, ки чунин

ҷиноятҳо ба гурӯҳи махсусе муттаҳид шудаанд, ки заминаи иҷтимоии умумӣ доранд: низоми муносибатҳои ҷинсӣ.

Низоми муносибатҳои ҷинсӣ маҷмуи меъёрҳо ва қоидаҳое мебошад, ки муносибатҳои ҷинсиро дар ҷомеа танзим мекунанд. Ду талаботи калидии низоми муносибатҳои ҷинсӣ чунинанд:

Болиғии иштирокчиён: ворид шудан ба муносибатҳои шаҳвонӣ танҳо пас аз расидан ба болиғии ҷисмонӣ ва руҳӣ иҷозат дода мешавад (м.м. ва 142 КҶ ҶТ);

Розигии ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ – муносибатҳои шаҳвонӣ бояд танҳо бо розигии ихтиёрии ҳамаи иштирокчиён ва дар шароити баробарӣ амалӣ гарданд (моддаҳои 138, 139, 140 КҶ ҶТ).

Дахлнопазирии соҳаи шаҳвонӣ принсипи бунёдие мебошад, ки ҳуқуқи инсонро ба озодии интихоби рафтор дар ҳаёти ҷинсӣ ҳифз мекунад. Таҷовуз ба озодии ҷинсии инсон принсипҳои асосиро дағалона поймол намуда, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Меъёрҳо ва анъанаҳои иҷтимоие, ки масъалаҳои муносибатҳои ҷинсиро танзим мекунанд, таҳти таъсири мустақими низоми муносибатҳои ҷинсии ҷомеа ташаккул ёфта, қоидаҳои калидии онҳо инъикоси бевоситаи худро дар санадҳои дахлдори қонунгузорӣ меёбанд.

Ҳифз аз ҷиноятҳо бар зидди озодии ҷинсии шахс кафолати худмуайянкунии ӯ ва озодии рафтор дар соҳаи ҷинсӣ буда, ба рушди озоди инсон ҳамчун шахсият таъсири мустақим мерасонад. Бо муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо қобилияти ҳар як шахси болиғ барои мустақилона қарор қабул кардан – анҷом додан ё надодани рафтори муайян, идома додан ё рад кардани муносибатҳои ҷинсӣ бо дигарон ҳифз карда мешавад. Ин, дар навбати худ, ба ҳифзи ғайримустақими ҳуқуқҳое, ки ба шаъну шарафи шахсият хосанд, инчунин ҳуқуқ ба рушди озоди шахсият дар масъалаҳои ҷинсӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, метавон хулосаҳои зеринро баровард.

Шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун назорат ба ҷисми худро аз даст додаанд, наметавонанд озодии ҷинсии худро ба таври пурра амалӣ намоянд. Мавқеи онҳо ба ҳолати шахсони гирифтори ихтилолҳои равонӣ ё ноболиғон шабоҳат дорад: ё онҳо воқеаро дарк намекунанд (бинобар номукаллафӣ), ё бинобар нотавонии ҷисмонӣ амалҳои худро идора карда наметавонанд.

Содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор дорад, моҳиятан зӯроварӣ буда, бо зӯроварӣ нисбат ба шахси гирифтори бемории руҳӣ ё хурдсол баробар аст ва вайронкунии дағалонаи дахлнопазирии ҷинсии онҳоро ташкил медиҳад.

Бояд дарк намуд, ки озодии ҷинсӣ ҷузъи ҷудонашавандаи маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон мебошад. Инсон озодии ҷинсиро аз лаҳзае соҳиб мешавад, ки давлат ба таври қонунӣ ба ӯ иҷозати ташкили оила медиҳад (18 сол) ё имконияти озодона дохил шудан ба муносибатҳои шаҳвониро пешбинӣ менамояд (16 сол).

Ғайр аз ин, озодии ҷинсӣ то он даме боқӣ мемонад, ки инсон имконияти татбиқи онро дорад. Ҳамин ки ин имконият аз байн меравад, инсон аз лиҳози ҷинсӣ дахлнопазир мегардад.

Дар ҳолати оҷизии шахс мавҷудияти озодии ҷинсӣ умуман набояд ба эътибор гирифта шавад. Шахсе, ки бинобар ҳар гуна сабабҳо наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, аз лиҳози ҷинсӣ дахлнопазир аст, зеро дар чунин шароит ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии худро дар маҷмуъ ва бахусус ҷанбаи ҷинсии онро дорад.

Дахлнопазирии ҷинсӣ манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе мебошад, ки ё озодии ҷинсиро соҳиб нашудааст, ё имконияти татбиқи онро аз даст додааст.

### 1.2. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ

Пас аз инқилоб дар Россия, аллакай моҳи декабри соли 1917 бо имзои В.И. Ленин декрет дар бораи ақди никоҳ ва бекоркунии он ба амал ҷорӣ карда шуд. Ин декрет ҳамаи меъёрҳои қаблии ҳуқуқиро, ки занро дар мавқеи вобастагӣ аз мард қарор медоданд, бекор намуд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият» (боби 11) бахши алоҳидаи «Дар бораи ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ» мавҷуд буд [45, с. 56]. Дар ин боб «ҳам таркибҳои ҷиноятҳои безӯроварӣ, масалан, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст; алоқаи ҷинсии ҳамроҳ бо фисқу фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона; фисқу фасод нисбат ба ноболиғон тавассути содир намудани амалҳои фаҳш ва ҳам ҷиноятҳое, ки бо қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ алоқаманд буданд, пешбинӣ гардида буданд.

Таҷовуз ба номус ҳамчун «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо роҳи истифода аз ҳолати оҷизонаи ҷабрдида» муайян карда мешуд» [45, с. 56]. Ҳамчунин худкушии ҷабрдида ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ пешбинӣ мегардид.

Қобили зикр аст, ки дар м.167 КҶ ҶШФСР соли 1922 (таҳрири Қарори КИМ Умумииттифоқ аз 10 июли соли 1923) мафҳумҳои алоқаи ҷинсӣ ва қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона аз ҳам ҷудо карда мешуданд [78, с. 497]. Аммо дар ҳамин модда масъалаи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида баррасӣ намегардид, зеро он ҷавобгариро барои алоқаи ҷинсӣ бо шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида, ҳамроҳ бо фисқу фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона танзим мекард. Ҳамчунин қонунгузор шарҳ

намедод, ки зери мафҳуми «қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона» чӣ маъно дорад.

КҶ ҶШФСР соли 1922 таркиби махсуси ҷинояти бачабозиро дар бар намегирифт. Вале, ин маънои онро надошт, ки дар шароити муайян чунин кирдорҳо ҷазонопазир боқӣ мемонданд. Азбаски дар м.169 мафҳуми «шахси ҷабрдида» бо истилоҳи «зан» мушаххас нашуда буд, зери он ҳам зан ва ҳам мард фаҳмида мешуданд. Эҳтимолан, аз нуқтаи назари қонунгузор, бачабозии зӯроварона ба мафҳуми таҷовуз ба номус дохил мешуд, дар ҳоле ки бачабозии ихтиёрӣ нисбат ба шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида тибқи м. 167 КҶ ҶШФСР бояд бандубаст мегардид.

Ҳамин тариқ, КҶ ҶШФСР соли 1922 барои бачабозии ихтиёрӣ байни шахсони болиғ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар накарда буд.

Дар таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон даврае мавҷуд буд, ки дар ҳудуди он меъёрҳои КҶ ҶШС Узбекистон татбиқ мегардиданд. «Ин санади меъёрӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он дар асоси Қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Шуроҳои ҶШС Узбекистон аз 16 июни соли 1926 амал мекард» [13, с. 54].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926 бахши махсусе оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ надошт. Бо вуҷуди ин, дар боби 6 «Ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият» моддаҳое ҷой доштанд, ки ба моддаҳои КҶ ҶШФСР соли 1922 оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ монанд буданд (м.м. 211–217 КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926). Ин қарори қонунгузор, ба андешаи муҳаққиқон, «як навъ «қадами ақиб» дар ташаккули низоми ҷиноятҳо ба ҳисоб мерафт, зеро моҳияти иҷтимоии ин кирдорҳоро равшан инъикос намекард ва онҳоро дар байни дигар таҷовузҳо бар зидди шахсият «нонамоён» менамуд, инчунин дар худи қонун самти иҷтимоии онҳоро дақиқ муайян намесохт» [113, с. 37].

Дар мавриди танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус, дар КҶ ҶШС Узбекистон то ҳол меъёрҳо дар бораи ҷавобгарӣ барои қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона мавҷуд набуданд. Таркиби таҷовуз ба номус дар моддаи 214 КҶ ҶШС Узбекистон пешбинӣ шуда, чунин муайян мегардид: «таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо истифода аз ҳолати оҷизонаи шахси ҷабрдида» [13, с. 54].

Ҷазо барои ин ҷиноят дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар гардида буд.

Дар муқоиса бо КҶ ҶШФСР, КҶ ҶШС Узбекистон бо ду аломати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ пурра карда шуд: содир намудани таҷовуз ба номус нисбат ба шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст; таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби якчанд шахс содир шудааст.

Дар чунин ҳолатҳо ҷазо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол муқаррар мегашт..

Баҳсҳо дар бораи он ки зери мафҳуми «алоқаи ҷинсӣ» чӣ фаҳмида мешавад, аллакай дар ҳамон давра ба миён омада буданд. А.А. Жижиленко чунин мешуморид, ки зери алоқаи ҷинсӣ «бояд ҳам алоқаи ҷинсии табиӣ ва ҳам ғайритабиӣ, яъне дар шаклҳои бадахлоқона, фаҳмида шавад, ки муносибатҳои ҷинсӣ байни шахсони як ҷинс ва инчунин байни шахсони ҷинсҳои гуногунро дар бар мегирад, агар онҳо дар шаклҳои бадахлоқона сурат гиранд. Аммо ба ҳар ҳол, ба ин мафҳум амалҳои фаҳше дохил намешаванд, ки ба алоқаи ҷинсӣ намегузаранд ва на танҳо бе розигӣ, балки бар хилофи иродаи ҷабрдида содир карда мешаванд» [24, с. 113].

Б.Н. Змиев, баръакс, «танҳо алоқаи ҷинсиро, ки бо роҳи табиӣ анҷом дода мешавад, ҳамчун алоқаи ҷинсӣ эътироф менамуд ва алоқаи ҷинсӣ тавассути маъқадро ба зарари ҷисмонӣ нисбат медод» [26, с. 27].

Соли 1935 «қабул шудани КҶ ҶШС Тоҷикистон оғози марҳилаи танзими мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар ҷумҳурӣ ифода намуд. Ин санади меъёрӣ бо Қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи соли 1935 тасдиқ гардида, аз 15 июни ҳамон сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавриди амал қарор гирифт. Бо ҷорӣ гардидани ин кодекс, КҶ ҶШС Узбекистон, ки қаблан дар ҳудуди ҷумҳурӣ амал мекард, қувваи ҳуқуқии худро аз даст дод» [121, с. 31].

Ин кодекс аввалин санади мукаммал ва низомёфтаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон буда, заминаҳои қонунгузории миллии ҷиноятиро гузошта, самтҳои минбаъдаи рушди онро муайян намуд. Бо вуҷуди такя ба меъёрҳои умумииттифоқӣ, ҳангоми таҳияи он хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар шароити хоси ҷомеаи тоҷик ба назар гирифта шуданд [39, с.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ҷиноятҳое, ки ба соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ таҷовуз мекунанд, дар боби 7 муттаҳид карда шуданд. Дар доираи ин боб қонунгузор гурӯҳи мустақили таркибҳои ҷиноятҳоро ҷудо намуда буд, ки ба ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ ва ахлоқи шахсият равона гардида буданд. Ба чунин кирдорҳо инҳо мансуб дониста мешуданд:

– алоқаи ҷинсӣ бо шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида, ҳамроҳ бо фисқу фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона (м. 183 КҶ);

– фисқу фасод нисбат ба ноболиғон ва наврасон тавассути содир намудани амалҳои фаҳш (м. 184 КҶ);

– таҷовуз ба номус ҳамчун шакли зӯроваронаи таҷовуз ба озодии ҷинсии шахс (м. 185 КҶ);

– маҷбур намудани зан ба ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ бо роҳи дигар аз ҷониби шахсе, ки зан аз ӯ вобастагии моддӣ ё дигар навъи вобастагӣ дошт (м. 186 КҶ);

– маҷбуркунӣ ба машғул шудан ба фоҳишагӣ, даллолӣ, ташкил ва нигоҳдории фоҳишахонаҳо, инчунин ҷалби занон ба фоҳишагӣ (м.187 КҶ);

– ба бемории зуҳравӣ сироят намудани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки ба чунин беморӣ мубтало будани худро медонист (м. 188 КҶ).

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 дар бисёр ҷанбаҳо мавқеҳои консептуалӣ ва сохтории танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷинсиро, ки дар КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926 гузошта шуда буданд, мерос гирифт, вале ҳамзамон тамоюли дақиқсозӣ ва рушди як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро нишон дод.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 умуман ҳамин номгӯйи таркибҳои ҷиноятҳоро нигоҳ дошт, ки ин аз пайдарҳамии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин соҳа шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои марбут ба ҷиноятҳои ҷинсӣ дар ин кодекс ба таври низомнок ба сохтори умумии он ворид гардида, бо сатҳи баландтари танзими ҳуқуқӣ-техникӣ фарқ мекарданд. Қонунгузор ба фарқгузории ҷавобгарӣ вобаста ба хусусияти таҷовуз, синни ҷабрдида, усули содир намудани ҷиноят ва оқибатҳои баамаломада таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд.

Дар фарқият аз КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926, дар моддаи 185 КҶ ҶШС Тоҷикистон зери мафҳуми таҷовуз ба номус «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид, тарсондан ё бо роҳи истифода аз фиреб ва ҳолати нотавонии шахси ҷабрдида» фаҳмида мешуд. Ҳамин тариқ, таҳдид ва тарсондан ба он чизе баробар дониста мешуд, ки қаблан дар КҶ ҶШФСР соли 1922 ҳамчун зӯроварии руҳӣ зикр гардида буд.

Васеъ гардидани таркиби таҷовуз ба номус тавассути дохил намудани фиреб ҳамчун яке аз усулҳои содир намудани он баҳсҳои гуногунро дар байни муҳаққиқони ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд овард. Ин навоварӣ баҳсҳоро дар бораи ҳадду марзи тафсири ҳуқуқӣ-ҷиноятии зӯроварӣ ва ҳолати нотавонии ҷабрдида ба миён овард.

Аз ҷумла, А.А. Пионтковский ба норавшании ин мафҳум дар қонун ишора намуда, таъкид мекард, ки нисбат додани алоқаи ҷинсӣ «бо истифода аз фиреб аз ҳолати нотавонии ҷабрдида» метавонад ба хулосаи нодуруст оварда расонад, гӯё истифода аз ҳолати нотавонӣ, ки бо фиреб алоқаманд нест (масалан, аз ҳуш рафтани ҷабрдида), таркиби таҷовуз ба номусро ташкил намедиҳад. Ба ҳамин хотир, олим тафсири васеътар ва низомноки ин аломатро пешниҳод менамуд.

Аз ҷумла, ба андешаи ӯ, ба таҷовуз ба номус бояд, аввал, он ҳолатҳое мансуб дониста шаванд, ки ҷабрдида бинобар вазъи ҷисмонӣ ё равонии худ ба таври объективӣ аз имконияти муқобилият ба гунаҳгор маҳрум аст ва дуюм, ҳолатҳое, ки алоқаи ҷинсӣ тавассути чунин фиребе ба даст оварда мешавад, ки амалан занро ба вазъияте наздик ба ҳолати нотавонӣ мегузорад. Ба сифати мисол, А.А. Пионтковский ба ҳолатҳое ишора мекард, ки «занро нисбат ба шахсияти шарики ҷинсӣ ба иштибоҳ меандозанд, вақте ки ба ӯ тасаввури бардурӯғ талқин карда мешавад, ки гӯё ӯ ба алоқаи ҷинсӣ бо шавҳар ё ҳамзисти худ ворид мегардад» [41, с.

Ҳамзамон, «ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ, ки бо роҳи ваъдаи бастани ақди никоҳ дар оянда ба даст оварда шудааст, ҳамчун таҷовуз ба номус эътироф намегардид, зеро чунин фиреб, тавре ки дар доктрина таъкид мешуд, занро аз қобилияти дарк намудани моҳияти амалҳои анҷомдодашаванда маҳрум намесохт ва ҳолати нотавониро ба вуҷуд намеовард» [113, с. 38].

Ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ дар м.185 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 инҳо пешбинӣ гардида буданд:

агар таҷовуз ба номус боиси худкушии ҷабрдида гардида бошад;

агар он нисбат ба шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст, содир шуда бошад;

агар таҷовуз ба номус аз ҷониби якчанд шахс содир гардида бошад (қ. 2 м. 185 КҶ).

Барои таҷовуз ба номус ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар гардида буд, дар ҳоле ки ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои вазнинкунанда ҷазо шадидтар шуда, то маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол пешбинӣ мегардид.

Бо Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 7 апрели соли 1935 «Дар бораи чораҳои мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон» [45, с. 155] имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахсони ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида бо татбиқи ҳамаи чораҳои ҷазои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ, ба истиснои ҷазои қатл, аз синни дувоздаҳсолагӣ муқаррар карда шуд. Ин меъёрҳо нисбат ба ноболиғоне татбиқ мегардиданд, ки дар содир намудани дуздӣ, амалҳои зӯроварона, расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, куштор ё кӯшиши куштор, инчунин таҷовуз ба номус гунаҳгор дониста мешуданд. Дар қисми боқимонда низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар давраи пеш аз ҷанг ташаккул ёфта буд, умуман устувории худро нигоҳ дошта, баъд аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ амал мекард.

Пурзӯр гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус бо Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 4 январи соли 1949 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус» [41, с. 627] амалӣ гардид. Бархилофи муқарраротӣ м. 185 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935, ки ҷазои ниҳоиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба

муҳлати то ҳашт сол пешбинӣ менамуд, фармони мазкур ҷазоҳои хеле сахттар муқаррар кард. Аз ҷумла, барои содир намудани таҷовуз ба номус ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар лагерҳои ислоҳию меҳнатӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ сол пешбинӣ гардид. Ҳангоми таҷовуз ба номус нисбат ба ноболиғ, ҳамчунин барои кирдорҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудаанд ё ба оқибатҳои махсусан вазнин оварда расонидаанд, ҷавобгарӣ то маҳрум сохтан аз озодӣ дар лагерҳои ислоҳию меҳнатӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бист сол вазнин мегардид.

Рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи мавриди баррасӣ бо қабули Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 30 апрели соли 1954 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои одамкушии қасдона» [2] алоқаманд буд, ки тибқи он татбиқи ҷазои қатл нисбат ба шахсоне, ки кушторро дар робита бо таҷовуз ба номус содир намудаанд, иҷозат дода мешуд.

Аз 25 декабри соли 1958 қабул шудани Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ [46, с. 37] боиси таҷдиди ҳадди синни ҷавобгарии ҷиноятӣ гардид. Ҳангоми баланд бардоштани синни умумии ҳадди ақалли ҷавобгарии ҷиноятӣ то шонздаҳ сол, ҳамзамон қоидае муқаррар карда шуд, ки мутобиқи он барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла таҷовуз ба номус, ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад аз синни чордаҳсолагӣ оғоз гардад.

КҶ ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 қабул гардида, аз 1 декабри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Ин санади меъёрӣ «дар асоси принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 тасдиқ шуда буданд, таҳия гардида, ҳамин ҳолат самти консептуалӣ ва муҳтавои онро муайян намуд» [97, с. 297].

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 меъёрҳои махсуси ҷавобгарӣ барои зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба занонро

дар шакли амалҳои ҷинсии зӯроваронае, ки аз алоқаи ҷинсии «табиӣ» фарқ мекунанд, пешбинӣ намекард.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таври институтсионалӣ ба низоми ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ворид карда шуда, бо ҳаҷми нисбатан маҳдуди танзими ҳуқуқӣ тавсиф меёфтанд. Ин кодекс ҷавобгариро танҳо барои панҷ шакли таҷовузи ғайриқонунии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ муқаррар менамуд, ки қонунгузор ба онҳо инҳоро мансуб медонист: таҷовуз ба номус, занро маҷбур кардан ба алоқаи ҷинсӣ, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун барои балоғати ҷинсӣ нарасидааст, содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба ноболиғон, инчунин бачабозӣ.

Дар ин гурӯҳи ҷиноятҳо мавқеи марказиро таркиби таҷовуз ба номус ишғол менамуд, ки «муҳтавои он тавассути маҷмуи аломатҳои таҷовузи зӯроваронаи ҷинсӣ ифшо мегардид. Дар сохтори меъёрии аз қ. 1 м. 121 КҶ соли 1961 иқтибосшуда, таҷовуз ба номус ҳамчун «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид ё бо роҳи истифода аз вазъияти оҷизонаи ҷабрдида» маънидод мешуд» [12, с. 67].

Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус дар КҶ соли 1961 нисбат ба қонунҳои ҷиноятии қаблан амалкардаи шуравӣ хусусияти бештар рушдёфта ва низомнок дошт. Он бар асоси ба назар гирифтани тавсифи криминологии ин ҷиноят сурат гирифта, фарқгузории таркибҳои одӣ, вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаро дар назар дошт. Ҳамзамон қонунгузор доираи ҳолатҳоеро, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҷовуз ба номус вазнинтар менамуданд, ба таври назаррас васеъ гардонд.

Ба қатори аломатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ, ки дар м. 121 КҶ соли 1961 муқаррар гардида буданд, аз ҷумла таҷовуз ба номусе мансуб дониста мешуд, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки қаблан чунин ҷиноятро анҷом дода буд (қ.2 м. 121 КҶ).

Ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ шадидтар мегардид, бо содир намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок, ё бо ба амал омадани оқибатҳои махсусан вазнин, инчунин бо таҷовуз ба номус нисбат ба ноболиғ алоқаманд карда мешуданд. Муқаррароти зикршуда талоши қонунгузорро барои фарқгузории ҷавобгарӣ бо дарназардошти дараҷаи хавфи ҷамъиятии шахсияти гунаҳгор ва оқибатҳои ҷиноят инъикос менамуданд (қ. 3 м. 121 КҶ).

Дар минбаъда м. 121 КҶ ҶШС Тоҷикистон борҳо тағйир ва пурра карда шуд, ки ин аз рушди динамикии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус ва ҷустуҷӯи шаклҳои оптималии муқаррароти меъёрии он шаҳодат медиҳад.

Дар оғози солҳои 1960 сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ИҶШС дар соҳаи муқовимат ба ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таври назаррас шадид гардонида шуд, ки ин раванд дар қонунгузории ҷумҳуриявӣ низ инъикос ёфт. Аз ҷумла, бо Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 20 феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус» [3, с. 84], инчунин бо Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 июни соли 1962 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶШС Тоҷикистон» [5, с. 149], ки барои татбиқи санади умумииттифоқӣ қабул гардида буд, таҳрири м. 121 КҶ соли 1961 аз нав дида баромада шуд. Дар натиҷа, қонунгузор бори аввал таркиби махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номусро муқаррар намуд ва ҳамзамон ҷазо барои содир намудани онро ба таври назаррас вазнинтар гардонд, ки ин дар қисми сеюми моддаи зикршуда инъикос ёфт.

Рушди минбаъдаи ин меъёрҳо бо қабули Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 28 апрели соли 1980 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус»« [4, с. 348]

алоқаманд буд. Бо мақсади иҷрои ин санад, Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 21 июли соли 1980 [6, с. 123] қабул гардида, ба м. 121 КҶ тағйироти иловагӣ ворид карда шуд, ки дар дохил намудани қисми чорум ифода ёфт. Дар он «ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номусе муқаррар карда мешуд, ки аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок содир гардида, ба оқибатҳои махсусан вазнин оварда расонидааст, инчунин барои таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол. Ҷазои ин меъёр маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол ё татбиқи ҷазои истисноӣ – қатлро пешбинӣ менамуд» [6, с. 123].

Таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол аз рӯйи табиати худ ба қатори кирдорҳое мансуб аст, ки дар шароити махсусан вазнинкунанда содир мегарданд, зеро он метавонад ба расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида ва дар баъзе ҳолатҳо ба фавт оварда расонад, ҳамчунин ба рушди равонӣ ва ахлоқии ӯ таъсири ниҳоят манфӣ расонад. Хусусиятҳои синнусолии шахси хурдсол ба таври объективӣ имконияти дарк намудани моҳияти иҷтимоии амали ҷинсӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онро истисно менамоянд. Аз ин рӯ, «набудани муқобилияти фаъол аз ҷониби ҷабрдида наметавонад ҳамчун ифодаи розигии ихтиёрӣ арзёбӣ гардад. Ин ҳолат баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорро ҳамчун таҷовуз ба номус бартараф намесозад, зеро гунаҳгор дар чунин вазъиятҳо аз ҳолати нотавонии ҷабрдида истифода мебарад» [38, с. 99].

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақоми олии судӣ низ аз ҳамин мавқеъ бармеомад. Аз ҷумла, Пленуми Суди Олии ИҶШС чунин тавзеҳ дода буд, ки «содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо кӯдаки хурдсол дар сурати мавҷуд набудани маълумоте, ки аз дарки моҳияти амалҳои содиршаванда аз ҷониби ӯ шаҳодат диҳанд, бояд ҳамчун таҷовуз ба номус бандубаст карда шавад» [134, с. 615].

Дар Қарори Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 28 апрели соли 1980

ИЧШС «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус»« шарҳ дода мешуд, ки «зери мафҳуми таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол бояд таҷовуз ба номуси духтаре фаҳмида шавад, ки ба синни 14-солагӣ нарасидааст» [4, с. 348].

КҶ соли 1998 ҷиноятҳои ҷинсиро таҳти унвони умумии «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» муттаҳид намуд. Боби 18 КҶ низ чунин ном дошта, таркибҳои зерини ҷиноятҳоро дар бар мегирад: «таҷовуз ба номус (м. 138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 139), маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 140), алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба  синни 16-солагӣ нарасидааст (м. 141), ҳаракти бадахлоқона (м. 142), инчунин алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ (м.142$^1$)» [10].

Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин таркиби  алоҳидаи ҷиноят алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ» [10]  (м.142$^1$ КҶ ҶТ) ҷойгир шудааст.

Зери ин ҷиноят «алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона, ки бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динии ҷабрдида ё дар раванди таълими динӣ содир шудааст» фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ:

1. Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули давлатдории шуравӣ қонунгузории ҷиноятӣ бо хусусияти парокандагӣ ва набудани консепсияи ягонаи танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ тавсиф меёфт. Бо вуҷуди ин, дар тули солҳои дарози  рушди он заминаи устувори назариявию ҳуқуқии ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии шахсият ташаккул ёфт, ки муқаррароти он то андозае рушди

минбаъдаи институтҳои дахлдорро муайян намуда, дар доктринаи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос ёфтанд.

2. Дар ҷараёни дигаргуниҳои қонунгузории ҷиноятии шуравӣ кӯшишҳои пайдарпайи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус бо дарназардошти меъёрҳои объективӣ ва субъективии хавфнокии ҷамъиятӣ амалӣ мегардиданд. Пеш аз ҳама, хусусият ва дараҷаи вазнинии оқибатҳои баамаломада, инчунин хусусиятҳои синнусолии ҷабрдида ба эътибор гирифта мешуданд, ки ин аз талоши қонунгузор барои баҳодиҳии дақиқтар ва мақсадноки ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноят шаҳодат медиҳад.

3. Умуман, барои давраи шуравӣ тамоюли устувори пурзӯр гардондани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус хос буд, ки тавассути қабули санадҳои махсуси меъёрӣ ва васеъ намудани доираи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда амалӣ мегардид. Нисбат ба шаклҳои аз ҳама хавфноки ин ҷиноят санксияҳои ҷиноятӣ то ҳадди чораҳои ниҳоӣ, аз ҷумла татбиқи ҷазои истисноӣ – қатл, мерасиданд.

4. Таърихи рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба номус танзим менамояд, мувофиқ аст ба се марҳилаи асосӣ ҷудо карда шавад:

а) марҳилаи якум: аз соли 1917 то 1961, ки бо набудани меъёрҳои ҳамаҷониба таҳияшудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсиф меёфт. Дар ин давра барои таҷовуз ба номус чораҳои нисбатан сабуки ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ мегардиданд;

б) марҳилаи дуюм: аз 1961 то 1998, ки дар ҷараёни он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус ба таври назаррас пурзӯр карда шуд, то ҳадде ки имконияти таъйини ҷазои олӣ пешбинӣ мегардид. Ҳамзамон, ба қонунгузории ҷиноятӣ таркибҳои нави ҷиноятҳо ворид карда шуданд, аз

ҷумла маҷбур намудани зан ба алоқаи ҷинсӣ, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бачабозӣ муқаррар гардид;

в) марҳилаи сеюм: аз соли 1998 то имрӯз, ки бо муқаррар намудани қонунгузории объекти намудии ҷиноятҳо тавсиф меёбад. Дар ин давра таркибҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ низомнок гардида, дар боби алоҳидаи 18 «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид карда шуданд, ки қаблан дар қонунгузории миллии ҷиноятӣ вуҷуд надошт.

### 1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ воситаи муҳим барои ошкор намудани тамоюлҳои умумӣ, хусусиятҳои миллӣ ва самтҳои эҳтимолии такмили ҳуқуқи миллӣ ба ҳисоб меравад. Чунин таҳлил махсусан барои давлатҳое аҳаммиятнок аст, ки умумияти таърихӣ-ҳуқуқӣ доранд, зеро он имкон медиҳад арзёбӣ гардад, ки институтҳои ҳуқуқии шабеҳ дар шароити гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ чӣ гуна рушд меёбанд. Дар ин замина, оғоз намудани баррасӣ аз қонунгузории давлатҳои фазои пасошуравӣ мантиқӣ ба назар мерасад, зеро кодексҳои ҷиноятии онҳо заминаи умумии консептуалиро мерос гирифта, бо мурури замон фарқиятҳои ҷиддӣ пайдо кардаанд.

Таҳлилро лозим аст аз таркиби калидӣ – таҷовуз ба номус оғоз намуд. КҶ ФР дар м. 131 таҷовуз ба номусро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба ҷабрдида ё хешовандони наздики ӯ, ё бо истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида муайян менамояд.

Ҳангоми муқоисаи санксияҳо барои таҷовуз ба номуси одӣ метавон мушоҳида кард, ки ҳадди поёнии ҷазо дар ҳар ду қонунгузорӣ монанд

аст: ҳам КҶ ҶТ (қ. 1 м. 138) ва ҳам КҶ ФР (қ.1 м. 131) маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати аз се сол пешбинӣ менамоянд. Бо вуҷуди ин, ҳадди болоии ҷазо дар қонуни Тоҷикистон ҳафт солро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар қонуни Россия шаш сол мебошад.

Фарқиятҳои ҷиддитар дар таркибҳои вазнинкунанда ба назар мерасанд. Масалан, КҶ ҶТ дар қ.қ. 2 ва 3 м. 138 номгӯйи хеле васеъ ва муфассали аломатҳои вазнинкунандаро муқаррар мекунад, аз ҷумла сироят кардан ба бемории зуҳравӣ ё ВНМО, содир намудани ҷиноят дар бо истифода аз вазъияти бадбахтии умумӣ ё дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ, ки аз талоши қонунгузор барои фаро гирифтани шумораи ҳар чи бештари омилҳои хавфнок шаҳодат медиҳад.

Дар навбати худ, КҶ ФР (қ.қ. 2–5 м. 131) аломатҳои вазнинкунандаро ба таври дигар сохторбандӣ намуда, онҳоро аз рӯйи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ гурӯҳбандӣ мекунад ва баъзе ҳолатҳои махсусеро, ки дар қонуни Тоҷикистон мавҷуданд, дар бар намегирад.

Фарқияти аз ҳама ҷиддӣ дар санксияҳо зоҳир мегардад: КҶ ҶТ (қ. 3 м. 138) барои намудҳои махсусан вазнини таҷовуз ба номус, аз ҷумла нисбат ба кӯдаки хурдсол ё кирдоре, ки боиси сирояти ВНМО гардидааст, имконияти татбиқи ҷазои қатл ё якумра маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ менамояд. Дар ҳоле ки КҶ ФР (қ. 5 м. 131) ҳамчун ҷазои ҳадди аксар танҳо якумра маҳрум сохтан аз озодиро муқаррар мекунад.

Муҳимтарин ҷанбаи таҳлили муқоисавӣ муайян намудани синни розигии ҷинсӣ мебошад. КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 141 алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои зӯроварӣ ё истифодаи ҳолати нотавонӣ, ҷиноят эътироф мекунад. Равиши монанд дар м. 134 КҶ ФР муқаррар гардида, ҳамин ҳадди синнӣ – шонздаҳ сол пешбинӣ шудааст. Бо вуҷуди ин,

қонунгузории Россия тафриқаи мураккабтари ҷавобгариро вобаста ба синни ҷабрдида пешбинӣ менамояд: таркибҳо нисбат ба ҷабрдидагони синни аз дувоздаҳ то чордаҳ сол ҷудо карда мешаванд (қ. 3 м. 134, қ. 2 м. 135 КҶ ФР), инчунин эзоҳ ба моддаҳои 131 ва 132 ворид шудааст, ки тибқи он ҳар гуна амалҳои ҷинсӣ бо шахсе, ки ба дувоздаҳсолагӣ нарасидааст, бинобар ҳолати нотавонии ҷабрдида ҳамчун таҷовуз ба номус ё амалҳои зӯроваронаи дорои хусусияти ҷинсӣ бандубаст мегарданд.

КҶ ҶТ, дар навбати худ, синни чордаҳсолагиро ҳамчун ҳадди аломатҳои махсусан вазнинкунанда барои таҷовуз ба номус ва амалҳои зӯроварона истифода мебарад (б. «а» қ. 3 м. 138, б. «а» қ. 4 м. 139), аммо қоидаи умумии ҷудогонае нисбат ба кӯдакони хурдсоле, ки бинобар синну сол моҳияти амалҳоро дарк карда наметавонанд, пешбинӣ накардааст.

Ҳангоми баррасии меъёрҳо дар бораи ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бояд ба ҳаммонандии истилоҳот ишора кард. Ҳам м. 139 КҶ ҶТ ва ҳам м. 132 КҶ ФР бачабозӣ ва ҷимои зан бо занро, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид содир шудаанд, ба тарафи объективӣ дохил мекунанд. Бо ин вуҷуд, қонунгузори Россия мафҳуми нисбатан бетарафи гендерии «дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ»-ро истифода мебарад, дар ҳоле ки дар доктрина ва амалияи Тоҷикистон равиши суннатӣ нигоҳ дошта мешавад. Фарқияти ҷиддӣ дар он аст, ки КҶ ҶТ дар доираи м. 139 ҳам ҳаракати зӯроварона ва ҳам ғайризӯроваронаи бачабозӣ ва ҷимои зан бо занро нисбат ба ноболиғон ҷиноят мешиносад (бо шарти асосӣ – набудани розигӣ бинобар синну сол), дар ҳоле ки КҶ ФР аз охири солҳои 1990 аввали солҳои 2000 муносибатҳои гомосексуалии ихтиёрӣ байни калонсолонро декриминализатсия кардааст. Ин ҳолат фарқиятҳои амиқи иҷтимоӣ-фарҳангиро дар равишҳо нисбат ба мустақилияти ҷинсии шахсият инъикос менамояд.

Қонунгузории ҳар ду давлат, инчунин таркибҳои махсусеро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи ноболиғон аз ҳаракати бадахлоқона ва маҷбуркунӣ равона шудаанд. Моддаи 142 КҶ ҶТ ва м. 135 КҶ ФР, ҳамчунин м.140 КҶ ҶТ ва м. 133 КҶ ФР, аз ҷиҳати табиати ҳуқуқӣ ба ҳам монанд буда, ҷавобгариро барои кирдорҳое муқаррар мекунанд, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ вобаста нестанд, аммо рушди муътадили психосексуалии кӯдакро халалдор месозанд. Дар айни замон, КҶ ҶТ бо сатҳи баланди тафсилот фарқ мекунад, аз ҷумла бо ворид намудани таркиби нодири алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ (м. 142[1] КҶ ҶТ), ки хусусиятҳои шуури ҳуқуқии миллӣ ва талоши ҳифзи на танҳо дахлнопазирии ҷисмонӣ, балки дахлнопазирии маънавии шахсиятро инъикос мекунад. Дар КҶ ФР чунин меъёри махсус мавҷуд нест, ҳарчанд амалҳои мувофиқ метавонанд дар доираи таркибҳои умумӣ бо истифода аз ҳолати нотавонӣ фаро гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ аз як тараф заминаи умумии консептуалиро, ки аз ҳуқуқи шуравӣ мерос мондааст, ошкор месозад ва аз ҷониби дигар – фарқгузории назаррас дар ҷузъиёти танзимро нишон медиҳад. КҶ ФР ба самти расмиятнокӣ ва тафсилоти бештари меъёрҳои синнусолӣ, мафҳумҳои бетарафи гендерӣ (тавассути низоми ду модда) ва даст кашидан аз криминализатсияи муносибатҳои гомосексуалии консенсуалӣ равона шудааст. КҶ ҶТ бошад, равиши суннатӣ, муфассал ва дар қисми санксияҳо шадидтарро нигоҳ дошта, ҳифзи арзишҳои анъанавиро бо ворид намудани таркибҳои махсусе, ки омили динро ба инобат мегиранд, тақвият медиҳад. Ин фарқиятҳо инъикоси қонунии векторҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ-ҳуқуқии ду давлат мебошанд.

Ҳангоми таҳлили КҶ Ҷумҳурии Беларус [8], пеш аз ҳама, модели ҳифзи гендерии ҷабрдидагон аз таҷовуз ба номус ҷолиби диққат мебошад, ки аз лиҳози моҳият ба равиши Тоҷикистон монанд аст. Моддаи 166 КҶ ҶБ, монанд бо м. 138 КҶ ҶТ, ҷабрдидаи ин ҷиноятро танҳо зан мешиносад, ки ин равиши суннатиро барои фазои пасошуравӣ ҳифз менамояд. Бо вуҷуди ин, техникаи қонунгузорӣ дар кодекси беларусӣ фарқ мекунад: дар диспозитсияи қ. 1 м.166 КҶ ҶБ ибораи алоқаи ҷинсӣ бархилофи иродаи ҷабрдида» истифода мешавад, ки ба дарки субъективии ҷабрдида таъкид мегузорад, дар ҳоле ки дар КҶ ҶТ таъкид ба усулҳои объективии содир намудани ҷиноят – истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ё истифода аз вазъи оҷизӣ равона шудааст. Ин фарқият мантиқи дигаргуни бандубастро ба вуҷуд меорад, ки дар он бархилофи ирода будан унсури марказӣ мегардад.

Низоми санксияҳо дар қонунгузории Беларус нисбат ба Тоҷикистон ба маротиб мулоимтар ба назар мерасад. Таҷовуз ба номуси одӣ тибқи қ. 1 м.166 КҶ ҶБ бо маҳдуд намудани озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол ҷазо дода мешавад, дар ҳоле ки қ. 1 м.138 КҶ ҶТ танҳо маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати аз се то ҳафт сол пешбинӣ мекунад ва алтернативаи маҳдуд намудани озодиро истисно менамояд. Фарқият дар таркибҳои вазнинкунанда боз ҳам равшантар аст: КҶ ҶБ барои таҷовуз ба номус на ҷазои қатл ва на якумра маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ намекунад; ҳатто барои кирдоре, ки аз рӯйи беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё сирояти ВНМО гардидааст, ҳадди аксари ҷазо понздаҳ сол маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад (қ. 3 м. 166 КҶ ҶБ). Дар Тоҷикистон бошад, чунин оқибатҳо дар баробари таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол ба номгӯйи асосҳо барои таъйини ҷазои қатл ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дохил мешаванд (б. «г» қ. 3 модд. 138 КҶ ҶТ).

Хусусияти муҳимми пешрафтаи КҶ Ҷумҳурии Беларус танзими муфассали ҳифзи кӯдакони хурдсол мебошад. Дар эзоҳ ба моддаҳои 166 ва 167 КҶ ҶБ презумпсияи ҳолати нотавонӣ нисбат ба шахсе, ки ба дувоздаҳсолагӣ нарасидааст, бевосита муқаррар карда шудааст, зеро чунин шахс бинобар синну сол моҳият ва аҳаммияти амалҳои содиршавандаро дарк карда наметавонад. Ин ҳалномаи қонунгузорӣ мушкилоти исботи ҳолати нотавониро барои ин гурӯҳи синнусолӣ бартараф намуда, ҳар гуна алоқаи ҷинсӣ бо чунин кӯдакро бевосита ҳамчун зӯроварона бандубаст мекунад. Ин мавқеъ нисбат ба КҶ ҶТ равшантар ва сахттар аст, зеро дар Тоҷикистон синни чордаҳ сол танҳо ҳамчун аломати вазнинкунанда хизмат мекунад, на ҳамчун ҳадди қобилияти мутлақан надоштани розигӣ.

КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон [7], ки ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардидааст, кӯшиши модернизатсия намудани таркибҳои суннатиро нишон медиҳад. Таърифи таҷовуз ба номус дар м. 154 КҶ ҶҚ дорои аломати махсусест, ки дар қонуни Тоҷикистон мавҷуд нест: зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он ҳамчун барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набудан тавсиф мегардад. Ин дақиқсозӣ, аз як тараф, диспозитсияи таркиби асосиро маҳдуд месозад, аммо аз ҷониби дигар, зарурати фарқгузорӣ бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатиро ба миён меорад, ки метавонад бандубастро дар ҳолатҳои мураккаб, масалан ҳангоми ҳамзамон содир шудани зӯроварии ҷинсӣ ва расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, душвор гардонад.

Таркибҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус тибқи КҶ ҶҚ нисбат ба КҶ ҶТ ба таври дигар сохторбандӣ шудаанд. Қонунгузории Қирғизистон аз рӯйхати ниҳоят муфассали ҳолатҳои вазнинкунанда даст кашида, низоми ҷамъу мухтасар, вале пурмуҳтаворо ихтиёр намудааст. Масалан, қ. 2 м.154 КҶ ҶҚ ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда содир намудани ҷиноятро «аз ҷониби гурӯҳи шахсон, бо таҳдиди зӯроварии барои ҳаёт ё

саломатӣ хавфнок, инчунин бо бераҳмии махсус зикр мекунад»[7]. Ҳамзамон, дар кодекс аломатҳои муосир низ пешбинӣ шудаанд, аз қабили содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (б.б. 3, 4 қ. 3 м. 154 КҶ ҶҚ), ки ин аз равона будани сиёсати ҷиноятӣ ба муқовимат ба ҷинояткории муташаккил шаҳодат медиҳад. Бархилофи Тоҷикистон, қонуни Қирғизистон сироят кардани бемории зуҳравӣ ё ВНМО-ро ҳамчун аломатҳои мустақили вазнинкунанда ҷудо намекунад ва эҳтимолан онҳоро дар доираи дигар оқибатҳои вазнин баррасӣ менамояд.

Хусусияти қонунгузории Қирғизистон дар равиш ба ҷазо барои шаклҳои аз ҳама вазнини таҷовуз ба номус ифода меёбад. Қисмҳои 3 ва 4 м.154 КҶ ҶҚ барои кирдорҳое, ки нисбат ба кӯдаки то чордаҳсола содир шудаанд ё ба оқибатҳои вазнин оварда расонидаанд, ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати понздаҳ сол ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз бекор гардидани ҷазои қатл, ҳамчунин монанди Ҷумҳурии Беларус, ҳадди болоии фишори ҷазоӣ хеле баланд боқӣ мемонад, ҳарчанд чораи истисноии ҷазоро, ки дар КҶ ҶТ ҳифз шудааст, дар бар намегирад. Ин ҳолат ба тамоюли умумии фазои пасошуравӣ (ба истисноии Тоҷикистон) ишора мекунад, ки ба гуманизатсияи санксияҳо ҳатто барои ҷиноятҳои аз ҳама вазнин ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ равона шудааст.

КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон [9] намунаи қонунгузории фаъолона рушдёбанда мебошад, ки ҳам равишҳои суннатӣ ва ҳам навро дар бар мегирад. Монанди Тоҷикистон, таҷовуз ба номус (м. 120 КҶ Қазоқистон) ҳамчун ҷиноятe маънидод мешавад, ки ҷабрдидаи он метавонад танҳо зан бошад. Бо вуҷуди ин, низоми аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар кодекси Қазоқистон, эҳтимол, ба дараҷаи баландтарини тафсилот ва мураккабӣ дар минтақа расидааст. Пас аз як қаторислоҳот, сохтори зинавӣ бо қисмҳои иловагӣ (3-1, 3-2) ҷорӣ

гардид, ки содир намудани ҷиноятро нисбат ба ноболиғ, аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ, инчунин аз ҷониби субъекти махсус – падару модар ё омӯзгор ба эътибор мегирад. Ин дақиққорӣ дар фарқгузории ҷавобгарӣ ҳатто аз таҷрибаи монанд дар КҶ ҶТ ҳам фаротар меравад.

Санксияҳо барои ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷумлаи сахттаринҳо дар кишварҳои ИДМ ба ҳисоб мераванд. Ҳанӯз барои таҷовуз ба номуси одӣ тибқи қ. 1 м.120 КҶ Қазоқистон  ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол муқаррар шудааст, ки ин нишондиҳанда на танҳо аз ҳадди поёнии қонунгузории Беларус, балки аз Тоҷикистон низ баландтар мебошад. Барои таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол ё кирдоре, ки боиси марги ҷабрдида гардидааст, қисми 4 ҳамон модда ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодро пешбинӣ мекунад. Гарчанде ҷазои қатл дар ин модда зикр нашудааст, сатҳи умумии сахтгирии сиёсати ҷиноятӣ аз равиши хеле ҷиддӣ шаҳодат медиҳад, ки аз лиҳози шиддат ба сиёсати Тоҷикистон монанд буда, аммо дар доираи маҷмуи дигари намудҳои ҷазо амалӣ мегардад.

Қонунгузории Қазоқистон, инчунин равиши инноватсиониро дар криминализатсияи рафторҳое нишон медиҳад, ки бо тамоси ҷисмонӣ ё маҷбуркунии мустақим алоқаманд нестанд. Бо ворид намудани моддаи шахсоне, ки ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидаанд», холигии муҳимми ҳуқуқӣ пур карда шуд. Ин меъёр пешниҳодҳои ношоиста, аз ҷумла бо истифода аз интернет, ё ламсҳои дорои хусусияти ҷинсиро дар бар мегирад, ки ба аломатҳои классикии «ҳаракати бадахлоқона» мувофиқат намекунанд. Ин таркиб, ки дар КҶ ҶТ мавҷуд нест, ба пешгирии барқарор намудани муносибатҳои эътимодӣ бо кӯдак барои содир намудани амалҳои ҷинсии минбаъда ё дигар шаклҳои озор дар марҳилаи

ибтидоӣ равона шудааст ва ба таҳдидҳои муосир дар ҳифзи ноболиғон дар асри рақамӣ посух медиҳад.

Бо анҷоми таҳлили қонунгузории кишварҳои ИДМ, зарурати гузариш ба баррасии моделҳои ҳуқуқии кишварҳои хориҷии дур аҳаммияти принсипӣ пайдо мекунад, зеро онҳо бар пояи равишҳои дигаргуни фалсафӣ-ҳуқуқӣ бунёд ёфтаанд. Агар дар кодексҳои ҷиноятии пасошуравии баррасишуда, аз ҷумла КҶ ҶТ, маҳаки асосии таркибҳои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ҳамоно истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ё истифода аз ҳолати нотавонӣ боқӣ монад, пас дар ҳуқуқи бисёре аз кишварҳои Ғарб категорияи марказӣ розигии озодона ва огоҳона додашуда мегардад. Ин тағйирёбӣ на танҳо сохтори таркибҳои ҷиноятиро, балки тақсимоти бори исбот ва худи мантиқи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба таври куллӣ дигар мекунад, ки онро Қонуни Британияи Кабир «Дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ» соли 2003 равшан нишон медиҳад.

Бо муаллифоне розӣ шудан мумкин аст, ки бар онанд: қонунгузорони Аврупои Ғарбӣ зуҳуроти перверсияҳои ҷинсиро (ки нисбат ба шахсони болиғ бо истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ва монанди инҳо содир мешаванд) ба ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ ҷудо менамоянд.

Масалан, Қонуни Британияи Кабир «Дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ» соли 2003, чунонки дар матни худи он зикр шудааст, «қонунест, ки муқарраароти навро дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ, пешгирии онҳо ва ҳифзи кӯдакон аз зараре, ки аз ҷониби дигар амалҳои ҷинсӣ расонида мешавад, дар бар мегирад».

Ин қонун: «Розигӣ»-ро ҳамчун розигии шахс муайян мекунад, агар ӯ бо иродаи худ розӣ шуда бошад ва озодӣ ва қобилият барои анҷом додани чунин интихобро дошта бошад. Қонун ҳамчунин презумпсияҳои исботӣ ва радшавандаи розигиро дар бар мегирад.

Таҷовуз ба номусро ҳамчун ворид намудани узви ҷинсии мардона ба маҳбали ҷинсӣ, маъқад ё даҳони шахси дигар бе розигӣ тасниф мекунад.

Таркиби нави ҷиноятро ҷорӣ менамояд – ҳамла тавассути ворид намудани қисми бадан ё ашёи бегона (масалан, шиша) ба маъқад ё маҳбал бе розигӣ.

Зӯроварии ҷинсиро ҳамчун ламси қасдонаи ҷинсӣ бе розигӣ муайян мекунад. Ин метавонад ламс ба ҳар қисми бадан, бо либос ё бе либос, бо қисми бадан ё бо ашёро дар бар гирад.

Ин қонун розигӣ ба алоқаи ҷинсиро ба унсури аввалиндараҷа табдил медиҳад. Он таърифи равшан ва дақиқи розигиро муқаррар намуда, ҳамзамон уҳдадориҳои навро пешбинӣ мекунад: шахси гумонбар бояд исбот намояд, ки ӯ асосҳои оқилона барои бовар кардан дошт, ки шарики ҷинсиаш розигӣ додааст.

Дар сурати даъвои таҷовуз ба номус ё зӯроварии ҷинсӣ, прокурорҳо масъалаи розигиро дар ду марҳила баррасӣ мекунанд. Аввалан, муайян менамоянд, ки оё муроҷиаткунанда имконияти интихоб – иштирок кардан ё накардан дар фаъолияти ҷинсиро дошт ё не (масалан, оё истеъмоли моводи мухаддир ё машрубот ба қобилияти додани розигӣ таъсир расонидааст). Ҳамчунин, баррасӣ мешавад, ки оё муроҷиаткунанда дар интихоби худ озод буд ё ба ягон шакл маҳдуд карда шудааст.

Қонуни соли 2003 бори аввал ҷинояти таҷовуз ба номусро бо таърифи муфассал муайян намуд. Моддаи 1 онро чунин баён мекунад:

(1) Шахс (A) ҷиноят содир мекунад, агар:

(a) огоҳона узви ҷинсии худро ба маҳбал, маъқад ё даҳони шахси дигар (B) ворид намояд; ва

(b) B ба чунин воридкунӣ розигӣ надода бошад; ва

(c) A асосҳои оқилона барои бовар кардан надошта бошад, ки B розигӣ додааст.

Ҳангоми муайян намудани оқилона будани эътиқоди A ҳамаи ҳолатҳои

парванда ба назар гирифта мешаванд, аз ҷумла қадамҳое, ки A барои санҷидани розигии B андешидааст.

(3) Презумпсияҳои пешбинишуда дар бахшҳои 75 ва 76-и ҳамин Қонун нисбат ба ҷиноятҳои дар ин бахш зикршуда татбиқ мегарданд.

(4) Шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти дар ин бахш пешбинишуда гунаҳгор дониста мешавад, ҳангоми маҳкум шудан тибқи айбнома ба якумра маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум мегардад».

Ин ҷиноят қасдона  ба ҳисоб меравад, зеро воридкунӣ огоҳона анҷом дода мешавад ва розигии ҷабрдида бо дараҷаи кофии итминон мавҷуд нест. Амали ҷинсӣ метавонад маҳбалӣ ё маъқадӣ бошад; алоқаи даҳонӣ бе розигӣ ба ин таркиб дохил намешавад.

Ҳамин тариқ, агар ҷабрдида қобилияти интихоби озодонаро надошта бошад (масалан, бинобар синни хурдсолӣ, номукаллафӣ ва ғайра) ё аз озодии интихоб маҳрум карда шуда бошад (масалан, таҳти таҳдид бо силоҳ қарор дошта бошад), ӯ розигӣ дода ҳисобида намешавад. Қонун талаб намекунад, ки ҷабрдида барои исботи набудани розигӣ ҳатман муқобилияти ҷисмонӣ нишон диҳад. Масъалаи он ки оё ҷабрдида ба алоқаи ҷинсӣ розигӣ додааст ё не, саволест, ки бояд аз ҷониби суд ҳал карда шавад.

Илова бар ин, Қонуни соли 2003 як қатор ҷиноятҳоро ҷорӣ намуд, ки ҳамчун омодагӣ ба содир намудани ҷинояти ҷинсӣ арзёбӣ мегарданд ва барои онҳо ҷазои ҳадди аксар дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол пешбинӣ шудааст. Ба чунин ҷиноятҳо дохил мешаванд: ворид намудани маводи нашъадор ё дигар воситаҳо бо мақсади фурӯ нишондани иродаи ҷабрдида барои осон гардонидани содир намудани амали ғайриқонунии ҷинсӣ; содир намудани кирдорҳо бо ҳадафи мусоидат ба анҷом додани ҷинояти ҷинсӣ; инчунин воридшавии ғайриқонунӣ ба муассиса бо мақсади содир намудани ҷинояти ҷинсӣ.

Дар Тоҷикистон имрӯз мавқее ҳимоя мешавад, ки мувофиқи он гомосексуализм, яъне майли ҷинсӣ ба шахсони ҷинси худ, агар он дар асоси ихтиёрӣ амалӣ гардад, бояд на ҳамчун кирдоре, ки таҳти таҳдиди ҷазои ҷиноятӣ манъ шудааст, балки ҳамчун ҳолати махсуси организми инсон, рафтори ҷинсии ғайритипикӣ ва ҳатто ҳамчун нуқсони табиӣ баррасӣ карда шавад. Бо вуҷуди ин, Я.И. Гилинский ҳам гомосексуализм ва ҳам бисексуалият (майли ҷинсӣ ба шахсони ҳар ду ҷинс)-ро «ҳолатҳои муқаррарӣ» мешуморад, ба он маъно, ки онҳо натиҷаи гуногуншаклии майли ҷинсӣ мебошанд, ки дар раванди эволютсияи насли инсон ташаккул ёфтаанд. Агар ҳамаи шаклҳои дигар, ғайр аз гетеросексуалӣ, комилан патологӣ мебуданд, онҳо кайҳо дар натиҷаи интихоби табиӣ аз байн мерафтанд.

Дар айни замон, «Созмони ҷаҳонии тандурустӣ чунин зуҳуроти тамоюли ҷинсиро, ба монанди гомосексуализм ва бисексуалият (майли ҷинсӣ ба шахсони ҳар ду ҷинс), ҳамчун патологияҳои равонӣ эътироф намекунад» [21, с. 271]. Дар парвандаи «Даджен бар зидди Подшоҳии Муттаҳида» (1981), «Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муайян намуд, ки манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибатҳои гомосексуалии хусусӣ ва ихтиёрӣ байни мардони болиғ, ки қобилияти арзёбӣ ва идора намудани амалҳои худро доранд, муқаррароти моддаи 8 Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз соли 1950 («Ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ»)-ро вайрон мекунад» [22, с. 360–384].

Чунин қарорҳои қабулнамудаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон қонунгузорони кишварҳое чун Австралия, Ирландия ва Кипрро водор сохтанд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муносибатҳои гомосексуалии ихтиёрӣ бекор намоянд. Дар айни замон, дар бисёре аз кишварҳои мусалмонӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бачабозии ихтиёрӣ то ҳол ҳифз гардидааст.

Азбаски дар Исроил қонунгузории кодификатсияшуда вуҷуд надорад, Қонуни ҷиноятӣ шакли кодексро надошта, ҷавобгариро барои ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар қонунгузории Исроил пешбинӣ шудаанд, фаро намегирад. Бо вуҷуди ин, он ҳамчун қонуни асосии ҷиноятии Исроил эътироф мегардад ва муқаддима ва бахшҳои умумии он ба ҳамаи дигар қонунҳое татбиқ мешаванд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунанд (масалан, Қонуни пешгирии озори ҷинсӣ аз соли

Дар ҳуқуқи ҷиноятии Исроил мафҳуми «содомия» ворид намудани қисми бадани инсон ё ягон ашё ба мақъад, ё ворид намудани узви ҷинсии мардона ба даҳонро дар бар мегирад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, ҷабрдидаи таҷовуз ба номус танҳо зан эътироф мешавад, дар ҳоле ки дар баъзе қонунгузориҳои хориҷӣ ҷабрдида метавонад ҳам мард ва ҳам зан бошад.

Дар моддаи 2 Қонуни Британияи Кабир аз соли 2003 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамла тавассути воридкунӣ ва ҳамчунин барои амалҳои омодагӣ тавассути ворид намудани модда ҷиноят эътироф гардидааст; чунин таркибҳо дар КҶ ҶТ ба таври ҷудогона пешбинӣ нашудаанд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, тибқи қисми 109а Кодекси ИМА қисмҳои 2241–2248), байни таҷовуз ба номус, қонеъ гардонидани зӯроваронаи ҳиссиёти ҷинсӣ ба таври ғайритабиӣ ва баъзе дигар ҷиноятҳои ҷинсӣ фарқгузорӣ сурат намегирад. Ба ҷойи ин, қонун мафҳуми калидии «ҳамлаи ҷинсӣ»-ро истифода мебарад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки дар ҷаҳони муосир ду модели асосии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ мавҷуданд. Давлатҳои фазои пасошуравӣ (Тоҷикистон, Россия, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон), сарфи назар аз фарқиятҳо дар ҷузъиёт, санксияҳо ва дараҷаи тафсилоти таркибҳо, аломати асосии ҷиноятҳои ҷинсӣ, яъне истифодаи зӯровариро нигоҳ

доштаанд. Дар пояи ин модел криминализатсияи амалҳои ҷинсие қарор дорад, ки бо истифодаи маҷбуркунии беруна (зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид) ё бо истифода аз нотавонии объективии ҷабрдида барои муқобилият (вазъи оҷизӣ) содир мешаванд. Маҳдудкунандаи калидӣ ва умумӣ ҳамоно таърифи гендерии таҷовуз ба номус боқӣ мемонад, ки дар он ҷабрдида танҳо зан диниста мешавад, ҳарчанд барои ҳифзи мардон таркибҳои мувозӣ пешбинӣ мегарданд.

Баръакс, қонунгузории кишварҳои хориҷии дур, чунонки намунаи Британияи Кабир нишон медиҳад, ба модели розигӣ (консенсуалӣ) асос меёбад. Дар ин ҷо таркиби асосии ҷиноят атрофи набудани розигии ихтиёрӣ ташаккул меёбад, дар ҳоле ки зӯроварӣ ё таҳдид танҳо роҳҳое мебошанд, ки тавассути онҳо набудани розигӣ амалӣ мегардад, на унсурҳои ягона. Чунин равиш масъалаи ихтиёрияти иродаи ҷабрдидагонро ба марказ меорад, таъкидро ба дарки субъективии онҳо мегузаронад ва барои шахс уҳдадории фаъол муқаррар мекунад, то мавҷудияти розигиро санҷад. Ҳамин тавр, фарқияти бунёдӣ байни низомҳои ҳуқуқии баррасишуда на дар дараҷаи сахтии ҷазо, балки дар консепсияи неъмати ҳифзшаванда ва дар он ифода меёбад, ки қонуни ҷиноятӣ кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ ва арзишҳоро дар ин соҳа ҳифз кардан мехоҳад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, метавон хулосаҳои зеринро баровард:

1. Дар даҳсолаҳои охир низоми ҷаҳонии адолати ҷиноятӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардидааст. Ин тағйирот ҳам ғояҳои гуманистиро инъикос менамоянд ва ҳам талошро барои ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон нишон медиҳанд.

2. Тамоюлҳои асосӣ дар ин соҳа дар декриминализатсияи баъзе кирдорҳо (аз қабили зино, муносибатҳои ихтиёрии ҳамҷинсгароёна), бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар қонунгузорӣ, шадид

гардондани ҷазо барои ҷиноятҳо нисбат ба кӯдакон, васеъ намудани номгӯйи чунин ҷиноятҳо ва ҷорӣ намудани чораҳои пешгирии зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба ноболиғон ифода меёбанд.

3. Як қатор давлатҳо, бахусус кишварҳои Аврупо, дар ин соҳа таҷрибаи ғании ҳуқуқӣ ва амалии татбиқи қонунгузориро ҷамъоварӣ намудаанд. Омӯзиши қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунандаи онҳо метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми такмили қонунгузории ҷиноятӣ муфид бошад.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС

## 2.1. Таҳлили аломатҳои объективии таҷовуз ба номус

Таҷовуз ба номус ҳамчун ҷиноят дар м. 138 КҶ муқаррар гардида, аз се қисм иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо аломатҳои гуногуни вазнинкунандаро пешбинӣ менамоянд. Дар боби 18 КҶ ҶТ таҷовуз ба номус ҳамчун яке аз кирдорҳои аз ҳама хавфноки ҷамъиятӣ эътироф шуда, дар муқоиса бо аксари ҷиноятҳои дигари ин боб, ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мансуб융 дониста мешавад ва дорои сатҳи баланди паҳншавӣ мебошад.

Дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят бо он шарҳ дода мешавад, ки он оқибатҳои вазнини манфиро ҳам барои ҷабрдида ва ҳам барои ҷомеа дар маҷмуъ ба бор меорад. Аз ҷумла, таҷовуз ба номус ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҷабрдида таъсири ниҳоят номусоид мерасонад, метавонад ба фаъолияти репродуктивии ӯ таъсири манфӣ расонад, дар як қатор ҳолатҳо боиси вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ мегардад, инчунин ба паҳншавии рафтори ғайриахлоқӣ ва тамоюлҳои девиантии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Содир намудани ин ҷиноят пояҳои ахлоқии ҷомеаро халалдор намуда, аз бераҳмии махсус, таназзули арзишҳои маънавӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шахсият ва шаъну шарафи он шаҳодат медиҳад.

Таҷовуз ба номус тибқи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба зан ё хешовандони наздики ӯ, ё бо истифода аз ҳолати нотавонии зан» муайян карда мешавад.

Муайян намудани дурустии объекти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ масъалаи муҳимми назариявӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад, «зеро маҳз аз дақиқ муайян кардани объект вобаста аст: дуруст ошкор намудани аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, ҷойгир кардани он дар Қисми махсуси КҶ, муайян намудани хусусияти кирдори ҷиноятӣ, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он, бандубасти дуруст ва фарқгузорӣ аз дигар ҷиноятҳо. Ин унсури таркиби ҷиноят имкон медиҳад моҳияти

ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кирдори ҷиноятӣ, ҳудуд ва шаклҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шаванд» [121, с. 65].

Илова бар ин, муайян намудани дурустии объекти ҷиноят аҳамияти на танҳо назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Аҳамияти назариявии муайян кардани объекти ҷиноят дар он ифода меёбад, ки он барои дарки моҳияти иҷтимоии ҷиноят, аз ҷумла хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он мусоидат мекунад; омӯзиши арзишҳое, ки кирдорҳои ҷамъиятан хавфнок ба онҳо таҷовуз мекунанд, яке аз роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад (таҳқиқи иерархияи арзишҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад мушкили ташкили низоми дақиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳал гардад); арзишҳои иҷтимоии аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзнашударо ошкор менамояд, ки ин барои қабули қонунҳои дахлдори ҷиноятӣ замина фароҳам меорад; муайян намудани объектҳои кирдорҳои ҷиноятӣ дар маҷмуъ бо дигар унсурҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ имкон медиҳад навъҳои мушаххаси ҷиноятҳо муайян карда шаванд.

Дар натиҷаи таҷовуз ба номус на танҳо ҷисми инсон, балки ҳуқуқҳои бунёдии инсон низ осеб мебинанд: озодии ҷинсӣ (ҳуқуқи мустақилона интихоб намудани шарик ва шакли муносибатҳои маҳрамона) ва дахлнопазирии ҷинсӣ.

Объекти бевоситаи таҷовуз ба номус озодии ҷинсии зан мебошад. Ҳамзамон, «ҳамчун объекти факултативӣ саломатии ҷабрдида баромад карда метавонад, зеро дар аксари ҳолатҳо таҷовуз ба номус бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир мегардад, ки хавфи воқеии расонидани зарари ҷисмонӣ ё равониро ба вуҷуд меорад» [51, с.

Озодии ҷинсӣ – ин ҳуқуқи инсон барои мустақилона ихтиёрдорӣ намудани бадани худ ва ҳал кардани он аст, ки бо кӣ ва чӣ гуна ба муносибатҳои ҷинсӣ ворид шавад. Он аз лаҳзаи расидан ба синни

балоғати ҷинсӣ ба вуҷуд омада, то он даме идома меёбад, ки инсон қобилияти истифодаи онро дорад.

Дахлнопазирии ҷинсӣ – ин манъи мутлақи ҳар гуна амалҳои дорои хусусияти ҷинсӣ бидуни розигии шахс мебошад. Он шахсони ба синни 16 сол нарасида, инчунин шахсони гирифтори ихтилолҳои равониро ҳифз мекунад, ки наметавонанд розигии огоҳона диҳанд.

Таҷовуз ба номус ҷинояти вазнин буда, бо роҳи истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид, инчунин бо истифода аз ҳолати нотавонии ҷабрдида содир мегардад. Набудани ҳадди ақал яке аз ин унсурҳо бандубасти кирдорро ҳамчун таҷовуз ба номус истисно мекунад.

Масъалаи калидӣ пеш аз ҳама ба муайян намудани мафҳуми таҷовуз ба номус марбут аст. Пас, таҷовуз ба номусро чӣ гуна бояд муайян кард: ҳамчун алоқаи ҷинсӣ дар сурати набудани розигӣ ё ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё маҷбуркунии равонӣ, қувва ё таҳдиди истифодаи он, ё бо истифода аз дигар ҳолатҳои маҷбуркунанда? Барои посух додан ба ин савол, зарур аст ба санадҳои асосии байналмилалӣ дар ин соҳа муроҷиат намоем.

Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза ба муқобили зӯроварӣ нисбат ба занон ва зӯроварии хонаводагӣ (Конвенсияи Истанбул) созишномаи калидии байналмилалӣ буда, ба мубориза бо чунин поймолкуниҳои ҳуқуқи инсон равона шудааст. Ҳадафи асосии он сиёсати «таҳаммулнопазирии мутлақ» нисбат ба ин навъи зӯроварӣ мебошад. Аз ин рӯ, татбиқи Конвенсия метавонад қадами ҷиддӣ дар роҳи таҷдиди мафҳуми анъанавии таҷовуз ба номус дар қонунгузории Тоҷикистон гардад. Дар айни ҳол, Тоҷикистон ин Конвенсияро имзо накардааст.

Соли 2004 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар намуд, ки омили ҳалкунанда барои бандубасти кирдор ҳамчун таҷовуз ба номус на истифодаи зӯроварӣ барои бартараф намудани муқобилият, балки

набудани розигии ҷабрдида мебошад (парвандаи M.C. v. Bulgaria, қарорест, ки нишон дод набудани зӯроварӣ маънои мавҷуд будани розигиро надорад). Ин парванда ба аризаи M.C. марбут буд, ки иддао дошт ду мард ӯро 31 июл ва 1 августи соли 1995, вақте ки ӯ 14-сола буд, ду маротиба таҷовуз кардаанд. Ҳодисаҳо шабона пас аз боздид аз диско-бар рух дода буданд. Ӯ бо яке аз ин мардон шаби қабл шинос шуда буд, марди дигар бародари ҳамсинфи духтар буд. Ҷабрдида ба полис муроҷиат кард. Моҳи ноябри соли 1995 айбдоркунандаи давлатӣ парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, онро ба тафтишгар ирсол кард.

Дар аризаи худ ба мақомоти тафтишотӣ духтар изҳор намуд, ки барои муқовимат ба зӯроварӣ қувва надошт, дар ҳоле ки ду мард иддао мекарданд, ки алоқаи ҷинсӣ бо розигии ихтиёрии ӯ сурат гирифтааст. 17 марти соли 1997 прокурор бо далели исбот нашудани истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид нисбат ба M.C. дастур дод, ки таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шавад. Ӯ зикр кард, ки аз ҷониби ҷабрдида нишонаҳои муқобилият ё кӯшиш барои муроҷиат ба кумаки тиббӣ мавҷуд набудаанд. Ҷабрдида ин қарорро шикоят намуд.

Бо вуҷуди ин, шикоятҳо бо асосҳои якхела рад карда шуданд. Аз ҷумла, дар ҷавоб ба шикояти дуюм прокурор изҳор дошт, ки нишонаҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ, аз қабили кӯфтагӣ ё дарида шудани либос, сабт нашудаанд. Ӯ таъкид намуд, ки ҳарчанд барои духтари ноболиғ анҷом ёфтани алоқаи ҷинсӣ ду маротиба дар муддати кӯтоҳ бо ду шахси гуногун ҳолати ғайриодӣ мебошад, аммо худи ин далел барои исботи содир шудани ҷиноят кифоя нест, зеро далелҳои дигар мавҷуд набуда, ҷамъоварии далелҳои иловагӣ низ ғайриимкон аст.

Моҳи декабри соли 1997 ҷабрдида ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат карда, изҳор дошт, ки низоми миллии ҳуқуқтатбиқкунанда, ки исботи муқобилияти ҷисмонии ҷабрдидагонро

талаб мекунад, номукаммал мебошад ва маҳз ба ҳамин сабаб кирдорҳои гунаҳгорон беҷазо мемонанд.

Аз нуқтаи назари ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, розигии ҷинсӣ мафҳуми ниҳоят мураккаб аст. Он таърифи ягона надорад ва табу будани гуфтугӯ дар бораи масъалаҳои ҷинсӣ аксаран баррасии онро душвор мегардонад. Бо вуҷуди ин, сол то сол шумораи бештари давлатҳо алоқаи ҷинсӣ бидуни розигиро ҳамчун таҷовуз ба номус эътироф мекунанд.

Amnesty International ду таърифи таҷовуз ба номусро пешниҳод мекунад: алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ (таърифи бар асоси розигӣ); алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ, маҷбуркунӣ, таҳдид бо зӯроварӣ ё дар шароите, ки ҷабрдида қобилияти ҳифзи худро надорад (таърифи бар асоси қувва).

Соли 2020 аз 31 давлати аврупоӣ, ки қонунгузории миллии онҳо аз ҷониби ин созмон таҳлил гардид, танҳо 12 давлат таҷовуз ба номусро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ муайян карда буданд. Ба онҳо Белгия, Британияи Кабир, Германия, Греция, Дания, Ирландия, Исландия, Кипр, Люксембург, Малта, Хорватия ва Шветсия дохил мешуданд. GREVIO – мақоми коршиносӣ, ки иҷрои Конвенсияи Истанбулро аз ҷониби давлатҳои онро тасдиқкарда назорат мекунад, инчунин Австрия, Португалия ва Черногорияро ба ин рӯйхат ворид намудааст. Соли 2021 Испания низ таҷовуз ба номусро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ муайян кард.

Ҳамаи давлатҳое, ки таҷовуз ба номусро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ мешиносанд, Конвенсияи Истанбулро имзо кардаанд. Мутобиқи ин Конвенсия, розигӣ бояд ихтиёрӣ, дар натиҷаи иродаи озодона дода шуда, бо дарназардошти тамоми ҳолатҳои ҳамроҳ арзёбӣ гардад. Дар ҳуҷҷат таърифи мушаххас дода намешавад: давлатҳои тасдиқкунанда метавонанд низоми қонунгузории худро ва омилҳоеро

интихоб намоянд, ки ба андешаи онҳо ба ихтиёрияти розигӣ халал мерасонанд. Шурои Аврупо ба давлатҳо иҷозат медиҳад, ки бо дарназардошти фарҳанг, урфу одат ва гуногунрангии динӣ қонунгузории худро таҳия намоянд, ба шарте ки он ба сохтори умумӣ ва меъёрҳои бунёдии пешбинишуда дар Конвенсия мухолиф набошад.

Дар муҳити академӣ низ фаҳмиши ягонаи мафҳуми розигӣ вуҷуд надорад. Бархе муҳаққиқон ба «мафҳуми умумӣ» ишора мекунанд, бидуни он ки онро мушаххас намоянд. Омӯзиши худи ин мафҳум нисбатан нав аст: соли 2007 истилоҳи «розигии ҷинсӣ» дар корҳои илмии соҳаҳои психология, сотсиология ва таҳқиқоти гендерӣ нисбат ба истилоҳҳои «таҷовуз ба номус» ва «зӯроварии ҷинсӣ» аз як то ду сад маротиба камтар истифода мешуд. Аз нигоҳи амалӣ, ин мафҳум барои таҳқиқ ниҳоят мураккаб аст, зеро одамон одатан аз ифшои ҷузъиёти таҷрибаи ҷинсии худ худдорӣ мекунанд.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таркиби таҷовуз ба номус ба таври муфассал дар таҳқиқоти диссертатсионии А.Н. Каменева (2009) инъикос ёфтааст. Муаллиф бо муқоисаи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ва як қатор давлатҳои хориҷӣ ба хулосае меояд, ки масъалаи баҳсталаби асосӣ ҳамоно ядрои тарафи объективии ҷиноят мебошад. А. Н. Каменева қайд мекунад, ки бархилофи модели бар асоси истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он» (ки, аз ҷумла, барои қонунгузории Тоҷикистон хос аст), тамоюли пешқадами ҷаҳонӣ ба интиқоли маркази арзёбӣ ба набудани розигии ихтиёрии ҷабрдида равона шудааст. Ин хулоса зарурати бознигарии муносибатҳои суннатӣ дар сохтани таркиби таҷовуз ба номусро дар ҳуқуқи миллӣ тақвият медиҳад.

Муҳокимаи моделҳои ҳуқуқии муқаррар намудани розигӣ, ки дар доктринаи муосир фаъолона идома дорад, дар таҳқиқоти муқоисавии А.Н. Каменева низ инъикос ёфтааст. Муаллиф таҳавуллотро аз модели

не маънои не»-ро дорад ба модели «ҳа маънои ҳа»-ро дорад таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки «модели дуюм (масалан, дар Шветсия қабулшуда) ба ҳадафи ҳифзи мустақилияти ҷинсии шахсият мувофиқтар аст, зеро ба ташаббускори алоқаи ҷинсӣ уҳдадории фаъолро барои дарёфти розигии ошкоро ва ихтиёрӣ вогузор мекунад. Бо ин вуҷуд, А.Н. Каменева ба таври асоснок ба мушкилиҳои амалии исбот, ки ба ҳар ду модел хосанд, ишора мекунад; ин ҳолат ҷустуҷӯи қарорҳои ҳуқуқии мутавозинтарро муҳим месозад» [103, с. 208].

Дар натиҷа, ғояҳои пешқадам дар бораи розигӣ суст паҳн мегарданд. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки давлатҳо таҷовуз ба номусро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ муайян мекунанд, худи мафҳуми «розигӣ» метавонад гуногун тафсир шавад. Аз ин рӯ, алоқаи ҷинсие, ки дар як кишвар ҳамчун таҷовуз ба номус ҷиноятӣ эътироф мегардад, метавонад дар кишвари дигар чунин ҳисобида нашавад.

Дар ҳуқуқшиносӣ ду модели асосии розигии ҷинсӣ мавҷуданд, ки ҳар ду дар поёни асри XX ташаккул ёфтаанд. Масалан, Германия аз соли 2016 модели «не» ё «не маънои не»-ро дорад истифода мебарад, ки мутобиқи он шарик бояд норозигии худро ба таври шифоҳӣ ё ҷисмонӣ (масалан, тавассути муқобилият) изҳор намояд. Ба ибораи дигар, дар чунин модел масъулияти пешгирии алоқаи ҷинсии номатлуб бештар ба дӯши ҷабрдида меафтад.

Шветсия, баръакс, аз соли 2018 модели «ҳа» ё «ҳа маънои ҳа»-ро дорад қабул намудааст. Дар ин равиш ташаббускор танҳо дар сурате ҳаққи оғоз намудани алоқаи ҷинсиро дорад, ки шахси дигар ба таври ошкоро «ҳа» гӯяд ё розигии худро ба таври равшан ифода намояд.

Ҳамин муҳокимаи моделҳои ҳуқуқии розигӣ, ки дар доктринаи муосир фаъол аст, дар таҳқиқоти муқоисавии А.Н. Каменева боз ҳам таъкид мешавад: «гузариш аз «не маънои не»-ро дорад ба «ҳа маънои ҳа»-ро дорад ба ҳифзи беҳтари мустақилияти ҷинсии шахсият мусоидат

мекунад, зеро уҳдадории фаъолро барои дарёфти розигии равшан ба ташаббускор вогузор менамояд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти исботи хос барои ҳар ду модел боқӣ мемонанд, ки зарурати ҷустуҷӯи роҳҳалҳои ҳуқуқии мутавозинро тақозо мекунад» [103, с. 207].

Дар соли аввали пас аз ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ шумораи ҳукмҳои айбдоркунанда аз рӯйи парвандаҳое, ки то ин тағйирот ҳамчун таҷовуз ба номус бандубаст намешуданд, ба таври назаррас афзоиш ёфт. Шумораи таъқибҳои судӣ дар доираи чунин тафтиш низ зиёд гардид, ҳарчанд бо суръати камтар. Одатан сухан дар бораи ҳолатҳое мерафт, ки ҷабрдида бинобар сабабҳои ҷисмонӣ ё равонӣ имкони ибрози норозигии худро надошт.

Бо вуҷуди ин, ҳеҷ яке аз ин моделҳо комил нест. Онҳо на ҳамеша вокунишҳои равонӣ ва ҷисмонии инсонро ба ҳолатҳои осебзои шадид ба назар мегиранд. Ҷабрдидагон ҳамеша қодир нестанд ба зӯроварӣ муқобилият нишон диҳанд. Яке аз ҳолатҳое, ки баъди таҷовузи ҷинсӣ рух дода метавонад, ин аст, ки ҷабрдида худро гӯё аз берун тамошо мекунад. Ин ҳолатро диссотсиатсияи перитравматикӣ меноманд ва он дар натиҷаи фишори шадиди руҳӣ ба вуҷуд меояд. Дар чунин лаҳзаҳо шахс метавонад карахт шавад, назорати ҷисми худро гум кунад ё аз муқовимат худдорӣ намояд, зеро метарсад, ки агар муқобилат кунад, вазъият бадтар мешавад.

Мушкилии дигар дар он ифода меёбад, ки шахсе, ки ташаббуси алоқаи ҷинсиро ба даст мегирад, метавонад рафтори шахси дигарро нодуруст тафсир кунад, масалан: тамоси чашм, ламс, масофаи ҷисмонӣ, истеъмоли машрубот ё тарзи либоспӯшӣ. Ба «забони бадан» такя кардан ғайриимкон аст, зеро як ишораи ҷисмонӣ метавонад ҳам розигӣ ва ҳам набудани онро ифода намояд. Модели «ҳа» ин мушкилотро эътироф мекунад, аммо онро пурра ҳал намекунад. Модели «не», ки тибқи он

мардон гӯё ба таври худкор барои алоқаи ҷинсии нуфузӣ розигӣ доранд, агар зан ошкоро «не» нагӯяд, ин мушкилотро тамоман нодида мегирад.

Моделҳои алтернативии розигӣ низ мавҷуданд, аз ҷумла «модели музокира», ки аз ҷониби ҳуқуқшиноси амрикоӣ Мишел Андерсон пешниҳод шудааст. Ин модел муҳокимаи фаъолонаи ниятҳо, ҳудудҳо ва хоҳишҳоро пеш аз алоқаи ҷинсӣ дар назар дорад ва иштироки баробари ҳар ду шарикро, новобаста аз ҷинс ва тамоюли ҷинсии онҳо, талаб мекунад.

Мафҳуми розигӣ дар ҳамин шакл дар қонунгузории Тоҷикистон истифода намешавад. Дар қонунгузории Тоҷикистон танҳо мафҳуми синни розигии ҷинсӣ» дар сатҳи 16 сол мавҷуд аст (тибқи м. 141 КҶ ҶТ), ки бештар омодагии биологии организмро танзим мекунад, на ҷанбаи ахлоқӣ ва иродавии розигиро. Ҳангоми тафтиши парвандаҳои таҷовуз ба номус мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон розигиро асосан ҳамчун набудани маҷбуркунӣ мефаҳманд. Агар ҷабрдида фарёд назада бошад, муқобилият нишон надода бошад, кӯшиши зарба задан ё муқобилият нишон надодан бошад, чунин ҳолатро баъзан ҳамчун «таҷовузи сохта» арзёбӣ намуда, ба мавҷудияти ҷиноят шубҳа мекунанд. Дар ин равиш розигӣ ҳамчун амале, ки бояд иброз гардад, баррасӣ намешавад, балки танҳо набудани зӯроварии ошкоро ба назар гирифта мешавад.

Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон аз стандартҳои байналмилалӣ бо тарзи муайян намудани таркиби ҷинояти таҷовуз ба номус фарқ мекунад. Дар Тоҷикистон таҷовуз ба номус танҳо алоқаи ҷинсӣ бо воридшавии маҳбалӣ, ки бо зӯроварӣ, таҳдиди зӯроварӣ ё вазъи оҷизонаи ҷабрдида ҳамроҳ аст, эътироф мегардад. Дар Суди байналмилалии ҷиноятӣ, баръакс, ҳар гуна воридшавӣ ба бадани инсон бидуни розигӣ, новобаста аз дараҷа ё шакли он (маҳбалӣ ё маъқадӣ) ва новобаста аз он ки бо кадом қисми бадан ё ашё анҷом дода шудааст, ҳамчун таҷовуз ба номус бандубаст мешавад.

Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон танҳо занон метавонанд ҳамчун ҷабрдидаи таҷовуз ба номус эътироф шаванд, дар ҳоле ки алоқаи зӯроваронаи даҳонӣ ё маъқадӣ нисбат ба мард ҳамчун «ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ» бандубаст мегардад, ки таркиби ҷиноятии ҷудогона мебошад. Конвенсияи Истанбул, баръакс, муқаррар мекунад, ки ҷабрдидагон бояд новобаста аз ҷинс ё тамоюли ҷинсӣ ҳифз карда шаванд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон механизмҳое мавҷуданд, ки метавонанд барои ҳифзи ҷабрдидагони ба истилоҳ «таҷовузи сохта» ва ҷазо додани гунаҳгорон истифода шаванд, аммо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар амалан иродаи кофӣ барои татбиқи онҳо мушоҳида намегардад. Моддаи 138 КҶ ҶТ дар бораи таҷовуз ба номус метавонад ба тарзҳои гуногун тафсир шавад: таркиби ҷиноят ба таври комилан дақиқ муайян нашудааст.

Масалан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокуратура ва тафтишот метавонистанд бо хоҳиши худ мафҳуми «вазъи оҷизона»-ро ба таври муфассал баррасӣ ва ташреҳ намоянд. Аммо дар амал исботи он ки зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи он ё вазъи оҷизӣ мавҷуд будааст, талаб карда мешавад ва бори исбот асосан ба дӯши ҷабрдида меафтад; илова бар ин, дар тули тамоми раванд нисбат ба ӯ муносибати шубҳанок зоҳир гардида, саволҳои нохуш ва такроршаванда дода мешаванд.

Ҳангоми муроҷиати занон ба мақомоти полис, онҳо на кам ба истилоҳ бо «девори патриархалӣ» рӯ ба рӯ мешаванд, ки бар пояи қолабҳои стереотипии рафтори занон бунёд ёфтааст («худи ӯ гунаҳкор аст, ки аз он роҳ рафт», «дуруст либос напӯшида буд», «худаш мехост» ва ғ.). Аксари ҷабрдидагон ҷуръат намекунанд ба полис муроҷиат кунанд, зеро умеде ба натиҷа надоранд ё аз амнияти ҷисмонӣ ва равонии худ метарсанд.

Намунаи танзими пешрафтаи ҳуқуқӣ дар ин соҳа Қонуни Британияи Кабир «Дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ» аз соли 2003 мебошад. Ин қонун ислоҳоти муҳим дар қонунгузории ҷиноятҳои ҷинсиро таҷассум мекунад ва қоидаҳои калидиро дар бораи он ки кадом кирдор ҷиноят ҳисобида мешавад ё не, муқаррар менамояд. Ин аҳаммияти хос дорад, зеро розигӣ ба фаъолияти ҷинсӣ ба соҳаи муносибатҳои хусусӣ тааллуқ дошта, дар он ҷо паёмҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ метавонанд иштибоҳӣ фаҳмида шаванд; фарзияҳо дар бораи қобили қабул будан ё набудани рафтор метавонанд ба нофаҳмиҳои ҷиддӣ ва дар ҳолатҳои шадид ба алоқаи маҷбурӣ ва номатлуб оварда расонанд.

Қонуни мазкур розигиро ба унсури аввалиндараҷаи алоқаи ҷинсӣ табдил медиҳад. Он таърифи равшани розигиро муқаррар намуда, ҳамзамон уҳдадории нав ҷорӣ мекунад: шахси гумонбар бояд исбот намояд, ки ӯ асосҳои оқилона барои бовар кардан дошт, ки шарики ҷинсиаш розигӣ додааст. Қонун кафолат медиҳад, ки дар ҳолатҳое, ки ба шахс таҳдиди фаврии зӯроварӣ вуҷуд дорад, ҷабрдида бо маводи нашъадор заҳролуд карда шудааст, то натавонад қарор қабул кунад, ё ҳушёр нест ё дар хоб аст, эҳтимоли мавҷудияти озодии розигӣ хеле кам аст; дар чунин ҳолатҳо қонун презумпсияи набудани розигиро муқаррар мекунад.

Розигӣ ба алоқаи ҷинсӣ метавонад танҳо ба як навъи мушаххаси фаъолияти ҷинсӣ дода шавад. Ҳангоми даъвои таҷовуз ба номус ё зӯроварии ҷинсӣ, прокурорҳо масъалаи розигиро дар ду марҳила арзёбӣ мекунанд. Аввалан, муайян мекунанд, ки оё муроҷиаткунанда имкони интихоб: иштирок кардан ё накардан дар фаъолияти ҷинсиро дошт ё не (масалан, оё истеъмоли маводи нашъадор ё машрубот ба қобилияти додани розигӣ таъсир расонидааст). Дуюм, баррасӣ мешавад, ки оё муроҷиаткунанда дар интихоби худ озод буд ё ба ягон шакл маҳдуд карда шудааст.

Аризадиҳандае, ки ҷинояткор бевосита пеш аз пешниҳоди алоқаи ҷинсӣ ӯро бо зӯроварӣ таҳдид мекунад, ба эҳтимоли зиёд наметавонад интихоби озодона анҷом диҳад. Агар фарз карда шавад, ки аризадиҳанда ҳам озодии ирода ва ҳам қобилияти додани розигиро дорад, пас масъалаи ҳалкунанда он аст, ки оё ӯ бо интихоби худ ба ин фаъолият розӣ шудааст ё не. Дар ин замина бояд муайян карда шавад, ки гумонбар барои ба даст овардани розигии ҷабрдида кадом қадамҳоро (агар чунин қадамҳо вуҷуд дошта бошанд) андешидааст ва айбдоркунӣ бояд далелҳо пешниҳод намояд, ки гумонбар наметавонист ба таври объективӣ чунин бовар дошта бошад, ки ҷабрдида розигӣ додааст.

Аҳаммияти розигӣ махсусан дар ҳолатҳои таҷовуз ба номус бузург аст, вақте ки байни гумонбар ва ҷабрдида муносибатҳо вуҷуд доранд ё қаблан вуҷуд доштаанд, ё вақте ки пеш аз таҷовуз зӯроварии хонаводагӣ сурат гирифтааст. Қонуни соли 2003 ба таври муфассал мефаҳмонад, ки зери истилоҳи «розигӣ» чӣ фаҳмида мешавад, то ҳайати суд тавонанд муайян кунанд, ки оё ҷабрдида қобилияти додани розигиро дошт ё не ва муҳимтар аз он  оё зан дар ҳамон лаҳза розигӣ дода буд.

Воридшавии ҷинсӣ ба бадани шахси дигаре, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад, на ҳамеша метавонад ҳамчун таҷовуз ба номус арзёбӣ гардад, агар чунин шахс ба ҳеҷ ваҷҳ нишонаҳои мастии худро зоҳир накарда бошад ва, мутаносибан, субъекте, ки воридшавиро анҷом медиҳад, ба мавҷудияти розигии ӯ итминон дошта бошад. Аммо дар ҳолате, ки шахси сахт маст ва бинобар ин ҷисман нотавон, ҳарчанд муқобилияти фаъол нишон надодааст, ба ҳар шакле норозигии худро нисбат ба воридшавии ҷинсӣ ифода кардааст, нодида гирифтани ин норозигӣ аз қасди субъекти содир намудани амали ҷинсӣ дар шароити набудани розигии ихтиёрӣ ва озод шаҳодат медиҳад ва, мутаносибан, имкон медиҳад кирдор ҳамчун таҷовуз ба номус арзёбӣ карда шавад.

Исбот намудани набудани розигӣ одатан мушкилтарин қисми таъқиби судӣ барои таҷовуз ба номус буда, ҳамзамон яке аз сабабҳои маъмултарини қатъ гардидани чунин парвандаҳо ба ҳисоб меравад. Прокурорҳо, чун қоида, кӯшиш мекунанд далелҳое чун ҷароҳатҳо, нишонаҳои мубориза ё муқобилиятро пешниҳод намоянд, то исбот созанд, ки ҷабрдида розигӣ надодааст, аммо аксаран чунин далелҳои тасдиққунанда вуҷуд надоранд. Ин ҳолат маънои онро надорад, ки чунин парвандаҳо ҳеҷ гоҳ бо муваффақият таҳқиқ намешаванд, вале нишон медиҳад, ки онҳо аз лиҳози исбот мураккабтар мебошанд.

Ҷанбаи асосии кирдори ҷиноятӣ бидуни розигӣ дар он ифода меёбад, ки айбдоркунанда уҳдадор аст берун аз ҳар гуна шакку шубҳаи оқилона исбот намояд, ки ҷабрдида розигӣ надодааст. Таърифи умумии розигӣ дар моддаи 74 чунин пешниҳод мешавад: «шахс розӣ шуморида мешавад, агар ӯ бо интихоби худ розигӣ диҳад ва барои анҷом додани чунин интихоб озодӣ ва қобилият дошта бошад».

Дар моддаи 76 ҳолатҳое зикр мегарданд, ки дар онҳо презумпсияҳои қатъӣ (қобили радкунӣ нест) ба вуҷуд меоянд. Агар айбдоркунӣ исбот намояд, ки ҳолатҳои пешбинишуда дар қисми 2 м. 76 татбиқ мешаванд, пас ҷабрдида розигӣ надода ҳисобида мешавад ва ҷавобгар эътиқоди оқилона ба мавҷудияти розигӣ дошта наметавонад.

Дар м. 75 ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки презумпсияҳои исботшаванда ба вуҷуд меоранд. Агар айбдоркунӣ тибқи меъёри зарурии исбот нишон диҳад, ки яке аз вазъиятҳои дар қ. 2 м. 75 зикршуда ҷой доштааст, пас ҷабрдида розигӣ надода ҳисобида мешавад ва фарз карда мешавад, ки ҷавобгар эътиқоди оқилона ба розигӣ надоштааст. Бо вуҷуди ин, айбдоршаванда метавонад ин презумпсияро рад намояд, агар далелҳои кофӣ» пешниҳод кунад, ки ҷабрдида воқеан розигӣ додааст ё худи ӯ воқеан мутмаин будааст, ки чунин розигӣ мавҷуд аст.

Бо ин вуҷуд, на ҳолати хоб будани ҷабрдида ва на беҳуш будани ӯ ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ҳамчун презумпсияи қатъии набудани розигӣ эътироф намегарданд. Британияи Кабир мавқеи Канада (парвандаи R v JA)-ро қабул накардааст, ки мутобиқи он «шахс бояд дар тамоми ҷараёни фаъолияти ҷинсӣ ҳушёр бошад, то розигии зарурӣ таъмин гардад». Чунин талабот метавонист ба криминализатсияи аз ҳад зиёд оварда расонад ва ба ҳаёти хусусии шахсон дахолат намояд, аз ҷумла боиси маҳкумияти ҷуфтҳои солҳои тӯлонӣ оиладор барои зӯроварии ҷинсӣ мегардид, агар яке аз онҳо ҳангоми хоб будани ҳамсараш ӯро бӯса карда бошад.

Агар на м. 75 ва на м. 76 татбиқ нашаванд, масъалаи розигӣ тибқи меъёрҳои умумии м. 74 баррасӣ мегардад. Моддаи 74 розигиро ҳамчун розигии аз рӯйи интихоб, ки аз ҷониби шахсе дода шудааст, ки озодӣ ва қобилият барои анҷом додани чунин интихоб дорад» муайян мекунад. Дар ин ҷо се талаботи асосӣ вуҷуд доранд: ҷабрдида бояд имкони интихоб дошта бошад (яъне танҳо як роҳ набошад); ӯ бояд озодӣ барои анҷом додани ин интихоб дошта бошад; ӯ бояд қобилият барои чунин интихоб дошта бошад.

Бо вуҷуди ин, дар қонунгузорӣ шарҳи кофӣ дода нашудааст, ки озодии кофӣ» ва «қобилияти кофӣ» маҳз чиро дар бар мегиранд, ки ин дар амал ба мушкилоти ҷиддии тафсир ва татбиқ оварда мерасонад.

Ҳамчунин то ҳол мушкилоти номуайянӣ, набудани возеҳият ва номураттабии равишҳо боқӣ мемонад, ки ногузир ҳифзи кофии баъзе ҷабрдидагонро таъмин намекунад. Дар айни замон аз айбдоркунӣ талаб карда мешавад исбот намояд, ки айбдоршаванда на танҳо ба таври воқеӣ, балки ҳамчунин бо асосҳои оқилона ба мавҷудияти розигии ҷабрдида бовар доштааст.

Қонуни соли 2003 қадами ҷиддие дар пешрафти мубориза бо ҷиноятҳои ҷинсӣ, ки аз доираи таҷовуз ба номус фаротар мераванд, ба

ҳисоб меравад. Дар доираи он мафҳуми нави «ҳамлаи ҷинсӣ» ҷорӣ гардидааст, ки ду навъи кирдорро фаро мегирад.

Фарқияти муҳимми ин қонун аз КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он ҷабрдидаи таҷовуз ба номус танҳо зан эътироф мегардад, дар он аст, ки Қонуни соли 2003 ҳифзи ҳуқуқии ҳам мардон ва ҳам занонро таъмин мекунад.

Ҳангоми муқоиса бо қонунгузории кишварҳои дигар, масалан Англия, ки барои бандубасти алоқаи ҷинсӣ ҳамчун таҷовуз ба номус танҳо набудани розигии ҷабрдида кофӣ аст, Тоҷикистон равиши шадидтарро истифода мебарад. Дар баробари набудани розигӣ, инчунин исботи истифодаи зӯроварӣ, таҳдиди зӯроварӣ ё мавҷудияти дигар аломатҳо, аз қабили вазъи оҷизонаи ҷабрдида, талаб карда мешавад.

Моддаи 2 Қонуни соли 2003 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳамла тавассути воридкунӣ ва ҳамчунин барои амалҳои омодагӣ бо роҳи ворид намудани модда криминализатсия мекунад; чунин таркибҳои ҷиноятӣ дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷудогона пешбинӣ нашудаанд.

Лоббии занони Аврупо (The European Women's Lobby – EWL)– бузургтарин созмони ассотсиатсияҳои занона дар Иттиҳоди Аврупо буда, ба пешбурди ҳуқуқи занон ва баробарии ҳуқуқҳои занону мардон равона шудааст. Ҳанӯз соли 1997 EWL Шурои нозирот оид ба мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба занонро таъсис дод. Ин шуро аз гурӯҳи коршиносон иборат аст, ки аз ҳар як давлати узви ИА, кишварҳои Минтақаи иқтисодии Аврупо, инчунин давлатҳое, ки дар раванди расмии пайвастан ба ИА қарор доранд, намоянда доранд; ҳамзамон коршиносони ҳамкор аз кишварҳои ҳамсоя бо таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба занон ҷалб карда мешаванд.

Соли 2013 аз ҷониби EWL гузорише таҳия гардид таҳти унвони дар он як қатор далелҳое зикр мешаванд, ки аксаран бар зидди таърифи

таҷовуз ба номус бар асоси набудани розигӣ пеш оварда мешаванд. Аз ҷумла, чунин равиш баъзан ҳамчун меъёре танқид мегардад, ки гӯё душвор исботшаванда аст ва дар амал метавонад ба «виктимизатсияи дуюмдараҷа» оварда расонад.

Дар қонунгузории аксари кишварҳо то ҳол унсурҳое мавҷуд нестанд, ки имкон диҳанд онҳо ба талаботи Конвенсияи Истанбул пурра мутобиқат намоянд. Сабаби асосии ин ҳолат дар он аст, ки дар бисёр низомҳои ҳуқуқӣ истифодаи қувва ё тарсондан ҳамоно унсурҳои ҳатмӣ дар таърифи таҷовуз ба номус боқӣ мемонанд.

Дар бисёр қонунгузориҳои миллӣ оғози таъқиби ҷиноятӣ аз шикояти ҷабрдида вобаста аст. Дар сурати рад кардани дастгирии айбдоркунӣ аз ҷониби ҷабрдида, парванда баррасӣ намегардад. Хавфи асосии чунин равиш дар он ифода меёбад, ки ҷабрдида метавонад таҳти фишори гунаҳгор аз шикоят даст кашад.

Дар Ҳисоботи аввалини имплементатсионии Кумитаи Конвенсияи Лансароте, ки таҳти унвони «Ҳифзи кӯдакон аз суиистифодаи ҷинсӣ дар доираи муносибатҳои эътимодӣ: чаҳорчӯбаи умумӣ» таҳия шудааст, истилоҳи «синни розигии ҷинсӣ» ба тавре истифода мешавад, ки дар ҳаммазмун будани он бо мафҳуми «синне, ки то расидан ба он машғул шудан ба фаъолияти ҷинсӣ бо кӯдак манъ аст», ки дар банди «а» қисми 1 моддаи 18 Конвенсияи Лансароте истифода шудааст, ҳеҷ шубҳа боқӣ намемонад.

Муҳтавои умумии ҳуқуқии мафҳуми таҳлилшаванда ба таври возеҳ дар «Роҳнамоҳои Люксембург» инъикос ёфтааст. Дар онҳо чунин таъкид мешавад:

Барои пешгирӣ аз нофаҳмиҳо ва минтақаҳои хокистарӣ дар ҳуқуқ, бояд барои ҳамагон равшан бошад, ки «синни розигии ҷинсӣ», ки қонун муқаррар кардааст, маънои онро дорад, ки ҷалб намудани кӯдаке, ки ба

ин син нарасидааст, ба ҳар гуна фаъолияти ҷинсӣ дар ҳама ҳолатҳо манъ аст ва розигии чунин кӯдак аз нигоҳи ҳуқуқӣ эътибори қонунӣ надорад».

Муҳаққиқони хориҷӣ ба масъалаи синни розигӣ ҳангоми содир намудани амалҳои дорои хусусияти ҷинсӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, Белинда Карпентер, Эрин О'Брайен, Шарон Хейс ва Ҷоди Дес қайд мекунанд, ки таҳлили синни розигӣ ба муносибатҳои ҷинсӣ ба таври равшан нишон медиҳад, ки ҷомеа як навъ шубҳаҳои фарҳангӣ нисбат ба ҷавонон ва ҷинсиятро аз сар мегузаронад. Дар асл, аз охири асри XIX ҷомеа ҳар чи бештар ба масъалаи муайян намудани меъёрҳои рушди кӯдакон, фарқиятҳои байни кӯдакон ва калонсолон, инчунин ба роҳҳои гуногуни меъёри муқаррар намудани марзи байни кӯдакӣ ва «калонсолӣ» таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар ин замина, давраи наврасӣ ҳамчун марҳилаи миёнаи муҳим баромад мекунад.

Ташаккули мафҳуми давраи наврасӣ барои бартараф намудани фосилаи байни кӯдакӣ ва калонсолӣ яке аз намунаҳост, ки дар аввали асри XX аз ҷониби Стэнли Холл пешниҳод гардида буд. Мафҳуми синни розигии ҷинсӣ» дар Директиваи Парламенти Аврупо ва Шурои Иттиҳоди Аврупо 2011/93/ЕС аз 13 декабри соли 2011 оид ба мубориза бо зӯроварии ҷинсӣ ва истисмори ҷинсии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона, инчунин оид ба иваз намудани Қарори чаҳорчӯбии Шурои 2004/68/ЮВС, мустақиман истифода шудааст. Агар истилоҳоти директива барои тафсир ҷой нагузорад, зеро дар он ибораи «age of sexual истифода мешавад, пас моддаи 18 Конвенсияи Лансароте шароити тафсирҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Сабаб дар он аст, ки формулировкаи истифодашуда: «age below which it is prohibited to engage омили меъёриро бартарӣ медиҳад, аммо сабаби манъи машғул шудан ба фаъолияти ҷинсӣ бо кӯдаке, ки ба синни муайян нарасидааст, ба таври возеҳ шарҳ намедиҳад.

Мо бо андеша розӣ ҳастем, ки дар шароити имрӯза ном бурдани як синни мушаххаси розигии ҷинсӣ», ки барои ҳама ҳолатҳо қобили қабул бошад, ғайриимкон аст ва ин масъала ҳанӯз ниёз ба ҳаллу фасл дорад. Бо вуҷуди ин, барои мо бебаҳс аст, ки ҷиҳати пешгирӣ аз худсарӣ ҳангоми муқаррар намудани ин меъёр ҳамчун ҳадди муайянкунандаи рафтори ҷиноятан мамнуъ дар соҳаи ҷинсӣ, анҷом додани таҳқиқоти ҷиддии байнисоҳавӣ бо иштироки, аз ҷумла, криминологҳо, сотсиологҳо, табибони судӣ, равоншиносони кӯдакон ва сексологҳо зарур мебошад. Ҳар роҳи дигари ҳалли ин масъалаи ҳассос ва бисёрҷабҳа, ба андешаи мо, комилан ғайри қобили қабул аст.

Таҷовуз ба номус аз лаҳзаи оғози алоқаи ҷинсӣ, новобаста аз оқибатҳои баамаломада анҷомёфта ҳисобида мешавад. Кӯшиши таҷовуз ба номус бошад, ҳаракате эътироф мегардад, ки мустақиман ба маҷбур намудани шахс ба алоқаи ҷинсӣ равона шудааст, агар алоқаи ҷинсӣ бинобар ҳолатҳое, ки аз иродаи гунаҳгор вобаста нестанд, оғоз наёфта бошад.

Масалан, «судшаванда Х.А., пешакӣ дониста, ки ҳамсари дӯсти ӯ Ю.Ш. – А.Ш. дар вақти рӯзона аксаран танҳо дар манзили истиқоматии худ қарор дорад, қасди ҷиноятӣ оид ба ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ бо ӯро ташаккул дод.

Бо мақсади амалӣ намудани ин қасд, ӯ пешакӣ бо худ воситаи барқии шокӣ ва воситаҳои пластикӣ барои бастани дастҳо гирифта, ба манзили дӯсти худ ҳозир шуда, дари хонаро кӯфт. Дари манзилро ҷабрдида А.Ш. боз намуд. Судшаванда дар бораи макони будубоши шавҳари ӯ пурсида, бо фаҳмидани он ки шавҳараш ҳузур надорад, бо истифода аз фиреб, зарурати истифодаи ҳоҷатхонаро баҳона намуда, ғайриқонунӣ ба манзили истиқоматии ҷабрдида ворид шуд.

Бо истифода аз вазъияти баамаломада, судшаванда ба ҷабрдида таҳдид намуда, мақсади ҷиноятии худро ошкор кард ва дар сурати

муқобилият ё фарёд задан, таҳдиди истифодаи зӯровариро баён намуд. Ҷабрдида аз иҷрои талаботи судшаванда сарпечӣ намуда, кӯшиши муқобилият нишон дод.

Бо вуҷуди амалҳои маҷбуркунандаи судшаванда, ҷабрдида муқобилияти фаъол нишон дода, бо фарёд ва ҳаракатҳои муҳофизатӣ ба идомаи кирдори ҷиноятӣ монеъ гардид. Дар натиҷа, судшаванда, дарк намуда, ки имконияти ба анҷом расонидани нияти ҷиноятӣ вуҷуд надорад, бинобар ҳолатҳое, ки аз иродаи ӯ вобаста набуданд, ҷиноятро то охир анҷом дода натавонист.

Бо ҳукми суд Х.А. дар содир намудани ҷиноят, ки дар м. 32 қ. 3 ва м. қ.1 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, гунаҳгор дониста шуд» [132].

Барпо нашудани алоқаи ҷинсӣ аз ҷониби гунаҳгор, новобаста аз сабабҳои он (монеаҳои объективӣ, муқовимати фаъолонаи ҷабрдида ё омилҳои физиологӣ), барои баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдор аҳаммияти ҳалкунанда надорад.

Агар «таҷовуз ба номус шакли алоқаи ҷинсии табиӣ ва ғайриихтиёриро касб намояд, пас ҷиноят, тибқи қоидаи умумӣ, аз лаҳзаи оғози чунин алоқа анҷомёфта эътироф мегардад. Дар ин маврид бояд ба назар гирифт, ки дар баъзе ҳолатҳо хусусиятҳои анатомии пардаи бокира метавонанд анҷом ёфтани алоқаи ҷинсиро ҳатто бидуни халалдор гардидани тамомияти он имконпазир гардонанд» [35, с. 390–

Яке аз андешаҳои аз ҳама баҳснок чунин аст: «Агар зани солим воқеан нахоҳад, таҷовуз ба номус нисбат ба ӯ имконнопазир аст». Ин тасаввур на танҳо дар миёни шаҳрвандони одӣ, балки дар байни баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ва табибон низ паҳн шудааст; бархе аз онҳо чунин меҳисобанд, ки зан ҳамеша интихоби алтернативӣ дорад: ё таслим шудан, ё муқобилияти фаъол нишон додан. Чун ҳар як афсона, чунин андеша дар сатҳи зершуур фаъолият мекунад, аммо метавонад

аҳаммияти амалӣ пайдо намояд, аз ҷумла ҳангоми ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё ҷалби шахс ҳамчун айбдоршаванда.

Зӯроварӣ дар маънои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ кирдори қасдонаи ғайриқонуние мебошад, ки бар зидди ҷисм ё шуури инсон, бархилофи ирода ё зидди иродаи ӯ содир мегардад. Зӯроварии ҷисмонӣ танҳо ба латукӯб ё расонидани ҷароҳат маҳдуд намешавад. Он метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад ва ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт роҳ ёбад, на танҳо ҷисм, балки ҳолати равонӣ ва маънавии инсонро низ осеб расонад.

Зӯроварӣ метавонад дар шакли расонидани зарари ҷисмонӣ: аз зарбаҳои одӣ то азобу шиканҷа зуҳур намояд, ки ба ҷароҳатҳои дараҷаҳои гуногуни вазнин оварда мерасонанд. Ҳадафи чунин амалҳо шикастани ирода, фурӯ нишондани муқобилият ва маҷбур сохтани шахс ба амалҳое бархилофи иродаи ӯ, аз ҷумла ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ мебошад. Ҷабрдида метавонад тавассути таҳдидҳои ҷазо – ҳам шифоҳӣ ва ҳам ғайришифоҳӣ: тарсонида ва аз ҷиҳати равонӣ заиф гардонида шавад.

Маҷбуркунӣ низ яке аз воситаҳои муҳимми татбиқи зӯроварӣ ба шумор меравад. Қувва ё таҳдиди истифодаи он барои водор намудани инсон ба анҷом додани амалҳое истифода мешавад, ки ӯ намехоҳад: ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ, иҷрои меҳнати маҷбурӣ ё иштирок дар кирдорҳои ғайриқонунӣ.

Маҳдуд намудани озодӣ низ яке аз усулҳои назорат ва фурӯ нишондани ирода ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат ҷабрдида аз имконияти озодона ҳаракат кардан, тарк намудани макони муайян ё муошират бо дигарон маҳрум карда мешавад.

Бояд дарк кард, ки зӯроварии ҷисмонӣ на ҳамеша изҳои намоён боқӣ мегузорад. Ба он ҳамчунин маҷбуркунӣ ба исқоти ҳамл, безараргардонӣ ва дигар дахолатҳои тиббӣ бархилофи иродаи шахс

мансубанд. Аксаран чунин кирдорҳо бо зӯроварии равонӣ, таҳқир, паст задани шаъну шараф ва дашном ҳамроҳ мешаванд.

Ба мафҳуми зӯроварии ҷисмонӣ, инчунин таъсир расонидан ба узвҳои дарунии инсон бидуни осеби бофтаҳои беруна тавассути истифодаи моддаҳои заҳролуд ё мадҳушкунанда дохил мешавад, агар чунин таъсир бархилофи ирода ё хоҳиши ҷабрдида анҷом дода шавад.

Набудани иродаи ихтиёрии ҷабрдида ҳангоми таҷовуз ба номус метавонад натиҷаи таҳдидҳо бошад. Аксаран ин таҳдидҳо бо куштор, расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, сироят кардан ба бемории, таҷовуз ба номуси наздикон ва монанди инҳо алоқаманд мебошанд. Зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он метавонад ҳам ба худи ҷабрдида ва ҳам ба шахсони дигаре равона гардад, ки тақдири онҳо барои ӯ арзишманд аст (масалан, фарзандон, шогирдон).

Таҳдид дар худ эълон, нишон додан ё эҷод кардани тасаввуротеро дар бар мегирад, ки ба субъекти камфаъол дар сурати иҷро накардани талаботи шахси таҳдидкунанда зарар расонида мешавад. Таҳдид барои шикастани муқобилияти ҷабрдидаи таҷовуз ба номус равона мегардад. Таҳдид бояд воқеӣ бошад.

Муқобилияти ҷабрдида метавонад дар шаклҳои зерин зоҳир гардад: муқобилияти камфаъол: вақте ки ҷабрдида бе истифодаи таъсири мустақим нисбат ба ҷинояткор худро муҳофизат мекунад, масалан, бо ишғол намудани ҳолатҳои муайяни бадан (дастҳо, пойҳо), изҳори норозигӣ ва монанди инҳо; муқобилияти шифоҳӣ: дар шакли фарёд барои кумак, даъват ба қатъ намудани амалҳои ниятшуда ва ғайра; муқобилияти ҷисмонӣ: дар шакли истифодаи қувваи ҷисмонӣ, аз ҷумла зарба задан, харошидан, газидан ва амсоли инҳо; муқобилият бо истифодаи восита ё силоҳ, масалан, пошидани моеъ ба чашмони гунаҳгор, задани зарба бо корд ва монанди инҳо, бо мақсади бартараф кардан ва боздоштани амали ниятшуда; муқобилияти омехта, ки дар

ҳамбастагии ду ё зиёда аз шаклҳои зикршуда зоҳир мегардад (масалан, муқобилияти шифоҳӣ ва ҷисмонӣ; шифоҳӣ ва истифодаи восита ё силоҳ ва ғайра).

КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фиребро ҳамчун яке аз усулҳои содир намудани таҷовуз ба номус мустақиман пешбинӣ намекунад ва, мутаносибан, муқаррароти махсус оид ба намуд ё хусусияти эҳтимолии он низ мавҷуд нест. Дар айни замон, дар қонунгузории бисёре аз кишварҳо фиреб маҳз ҳамчун усули таҷовуз ба номус ба таври равшан сабт шудааст. Дар ин маъно зери мафҳуми фиреб чунин ҳолатҳо фаҳмида мешаванд:

– ҳар гуна фиреб (аз ҷумла дар Албания, Белгия, Люксембург, Лаҳистон, Сан-Марино);

– фиребе, ки ихтиёрияти ҷабрдидаро пурра истисно мекунад (Фаронса);

– ба иштибоҳ андохтан нисбат ба шахсияти содиркунандаи кирдор (масалан, вақте ҷабрдида бо эътимоди нек гумон мекунад, ки ҳамхобагӣ бо шавҳари худ сурат мегирад: Бруней, Дания, Ҳиндустон, Кения, Нигерия, Покистон ва ғ., ё бо марде, ки ӯро шавҳари қонунии худ мешуморад: Италия, Таиланд, Уругвай);

– ба иштибоҳ андохтан нисбат ба табиати амал (Замбия, Кения, Нигерия) ё нисбат ба шахсе, ки бо ӯ алоқаи ҷинсӣ анҷом дода мешавад (Британияи Кабир, Исроил).

Дар Қонуни Британияи Кабир «Дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ» соли 2003 муқаррар гардидааст, ки шахс гунаҳкор дониста мешавад, агар ҷабрдида ба алоқаи ҷинсӣ розигӣ надода бошад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки ӯ қасдан ба иштибоҳ андохта шудааст нисбат ба табиат ё ҳадафи амали ҷинсӣ, ё вақте айбдоршаванда қасдан ҷабрдидагонро бо роҳи муаррифии худ ҳамчун шахси шинос ва боэътимод ба розигӣ водор мекунад.

Метавон таъкид кард, ки чунин мавқеъ асоснок мебошад. Дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии таҷовуз ба номус зарурати татбиқи ҳама гуна чораҳоро барои пешгирии таҷовуз ба озодии ҷинсии шахсият тақозо мекунад. Фиреб ҳамчун амали ғайриқонунӣ набояд истисно бошад ва бояд барои кирдори содиршуда ҷавобгарӣ пешбинӣ гардад.

Барои исботи таҷовуз ба номус зарур аст нишон дода шавад, ки ҷабрдида ба таври каму беш равшан норозигии худро иброз кардааст, яъне изҳор, фаҳмонда ва дарк намудааст, ки ӯ воридшавии ҷинсиро намехоҳад.

Дар амал, ҳолатҳое рух медиҳанд, ки мард рафтори занро ҳамчун ишқварзӣ, унсурҳои «бозии ҷинсӣ» ё хиҷолатмандӣ тафсир мекунад. Хусусан вақте, ки зан дар ибтидо ба мард иҷозат медиҳад либосашро кашад ё ӯро ламс кунад (масалан, сина ё узвҳои ҷинсӣ), вале баъдан ба таври ошкоро изҳор менамояд, ки ба алоқаи ҷинсӣ розӣ нест. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин ҳолат метавонад ба хатоии воқеии узрпазир дар амалҳои мард ишора кунад ва, мутаносибан, набудани таркиби ҷинояти таҷовуз ба номусро нишон диҳад.

Агар шахс бо хоҳиши худ ба воридшавии ҷинсӣ розигӣ дода бошад, он ки баъдтар ин амалро чӣ гуна арзёбӣ мекунад, барои муайян кардани ҷавобгарӣ тибқи м. 138 КҶ ҶТ аҳамияти ҳалкунанда надорад. Бояд розигии ғайриихтиёрии ҷабрдида ба таҷовуз ба номусро аз розигии камфаъол, ки бандубастро тибқи м. 138 истисно мекунад, фарқ кард. Дар ҳолати охир, шахс ҳарчанд алоқаи ҷинсиро намехоҳад, аммо ба он монеъ намешавад ва норозигии худро нишон намедиҳад, ки ин аз ҷониби тарафи дигар ҳамчун розигии ихтиёрӣ ба алоқа қабул мегардад.

Ҳамзамон, набудани иродаи озодонаи ҷабрдида ва, мутаносибан, мавҷуд будани таркиби ҷинояти «таҷовуз ба номус» бояд, аз ҷумла, дар он ҳолат эътироф гардад, ки ҷабрдида розигии ошкоро ба алоқаи ҷинсӣ надодааст ва бинобар тарс ба ҷинояткор муқобилият нишон надодааст.

Дархости ҷабрдида оид ба истифодаи воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ пеш аз алоқаи ҷинсии гетеросексуалӣ худ аз худ нишонаи розигии ихтиёрӣ ба алоқаи ҷинсӣ ба ҳисоб намеравад.

Таҷовуз ба номус метавонад бо роҳи истифода аз вазъи оҷизона содир карда шавад. Ба андешаи мо, чунин вазъи оҷизӣ метавонад ҳам объективӣ вуҷуд дошта бошад (синни хурд ё пиронсолӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, ҳолатҳои беморона) ва ҳам қасдан аз ҷониби гунаҳгор ба вуҷуд оварда шавад (мастӣ аз машрубот, вобастагӣ аз маводи нашъадор, таъсир расонидан ба организм тавассути заҳрҳои тиббӣ ё дигар моддаҳои қавӣ).

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар шудааст, ки «Барои эътирофи таҷовуз ба номус ҳамчун ҷиноятe, ки бо истифода аз ҳолати нотавонии ҷабрдида содир шудааст, аҳаммият надорад, ки оё гунаҳкор худ занро ба чунин ҳолат расонидааст (масалан, бо нӯшонидани машрубот, додани маводи нашъадор, доруи хобовар ва ғайра) ё ӯ новобаста аз амалҳои гунаҳкор дар ҳолати нотавонӣ қарор доштааст» [135, с. 95]. (банди 5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ», бо тағйироте, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010, №16 ва аз 18 ноябри соли 2013, №16 ворид шудаанд) [135, с. 95].

Масалан, «судшаванда К.Д., дар ҳолати мастии машрубитӣ қарор дошта, ба манзили истиқоматии холаи худ К.М. ҳозир шуда, бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид ва вазъи оҷизонаи ҷабрдида, бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷинсии худ, маҷбуран либоси хонагии ҷияни худ Ш.Р., соли таваллудаш 10 июли 1992, шахси маъюббударо кашида гирифтааст. Судшаванда бархилофи иродаи ҷабрдида, ки бинобар ҳолати худ воқеаро ба таври дуруст дарк карда наметавонист, бо ӯ ба алоқаи ҷинсӣ ворид шудааст.

Илова бар ин, 29 майи соли 2019, тақрибан соати 12:00, К.Д. боз дар ҳолати мастӣ ба ҳамон суроға ба манзили холаи худ К.М. омада, бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдиди истифодаи он ва бо истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида, бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷинсии худ, маҷбуран либоси Ш.Р.-ро, ки аз шакли сабуки ақибмонии зеҳнӣ ранҷ мебурд, кашида гирифта, бар хилофи иродаи ӯ ва бо истифода аз он ки ҷабрдида воқеаро ба таври кофӣ дарк карда наметавонист, бо ӯ алоқаи ҷинсӣ анҷом додааст» [131].

Ҳангоми осеб дидани пардаи бокираи ҷабрдида Ш.Р. дарди шадид эҳсос намуда, ба фарёд задан ва нишон додани муқобилият оғоз кардааст, вале К.Д., аз нияти ҷиноятии худ даст накашида, амалҳои ҷиноятии худро идома дода, таҷовуз ба номусро анҷом додааст ва аз ҷойи ҳодиса фирор намудааст.

Бо ҳукми суд К.Д. дар содир намудани ҷинояте, ки дар м. 138 қ.2 б. а» КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, гунаҳгор дониста шуда, ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 (ҳашт) сол маҳкум гардидааст» [131].

Агар субъекти ҷиноят бо мақсади содир намудани алоқаи ҷинсӣ зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи онро нисбат ба зан ё шахсони ба ӯ наздик татбиқ намояд, ё аз мавҷуд будани ҳолати нотавонии зан огоҳ бошад, вале бинобар сабабҳое, ки аз иродаи ӯ вобаста нестанд, таҷовуз ба номус то анҷом нарасад, яъне алоқаи ҷинсӣ воқеан сурат нагирад, кирдори содиршуда бояд ҳамчун суйиқасд ба таҷовуз ба номус бандубаст карда шавад.

Таҷовуз ба номус метавонад бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла дар натиҷаи мудофиаи зарурӣ, даховлати шахсони дигар ё дигар ҳолатҳои шабеҳ то анҷом нарасад.

Масалан, «шаҳрванд Г. (мард) шаби аз 26 ба 27 июни соли 2014 ба шаҳрвандон Т. ва Н. (ҳар ду зан) пешниҳод намуд, ки муваққатан дар манзили истиқоматии ӯ зиндагӣ кунанд. Минбаъд, тақрибан соати 24:00,

Г., бо мақсади ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ бо Н., ба манзили мазкур баргашта, ба ҳуҷрае, ки ӯ дар он хоб буд, ворид гардид ва аз ҳолати хоб будани ҷабрдида барои амалӣ намудани нияти худ истифода бурд.

Н., пас аз бедор шудан, муқовимати фаъоли ҷисмонӣ нишон дода, ба фарёд кардан оғоз намуд. Бо вуҷуди ин, Г. амалҳои ғайриқонунии худро идома дода, кӯшиши содир намудани алоқаи ҷинсии зӯроваронаро анҷом дод. Ба фарёдҳои Н. фавран Т. вокуниш нишон дода, дахолат намуд ва амалҳои Г.-ро қатъ кард. Дар натиҷа, Н. ва Т. якҷоя зӯроварииро пешгирӣ намуда, Г.-ро аз ҳуҷра берун карданд.

Пас аз рух додани ҳодиса Н. якҷоя бо Т. бо ариза ба мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуданд.

Кирддори зикршуда тибқи қисми 3 моддаи 32 ва қисми 1 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун суйиқасд ба  таҷовуз ба номус бандубаст гардиданд. Бо ҳукми суди шаҳри Хуҷанд нисбат ба Г. ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се солу шаш моҳ бо адои ҷазо дар муассисаи ислоҳии низоми сахт таъйин карда шуд» [130].

Ҷанбаи муҳимме, ки А.Н. Каменева онро аз назари муқоисавӣ таҳқиқ намудааст, тафсири ҳолати нотавонии ҷабрдида ҳамчун усули содир намудани таҷовуз ба номус мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки қонунгузории хориҷӣ (аз ҷумла як қатор кишварҳои аврупоӣ) аксаран тавсифи муфассалтари чунин ҳолатро дар бар мегирад: на танҳо нотавонии ҷисмонӣ ё беҳушӣ, балки ҳамчунин ихтилолҳои амиқи равонӣ, дараҷаи баланди мастӣ, ки дар натиҷаи амалҳои қасдонаи гунаҳгор ба вуҷуд омадааст» [103, с. 54]. Ин таҳлил ба зарурати тафсири равшантар ва васеътари ин аломат ишора мекунад, то аз равиши шаклӣ ҳангоми бандубаст пешгирӣ карда шавад.

Дар таҳқиқи мушкилоти бандубасти таҷовуз ба номус мақоми муҳимро кори А.В. Дидо ишғол мекунад. Дар диссертатсияи ӯ таҳти унвони «Таҷовуз ба номус: мушкилоти бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ»

(2006) муаллиф «мураккабиҳои марбут ба муайян намудани ҳолати нотавонии ҷабрдида, инчунин фарқгузории таҷовуз ба номус аз ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвониро ба таври муфассал таҳлил менамояд» [102, с. 24]. Муаллиф таъкид мекунад, ки «вазъи оҷизӣ бояд бо назардошти ҳам омилҳои объективӣ (синну сол, нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ) ва ҳам дарки субъективии гунаҳгор аз ин ҳолат муайян карда шавад, зеро ин ба баҳодиҳии дурусти ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдор таъсир мерасонад» [102, с. 24]. Ин таҳлил фаҳмиши аломатҳои объективии таҷовуз ба номусро такмил дода, ба бандубасти дақиқтар дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мусоидат мекунад.

Мо нуқтаи назареро дар бораи зарурати тафсилоти меъёрии қатъии ҳадҳои синнусолӣ, ки ба таври автоматикӣ вазъи оҷизиро пешбинӣ мекунанд, дастгирӣ намекунем. Воқеиятҳои муосир аз ҷалби барвақтии наврасон ба ҳаёти ҷинсӣ шаҳодат медиҳанд. Мутаносибан, қобилияти шахс барои дарк намудани моҳияти ҳаракатҳое, ки нисбат ба ӯ содир мешаванд, дар ҳар ҳолат хусусияти инфиродӣ дорад. Ин ҳолат зарурати таъйини экспертизаи судӣ-психологиро дар парвандаҳои ин гурӯҳ махсусан муҳим мегардонад.

Истинод ба фазои ахлоқию равонӣ дар оила, тарзи зиндагии модар ё рафтори ғайрииҷтимоии кӯдак то ҳодисаи ҷиноятӣ барои мо далелҳои қонеъкунанда ба назар намерасанд. Ҳатто «мавҷудияти таҷрибаи ҷинсии қаблии ҷабрдидаи хурдсол эҳтимоли дар вазъи оҷизӣ қарор доштани ӯро истисно намекунад, зеро худи факти алоқаи ҷинсӣ ҳатман дониши моҳият ва аҳаммияти муносибатҳои ҷинсиро пешбинӣ намекунад. Аз ҷониби дигар, ҷабрдидаи хурдсол метавонад ба таври кофӣ ин маъниҳоро дарк кунад, ҳатто агар таҷрибаи мувофиқ надошта бошад» [42, с. 524].

Дар ҳолатҳое, ки на муқобилият ва на розигӣ вуҷуд доранд, кирдор метавонад ҳамчун таҷовуз ба номус нисбат ба шахсе дар вазъи оҷизӣ

арзёбӣ гардад. Меъёри фарқгузорӣ дар ин ҷо аз он вобаста аст, ки оё маҷбуркунӣ татбиқ шудааст ё вазъи оҷизонаи ҷабрдида истифода гардидааст.

Вазъияте, ки шахс ба баъзе амалҳои ҷинсӣ розӣ мешавад, вале ба худи алоқаи ҷинсӣ не, баҳодиҳии дутарафа ба вуҷуд меорад. Аз як тараф, ӯ гӯё ба раванд ихтиёран иштирок мекунад; аз ҷониби дигар, нисбат ба ӯ фишор расонида мешавад, ки метавонад ҳам ошкоро ва ҳам пинҳонӣ бошад.

Бояд дарк кард, ки марзи байни розигӣ ва маҷбуркунӣ дар чунин ҳолатҳо метавонад норавшан бошад. Гоҳе шахс метавонад ба гапдарой дода шавад ё худро маҷбур эҳсос кунад, ки идома диҳад, ҳатто агар ин барои ӯ номатлуб бошад.

Шакл ва шиддати маҷбуркунӣ дар чунин вазъиятҳо хеле гуногун мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо шахс ба фишори мустақими ҷисмонӣ ё равонӣ дучор мегардад; дар дигар ҳолатҳо маҷбуркунӣ метавонад нозуктар бошад, масалан, тавассути манипулятсияҳои шифоҳӣ ё эҷоди муҳити нороҳаткунанда.

Мушкили амалӣ дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки шахс ба яке аз чанд навъи амали ҷинсӣ розӣ мешавад, аммо иҷрокунанда амале анҷом медиҳад, ки нисбат ба он розигӣ дода нашудааст (масалан, алоқаи ҷинсӣ).

Мушкили асосӣ дар он ҳолат зоҳир мегардад, ки субъекти камфаъол розигии худро маҳз пас аз ба вуҷуд омадани ҳолати вазнинкунанда бозпас мегирад, зеро ӯ танҳо ба ҳаракатҳои дигари шаҳвонӣ розӣ шуда буд, вале он чи баъдан рӯй медиҳад, аз ҳадди розигии додашуда фарқ мекунад. Масалан, шахс ба муносибатҳои ҷинсӣ бо як нафар розӣ мешавад, аммо на бо ду ё зиёда нафар; ё розигӣ ба алоқаи ҷинсӣ маънои розигӣ ба содир шудани он бо бераҳмии махсус ё таҳқири шадидро надорад.

Ҳамин гуна масъалаҳо ҳангоми бандубасти таҷовуз ба номус, ки ба оқибатҳои вазнин оварда расонидааст, низ ҳал мегарданд. Агар ҷабрдида ба алоқаи ҷинсӣ розигӣ дода бошад, ин маънои онро надорад, ки ӯ ба чунин амал дар ҳама гуна шароит розӣ шудааст. Яъне, ин маънои розигӣ ба таҳқир, муносибати бераҳмона нисбат ба худ, расонидани ҷароҳати ҷиддӣ ё дигар амалҳоро надорад.

Аз ин рӯ, дар ҳолатҳое ки аломати вазнинкунанда бо анҷом додани алоқаи ҷинсӣ зич алоқаманд аст ва субъекти камфаъол қарори худро тағйир медиҳад, метавонад ҷинояти дорои аломатҳои вазнинкунанда ба миён ояд, ҳатто агар субъекти камфаъол дар оғоз ба худи алоқаи ҷинсӣ розӣ шуда бошад. Бо вуҷуди ин, ин ҳам аз хусусияти аломати вазнинкунанда вобаста мебошад.

Дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи имконпазир будани таҷовуз ба номус нисбат ба ҳамсари қонунии худ мавзуи баҳсҳо будааст. Баъзе уҳдадориҳои заношӯӣ шакли ҳуқуқӣ гирифтаанд, қисми дигар ҳамчун талаботи ғайрирасмии ахлоқӣ боқӣ монда, аз меъёрҳои маънавии шахс вобастаанд. Аз лаҳзаи бақайдгирии ақди никоҳ, зану шавҳар дорои як қатор ҳуқуқу уҳдадориҳои қонунан муқарраршуда мебошанд, аз ҷумла риояи вафодории заношӯӣ, муносибати масъулиятнок ба тарбияи фарзандон, дастгирии моддӣ ва маънавии ҳамдигар, озодии интихоби касб, кор ва ҷойи зист.

Дар соҳаи «муносибатҳои шаҳвонӣ иҷро кардан ё иҷро накардани уҳдадориҳои заношӯӣ» одатан оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ ба бор намеорад, ба истиснои баъзе ҳолатҳои камёфт (масалан, мавҷудияти бадахлоқии ҷинсӣ). Аммо ҳангоми қонеъ гардонидани хоҳишҳои ҷинсии девиантӣ таваҷҷуҳ бештар ба он равона мешавад, ки зан дар ақди никоҳ қарор дорад, шахсеро мешиносад, ки бо ӯ ба муносибати ҷинсӣ ворид мешавад ё ворид хоҳад шуд ва аз афзалиятҳои якдигар огоҳ аст» [88, с.

Агар дар бораи ҷабрдидаи махсуси таҷовуз ба номус, яъне яке аз ҳамсарон сухан равад, пеш аз ҳама бояд онро ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ ва ҳамчун як навъи зӯроварии хонаводагӣ баррасӣ кард.

Дар қарори 9 июни соли 2009 аз рӯйи парвандаи «Опуз бар зидди Туркия» Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон қайд кардааст, ки «зӯроварӣ дар оила масъалаи хусусӣ ё «корҳои оилавӣ» нест, балки масъалаест, ки манфиатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад ва, аз ин рӯ, аз давлат амалҳои муассир талаб менамояд.

Давлатҳо бояд қонунгузории миллии худро ба стандартҳои ҳуқуқи инсон мутобиқ созанд, агар мехоҳанд ба таври самаранок пешгирӣ ва мубориза бо беҷазоӣ барои таҷовуз ба номусро таъмин намоянд» [129].

Таҷовуз ба номус дар ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун поймолкунии ҳуқуқи инсон ва шакли зӯроварии гендерӣ нисбат ба занон ва духтарон эътироф мешавад, ки метавонад то сатҳи шиканҷа баробар арзёбӣ гардад. Аз ин рӯ, давлатҳо уҳдадоранд қонунгузорие қабул намоянд, ки онро криминализатсия мекунад ва таъқиби судии гунаҳгоронро таъмин созад. Бо вуҷуди он ки ҳамаи давлатҳои мавриди баррасӣ таҷовуз ба номусро ҷиноят эътироф мекунанд, аксарияти кулли онҳо онро ба шакле танзим менамоянд, ки ба стандартҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалӣ пурра мутобиқат намекунад.

Шарҳи гузаронидашудаи қонунгузорӣ як қатор самтҳоро нишон дод, ки ҳалли онҳо зарур аст: холигиҳо дар тарзи муайян кардани таҷовуз ба номус, доираи шахсони ҳифзшаванда, муҳлатҳои мурочиати ҷабрдида бо хабар дар бораи ҷиноят, набудани криминализатсияи таҷовуз ба номус дар ақди никоҳ, инчунин норасоии таъқиби судӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ ва ҳифзи ҷабрдидагон.

Ин холигиҳо ба дастрасии ҷабрдидагон ба адолати судӣ таъсири манфӣ расонида, сатҳи беҷазо мондани ҷинояткоронро баланд мекунанд. Дар бораи таҷовуз ба номус аксаран хабар дода намешавад; ҳатто агар

хабар дода шавад ҳам, кам ба таъқиби ҳуқуқӣ мерасад. Ҳатто ҳангоми мавҷуд будани таъқиби судӣ ҳам, бисёр вақт ҷанбаҳои гендерӣ ба назар гирифта намешаванд ва раванди баррасӣ метавонад ба виктимизатсияи такрорӣ оварда расонад, ки дар натиҷа шумораи ҳукмҳои айбдоркунанда кам мемонад. Оқибати ниҳоӣ: «муқаррарӣ» шудани таҷовуз ба номус, ташаккули «фарҳанги таҷовуз» ё хомӯшӣ дар бораи он, доғдор шудани ҷабрдидагон ва беҷазо мондани гунаҳгорон мебошад.

Саволи калидӣ дар он аст, ки таҷовуз ба номус чӣ гуна муайян карда мешавад. Он бояд ҳамеша бар набудани розигии ҷабрдида асос ёбад. Истифодаи зӯроварӣ ё қувва далели набудани розигӣ мебошад, вале набояд ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷинояти таҷовуз ба номус баррасӣ гардад. Набудани розигӣ бояд дар маркази ҳамаи таърифҳои таҷовуз ба номус қарор дошта бошад.

Ҳамчунин дар баъзе кишварҳо таҷовуз ба номус дар доираи ақди никоҳ ғайриқонунӣ ҳисобида намешавад.

Илова бар ин, аз ҷониби Маърузачии махсуси СММ Қонуни намунавӣ оид ба таҷовуз ба номус пешниҳод шудааст, ки метавонад ба давлатҳо дар мутобиқсозии қонунгузории худ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат намояд. Ин қонуни намунавӣ ҳамчун воситае хидмат мекунад, ки ин равандро осон месозад. Ҳукуматҳо, қонунгузорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳо метавонанд аз он барои қабули қонунгузорие истифода намоянд, ки воқеан ҳамаи ҷабрдидагонро ҳифз карда, имкон медиҳад гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Аз ҷиҳати таърихӣ, таҷовуз ба номус ҳамчун ҷинояти вобаста ба гендер криминализатсия мешуд, ки танҳо ба воридшавии маҳбалӣ нисбат ба занон рабт дошт. Имрӯз стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон доираи татбиқи меъёрҳои таҷовуз ба номусро васеъ намудаанд, то ҳамаи шахсон ва ҳама гуна воридшавии дорои хусусияти шаҳвониро фаро гиранд.

Ин гузариш ба самти ҳифзи ҳамаи шахсон дар сатҳи миллӣ низ мушоҳида мешавад: дар аксари давлатҳо таърифи таҷовуз ба номус аз нуқтаи назари гендер бетараф буда, ҳамаи шахсонро фаро мегирад. Аммо тақрибан дар сеяки давлатҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, таҷовуз ба номус ҳанӯз ҳам ҳамчун ҷинояти гендерӣ муайян шуда, ҷабрдидагони он танҳо занон эътироф мегарданд. Дар чунин давлатҳо одатан меъёрҳои ҷудогона барои дигар ҷабрдидагон амал мекунанд ва дар баъзе кишварҳо ҷиноятҳое, ки зӯроварии ҷинсиро нисбат ба мардон ва писарон фаро мегиранд, нисбат ба таҷовуз ба номус ҷазои сабуктар доранд.

Дар Тоҷикистон ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба мардон бо м. 139 КҶ фаро гирифта шуда, ҳатто нисбат ба таҷовуз ба номус сахттар ҷазо дода мешаванд: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол.

Тибқи стандартҳои умумэътирофшудаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҷовуз ба номус дар ақди никоҳ дар аксари кишварҳо ҳамчун ҷиноят эътироф мешавад. Бо вуҷуди ин, дар як қисми назарраси давлатҳо он, мутаассифона, то ҳол беҷазо мемонад.

Ҷолиб аст, ки сарчашмаҳои истиснои «таҷовуз ба номус дар никоҳ» аз қонунҳои мустамликавӣ маншаъ мегиранд, ки дар онҳо чунин кирдор ҳамчун истисно баррасӣ мешуд. Бо гузашти вақт ин меъёр шакл иваз карда, ба қонунгузории бисёре аз давлатҳои мустақил роҳ ёфт.

Ҳамзамон, тағйиротҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ нисбат ба таҷовуз ба номус на дар ҳамаи кишварҳо амалӣ шудаанд. Имрӯз як навъ парадокс мушоҳида мешавад: қонунҳое, ки аввал дар давлатҳои мустамликадор таҳия шуда буданд, дар худи ҳамон кишварҳо тағйир дода шуданд, аммо дар баъзе мустамликаҳои собиқи онҳо боқӣ монданд. Аз ин рӯ, бисёр давлатҳо бояд ба қонунгузории худ тағйирот

ворид кунанд, то истиснои марбут ба таҷовуз ба номус дар никоҳро бартараф намоянд.

Як қатор давлатҳо то ҳол таҷовуз ба номус дар никоҳро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мекунанд, аз ҷумла: Багам, Бангладеш, Ҳиндустон, Ироқ, Урдун, Лубнон, Малайзия, Нигерия, Самоа, Судони Ҷанубӣ, Шри-Ланка, Судон ва Ҷумҳурии Арабии Сурия.

Масалан, дар Ҳиндустон таҷовуз ба номус дар никоҳ бевосита аз таркиби ҷинояти таҷовуз ба номус истисно шудааст. Қонуни ислоҳоти ҷиноятӣ (2013), ки ба меъёрҳои марбут ба зӯроварии ҷинсӣ тағйироти муҳим ворид намуд, истиснои таҷовуз ба номус дар никоҳро ҳифз кард. Гарчанде қонун таҷовуз ба номус нисбат ба ҳамсарони қонунан талоқшударо ҷиноят эътироф кард, барои он муҳлатҳои сабуктари маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар намуд.

Дар Лубнон қонуни №293 аз соли 2014 қабул гардид. Моддаи 7 Қонуни ҳифзи занон ва дигар аъзои оила аз зӯроварии хонаводагӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои истифодаи таҳдид ё зӯроварӣ аз ҷониби ҳамсар бо мақсади талаби «ҳуқуқи заношӯӣ ба алоқаи ҷинсӣ» пешбинӣ мекунад, аммо ҷавобгарии ҷиноятиро барои худи таҷовуз ба номус мустақиман муқаррар намекунад.

Дар Тоҷикистон таҷовуз ба номус аз ҷониби шавҳар нисбат ба ҳамсар ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он пешбинӣ шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва бо мақсади риояи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, чунин мешуморем, ки зарурати андешидани чораҳои зерин ба миён меояд:

а) Муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба таҷовуз ба номус марбутанд, бояд ҳамаи шахсонро бидуни ҳар гуна табъиз ҳифз намоянд. Мардон, писарон ва шахсоне, ки аз лиҳози ҷинс фарқ мекунанд, низ бояд фаро гирифта шаванд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки таҷовуз ба

номус шакли зӯроварии вобаста ба ҷинс мебошад, ки асосан занон ва духтаронро фаро мегирад, аз ин рӯ истифодаи меъёрҳои бетарафи гендерӣ дар қонунгузорӣ зарур аст;

б) Криминализатсияи таҷовуз ба номус бояд таҷовуз ба номус байни ҳамсарон ё шарикони шаҳвониро низ дар бар гирад. Ҳамаи давлатҳое, ки таҷовуз ба номус дар никоҳро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мекунанд ва бо ин амали худ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мухолифат менамоянд, бояд чунин истисноҳоро бекор намоянд.

Дар тули 30 соли охир ворид намудани набудани розигӣ ба таърифи таҷовуз ба номус ба унсури марказӣ ва муайянкунандаи он табдил ёфтааст. Дар ин замина таҳаввулоти мафҳуми таҷовуз ба номус ба самти эътирофи набудани розигӣ ҳамчун меъёри калидӣ баррасӣ мегардад. Таҳлили амалияи судии трибуналҳои байналмилалӣ (оид ба Югославияи собиқ ва Руанда), Статути Рим, инчунин тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбат ба занон (CEDAW) аз он шаҳодат медиҳанд, ки тадриҷан аз мафҳумҳои кӯҳна, ки ба муқовимати ҷисмонӣ тамаркуз мекарданд, даст кашида мешавад.

Қадами муҳимме дар ин самт ҳуҷҷате гардид таҳти унвони Набудани розигӣ бояд ба стандарти ҷаҳонии таърифи таҷовуз ба номус табдил ёбад», ки аз ҷониби Платформаи механизмҳои мустақили коршиносӣ оид ба масъалаҳои табъиз ва зӯроварӣ нисбат ба занон моҳи ноябри соли 2019 нашр шудааст. Шумораи афзояндаи давлатҳо, аз ҷумла кишварҳое, ки Конвенсияи Истанбулро тасдиқ кардаанд, дар солҳои охир таърифи таҷовуз ба номуси худро тағйир дода, набудани розигиро ба таври мустақим ҳамчун унсури таркибӣ ворид намуданд, гарчанде бо истифода аз таърифҳои гуногун, ки мафҳумҳои мухталифи розигиро инъикос мекунанд.

Бо вуҷуди ин, қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол таҷовуз ба номусро асосан танҳо ҳамчун истифодаи қувва ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ муайян менамояд.

Ҷанбаи муҳимми дигари марбут ба розигӣ: синни розигии ҷинсӣ мебошад, ки яке аз масъалаҳои аз ҳама баҳсталаб дар соҳаи криминализатсияи таҷовуз ба номус ба ҳисоб меравад.

Синни розигӣ аз м. 141 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Дар он ба таври равшан муқаррар шудааст, ки ҳар гуна алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, ҷиноят ба ҳисоб меравад. Аз синни 16 сол шахс ҳуқуқ дорад мустақилона қарор қабул намояд, ки оё мехоҳад ба муносибатҳои шаҳвонӣ ворид шавад ё не. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон синни розигии ҷинсӣ – 16-солагӣ мебошад.

Дар баъзе давлатҳо, махсусан дар Амрикои Лотинӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ҷиноятеро бо истилоҳи estupro муайян мекунад, ки одатан ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки шахси болиғ бо ноболиғе, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун барои розигӣ расидааст, тавассути фиреб ё ҷалбкунӣ ба муносибатҳои ҷинсӣ ворид мешавад. Масалан, дар Эквадор синни розигӣ 14 сол муқаррар гардидааст. Муқаррароти estupro нисбат ба шахсони болиғ татбиқ мешаванд, ки бо кӯдакони синни аз 14 то 18 сол ба алоқаи ҷинсӣ ворид шудаанд ва ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз як то се сол пешбинӣ мекунад, дар ҳоле ки барои таҷовуз ба номус ва таҷовузи қонунӣ ҷазоҳои сахттар – аз 19 то 22 сол маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар шудаанд.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки дар амал ҳангоми айбдоркунии таҷовузкорон, аксаран айб бо ҷиноятҳои сабуктар, на бо худи таҷовуз ба номус, пешниҳод мегардад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморем, ки зарурати тадбирҳои зерин ба миён меояд:

а) Ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд набудани розигӣ ба таври мустақим ва марказӣ ба таърифи таҷовуз ба номус ворид карда шавад. Истифодаи қувва ё таҳдиди истифодаи он далели равшани набудани розигӣ мебошад, вале зӯроварӣ набояд унсури ҳатмии таркиби ҷиноят ҳисобида шавад. Лозим аст муқаррар гардад, ки розигӣ бояд озодона, дар натиҷаи иродаи озод ва бо арзёбии он дар заминаи тамоми ҳолатҳои ҳамроҳ дода шавад. Ҳар гуна алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ бояд дар ҳамаи таърифҳо ҳамчун таҷовуз ба номус бандубаст гардад;

б) Дар меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҷовуз ба номус бояд ҳолатҳое мушаххас гарданд, ки дар онҳо исботи набудани розигӣ талаб карда намешавад ё розигӣ умуман имконнопазир аст; масалан, вақте ки ҷабрдида дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор дорад, ё бинобар истеъмоли машрубот ва маводи нашъадор доимӣ ё муваққатан қобилияти додани розигиро аз даст додааст.

Баровардани ҳукм барои таҷовуз ба номус бо татбиқи ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунанда зич алоқаманд аст, ки метавонанд муҳлати ҷазоро то сеяки муҳлат ё бештар зиёд намоянд. Дар аксари кишварҳо таҷовуз ба номус бо маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо дода мешавад. Одатан, ҳадди ақалли ҷазо барои таҷовуз ба номус бидуни ҳолатҳои вазнинкунанда аз як то даҳ сол маҳрум сохтан аз озодиро ташкил медиҳад. Тақрибан дар сеяки ҳолатҳо ҳадди ақалли ҷазо аз 11 то 20 сол муқаррар мешавад. Барои гурӯҳи нисбатан маҳдуд, ҷазои ҳадди аксар дар шакли якумра маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегардад.

Ҷаримаҳо низ ҳамчун навъи санксия истифода мешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо онҳо илова бар маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегарданд, дар ҳоле ки танҳо дар се давлат (Арманистон, Индонезия ва Нидерландия) ҷарима метавонад ҳамчун алтернатива ба маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин карда шавад. Дар баъзе кишварҳо ҳамчун ҳолати вазнинкунанда нишон дода мешавад, ки ҷинояткор ҳамсари кунунӣ ё собиқ, ё шарики шаҳвонӣ

мебошад. Дар баъзе давлатҳо ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда ҷазои қатл низ метавонад татбиқ гардад.

Аз ҳама ҳолати сабуккунандаи ташвишовар, ки боиси сабук шудани ҷазо ё ҳатто бекор гардидани он мегардад, вазъияте мебошад, ки ҷинояткор бо ҷабрдидаи худ ақди никоҳ мебандад; чунин меъёрҳо бо номи «бо таҷовузкор издивоҷ кун» маъруфанд. Гарчанде ки бархе давлатҳо дар солҳои охир тағйирот ворид намуда, ин муқарраротро бекор карданд (масалан, Урдун ва Тунис), давлатҳои дигар онҳоро ҳифз менамоянд (аз ҷумла, Ироқ, Либия ва Филиппин). Дар Ҷумҳурии Арабии Сурия бастани ақди никоҳ бо ҷабрдида метавонад ҷазои гунаҳгорро сабук намояд. Дар Лубнон ва Мадагаскар истисноҳо нисбат ба таҷовуз ба номуси қонунӣ боқӣ мондаанд, вақте ки ваъдаи бастани ақди никоҳ дода шудааст; дар Марокаш бошад, судяҳо бо ихтиёри худ ҳолатҳои сабуккунандаро муайян мекунанд, агар ҷазо хеле сахт шуморида шавад, ки дар амал метавонад ба озод кардани ҷинояткор аз ҷазо дар сурати издивоҷ бо ҷабрдида оварда расонад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморем, ки зарурати чораҳои зерин ба миён меояд:

а) Таҷовуз ба номус бояд бо ҷазое муҷозот гардад, ки ба дараҷаи вазнинии ҷиноят мутаносиб бошад.

б) Ба рӯйхати ҳолатҳои вазнинкунанда дар Тоҷикистон бояд чунин ҳолатҳо ворид карда шаванд: ҷинояткор ҳамсари кунунӣ ё собиқ, шарики наздик ё аъзои оила мебошад; ё ҷинояткор аз мақом ё қудрати худ нисбат ба ҷабрдида суиистифода кардааст; ё ҷабрдида осебпазир буда, ё ӯро қасдан осебпазир гардонидаанд.

Таҳлиле, ки дар доираи ин боб нисбат ба аломатҳои объективии таҷовуз ба номус анҷом дода шуд, бо хулосаҳои таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии А.Н. Каменева ҳамоҳанг аст. Ӯ таъкид менамояд, ки рушди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи таҷовуз ба номус дар ҷаҳон ба

самти умумисозии принсипи розигии ихтиёрӣ ҳамчун унсури низомсозандаи таркиби ҷиноят ҳаракат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ тасдиқ менамоянд, ки ҳифзи ғояҳои куҳнашуда дар қонунгузории миллӣ, ки исботи ҳатмии зӯроварӣ ё таҳдидро талаб мекунад, монеаҳои ҷиддӣ барои дастрасии ҷабрдидагон ба адолати судӣ эҷод намуда, ба декриминализатсияи бисёр ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ меорад, ки бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мухолиф аст.

### 2.2. Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус

Тарафи субъективии ҷиноят шуур ва иродаи субъекти ҷиноятро, ки бо содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок алоқаманд аст, тавсиф менамояд. «Тарафи субъективии ҷиноят ҷанбаи дохилии он буда, муносибати руҳии шахсро нисбат ба кирдори содиркардааш инъикос мекунад» [19, с. 28].

Заминаи таърихии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар бораи таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ дар таҳқиқоти А.Н. Каменева мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [103, с. 208]. Муаллиф таҳаввулоти ин таркибҳои ҷиноятиро дар қонунгузорӣ пайгирӣ намуда, қайд мекунад, ки дар «таърих таҷовуз ба номус асосан ҳамчун таҷовуз ба шаъну шараф ва иффати зан маънидод мешуд, дар ҳоле ки равиши муосир таъкидро ба ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият, новобаста аз ҷинс, мегузорад. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки пайдоиши мушкилоти муосири бандубаст, аз ҷумла фарқиятҳо дар равишҳо ба муайян намудани объекти ҷиноят ва тарафи субъективии он, беҳтар дарк карда шаванд» [103, с. 208].

Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ танҳо ба қасд ё ангезаи шахс дар бораи кирдори содиршуда маҳдуд намешавад. Он ворид шудан ба олами равонии гунаҳгор, дарки ангезаҳо, мақсад ва иродаи ӯ нисбат ба оқибатҳои кирдорро дар бар мегирад. Олами

ботинии ҳуқуқвайронкунанда бисёрҷабҳа буда, омӯзиши он калиди адолати судии асоснок ва одилона мебошад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ қабул шудааст, ки тарафи субъективӣ бар се унсури асосӣ такя мекунад:

Гуноҳ.

Гуноҳ муносибати равонии шахсро ба кирдори содиршуда ифода мекунад: қасдан ё аз рӯйи беэҳтиётӣ. Қасд ба қасди бевосита ва қасди бавосита ҷудо мешавад. Беэҳтиётӣ дар шакли бепарвоии ҷиноятӣ ё худбоварии ҷиноятӣ зоҳир мегардад.

Ангеза.

Ангеза ҳиссиёти дохилиест, ки шахсро ба содир намудани ҷиноят водор месозад. Он ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда амал намуда, рафтори ҷиноятии шахсро муайян ва самт медиҳад.

Қасд.

Қасд дар дарки шахс аз хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва пешбинӣ намудани оқибатҳои он ифода меёбад. Намудҳои қасд метавонанд бевосита, бавосита ё номуайян бошанд.

Бояд таъкид кард, ки танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳ шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шавад. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бар он асос меёбад, ки танҳо шахси гунаҳгор бояд ҷазо гирад. Гуноҳ маҳз дар муносибати руҳии шахс ба кирдори содиршуда : қасдан ё аз рӯйи беэҳтиётӣ ифода меёбад.

Дар низоми ҳуқуқии англо-амрикоӣ барои ифодаи тарафи субъективӣ истилоҳи «mens rea» истифода мешавад, ки маънои «ақли гунаҳгор»-ро дорад. Моҳияти ин мафҳум дар арзёбии ҳолати равонии айбдоршаванда ҳангоми содир намудани ҷиноят, фаҳмиши ниятҳо ва фикрҳои ӯ ифода меёбад. Чи қадаре ки ҷиноят вазнинтар бошад, ҳамон қадар сатҳи исботи гуноҳи талабшаванда баландтар мегардад.

Дар ин замина, давлат уҳдадор аст, ки қасд ё беэҳтиётии айбдоршавандаро исбот намуда, ҳолати равонии ӯро дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят асоснок намояд.

Зери ангезаи содир намудани ҷиноят ҳиссиётҳои дохилӣ фаҳмида мешаванд, ки аз ниёзҳо ва манфиатҳои шахс сарчашма гирифта, дар ӯ тасмими содир намудани ҷиноятро ба вуҷуд меоранд ва рафторашро ҳангоми иҷрои он роҳнамоӣ мекунанд. Аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ангеза дар он зоҳир мегардад, ки он дар байни дигар аломатҳои субъективии ҷинояти қасдона нақши пешбаранда дорад, зеро маҳз ангеза муҳтаво ва самти рафтори ҷиноятии шахсро муайян месозад.

Ангеза ҳамчун воситаи ғайримустақими исботи он баромад мекунад, ки кирдоре қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир шудааст. Яъне, қасд ё ҳолати равонии шахс дар низоми адолати ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад ва аксаран унсурест, ки дар ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот гардад.

Тибқи таълимоти П.С. Дагел, ки дар он таснифи ангезаҳо пешниҳод шудааст, «ангезаи манфиатҷӯёна ҳамеша дорои арзёбии манфии ҷамъиятӣ буда, мутаносибан ба оқибатҳои ҳуқуқии манфӣ меоварад» [20, с. 29].

Мақсад манбаи самтгирии фаъолияти субъект ба ҳисоб меравад. Он модели тахайюлшудаи натиҷаи ояндаро ифода мекунад (он чи шахс мехоҳад дар натиҷаи амалҳои худ ба даст оварад). Мақсад пояи равонӣ, яъне асоси психологиест, ки гуноҳ бар он ташаккул меёбад, зеро мақсад пеш аз содир шудани ҷиноят ва ҳатто пеш аз пайдоиши гуноҳ вуҷуд дорад.

Тарафи субъективии таҷовуз ба номус танҳо бо қасди бевосита имконпазир аст: гунаҳгор дарк мекунад, ки алоқаи ҷинсӣ дар натиҷаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида анҷом меёбад ва ӯ худ мехоҳад чунин алоқаи ҷинсиро анҷом диҳад.

Вақте қонун, ҳангоми муайян намудани мафҳуми қасди бевосита, таъкид мекунад, ки ҷинояткор фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро мехоҳад, он ба мақсади кирдорҳои қасдонаи ӯ ишора менамояд. Хоҳиши фаро расидани оқибатҳо – ин талоши дохилии шахс барои ноил шудан ба мақсади ҷиноятӣ мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳангоми бандубасти кирдор ҳамчун таҷовуз ба номус, унсури ҳалкунанда на ангеза (ки метавонад гуногун бошад), балки мақсад мебошад, яъне қонеъ гардонидани хоҳиши ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ бар хилофи иродаи ҷабрдида. Мақсади таҷовуз ба номус дар ду унсури гуноҳи қасдонаро инъикос меёбад:

– унсури зеҳнӣ (пешбинӣ намудани фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида);

– унсури иродавӣ (хоҳиши фаро расидани чунин оқибатҳо).

Дар маънои равонӣ, моҳияти раванди иродавӣ дар талоши фаъоли дохилӣ барои расидан ба мақсади гузошташуда тавассути бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида бо зӯроварӣ ифода меёбад.

Муайян ва дарк намудани мақсад шарти пешакии қабули қарор оид ба содир намудани ҷиноят мебошад. Мақсад – ин дарки зарурат ва имконияти ба даст овардани натиҷаи мушаххаси кирдор аст, ки тавассути он субъект ниёзи худро қонеъ месозад. Ангеза аҳаммияти субъективии кирдорро тавсиф мекунад, дар ҳоле ки мақсад самтгирии объективии онро муайян менамояд.

Ҳангоми мавҷуд будани қасд, мақсад ва натиҷа ба ҳам мувофиқ меоянд: дар қасди бевосита оқибатҳо дилхоҳанд, дар қасди бавосита роҳ дода мешаванд. Азбаски ангеза унсури ҳатмии кирдор мебошад, он хосиятҳои дар сохтори шахсият устуворшудаи характери шахсро инъикос мекунад. Мутаносибан, кирдор аз ҷониби шахсият ҳамчун як низоми том муайян карда шуда, вобастагии он аз вазъият танҳо дар

доирае зоҳир мегардад, ки бо шаклҳои хоси вокуниш, ки барои ин шахсият хосанд, шарт шудааст.

Ҳамин тавр, ангеза дар шахсоне, ки таҷовуз ба номус содир мекунанд, дар он ҳолатҳо зоҳир мегарданд, ки субъекти ҷиноят муддати тулонӣ дар ҳолати ноумедии равонӣ қарор дорад. Содир намудани таҷовуз нисбат ба шахсони ҷисман заиф (кӯдакон, занони солхӯрда) ба ҷинояткор имкон медиҳад худро қавӣ эҳсос намояд ва ба ин васила, то андозае, таҷрибаҳои равонии осебдиҳандаро безарар гардонад. Ангезаҳои худтасдиқкунӣ бошанд, дар натиҷаи кӯшиши ба даст овардан ё нигоҳ доштани мавқеи худ дар сатҳи иҷтимоӣ-равонӣ (дар муҳити барои шахс аҳамиятнок) ва сатҳи инфиродӣ-равонӣ (худбаҳодиҳӣ, эҳтиром ба худ) ба вуҷуд меоянд.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми бандубасти кирдорҳо як қатор мушкилиҳо ба миён меоянд. Яке аз мушкилоти паҳншуда муайян намудани ҳадҳои қобили қабули озодии ҷинсии ноболиғон мебошад. Мураккабии масъала дар он аст, ки арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва моделҳои тарбия пайваста тағйир меёбанд, ки ин ҷустуҷӯи тавозунро байни ҳуқуқҳои ҷабрдида ва шахси гунаҳгор душвор мегардонад.

Қонунгузорӣ ҳадҳои дақиқи озодии ҷинсии ҷабрдидаро на то ва на баъд аз анҷоми алоқаи ҷинсӣ муайян накардааст. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи озодии ӯ танҳо аз ҷониби худи ӯ муайян мегардад. Чунин холигӣ дар қонун метавонад ба ҷалби беасоси шахсони бегуноҳ ба ҷавобгарӣ, ки қурбонии айбдоркуниҳои бардурӯғ шудаанд, оварда расонад.

Аломати дигари субъекти ҷиноят: мукаллаф будан ҳамчун қобилияти шахс барои дарк намудани ҳаракат (ё беҳаракат)-и худ ва идора кардани онҳо дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят муайян карда мешавад. Мукаллаф будан на танҳо шарти воқеӣ, балки шарти мантиқии мавҷудияти ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ низ ба ҳисоб меравад.

Субъекти ҷиноят шахсест, ки нисбат ба ӯ татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ имконпазир аст. Ӯ бояд дорои як қатор аломатҳо бошад, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: аломатҳои асосӣ ва аломатҳои иловагӣ.

Ба аломатҳои асосӣ мансубанд:

– мукаллаф будан (қобилияти дарк ва идора намудани кирдорҳои худ);

– расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ (ки вобаста ба навъи ҷиноят метавонад фарқ кунад).

Набудани ҳар яке аз ин аломатҳо, чун қоида, маънои набудани субъекти ҷиноятро дорад.

Ба аломатҳои иловагӣ дохил мешаванд:

– ваколатҳои мансабӣ (масалан, табибе, ки хатои касбӣ содир намудааст);

– фаъолияти касбӣ;

– муносибатҳои махсус бо ҷабрдида (масалан, хешовандони наздик).

Мавҷудияти чунин аломатҳо имкон медиҳад ба субъекти ҷиноят тавсифи дақиқтар дода шавад.

Маҷмуи ҳамаи аломатҳо: ҳам асосӣ ва ҳам иловагӣ имкон медиҳад шахсияти содиркунандаи ҷиноят ба таври ҳамаҷониба тавсиф карда шавад. Аломатҳои субъекти махсус метавонанд дар меъёрҳои алоҳидаи КҶ мустақиман муқаррар шаванд ё тавассути тафсири муқарраротӣ ҷудогонаи онҳо муайян гарданд. Дар сурати набудани ягон аломати субъекти махсус, мавҷудияти таркиби ҷиноятe, ки чунин субъект унсури ҳатмии он мебошад, истисно мегардад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо набудани ҳамаи аломатҳои субъекти махсус маънои онро надорад, ки унсурҳои таркибии дигар ҷиноятҳо, ки ба объекти умумӣ тааллуқ доранд, вуҷуд надоранд ё ки муҳтавои ин ҷиноят (ё ҷиноятҳои дигар) маҷмуи аломатҳои дигарро талаб намекунад.

Аломатҳои баъзе субъектҳои махсус хусусияти муайяни маҳдудкунанда доранд, зеро онҳо пешбинӣ менамоянд, ки ҷиноятҳои муайян на аз ҷониби ҳар шахс, балки танҳо аз ҷониби шахсоне содир шуда метавонанд, ки дорои чунин аломатҳо мебошанд. Аз ин рӯ, шахсоне, ки ин аломатҳоро надоранд, наметавонанд тибқи меъёрҳои махсуси қонунгузории ҷиноятӣ, ки субъекти махсусро пешбинӣ мекунад, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Ҳамин тариқ, аломати субъекти махсус, дар маҷмуъ, аломати ҳатмии як қатор ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

В.Н. Ткаченко пешниҳод менамояд, ки «занеро, ки якҷоя бо мард қисми тарафи объективии таҷовуз ба номусро иҷро намудааст, ҳамчун ёрдамчӣ баррасӣ кардан лозим аст» [112, с. 112]. В.В. Сергеев, баръакс, ҷалби шахсоне ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун ҳамичрокунандагони таҷовуз ба номус, ки нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ татбиқ менамоянд, вале бинобар сабабҳои гуногун қодир ба анҷом додани алоқаи ҷинсӣ нестанд ҳачун ҳамиҷрокунанда мешуморад» [114, с. 16]. Зан метавонад шарики ҷиноят бошад, аз ҷумла ҳамчун ҳамиҷрокунандаи таҷовузи гурӯҳӣ, агар нақши ӯ ворид шудан ба алоқаи ҷинсиро дар бар нагирифта бошад» [49, с. 184].

Таҷовуз ба номус, ҳатто дар ҳолатҳои ба назар тасодуфӣ, амалан ҳамеша бо раванди каму беш тулонии ташаккули шахсияти таҷовузкори эҳтимолӣ» омода мегардад, ки бо қабули қарор оид ба интихоби шакли муайяни рафтор анҷом меёбад. Ин қарор вобаста ба омилҳои дохилӣ (равонӣ ё патопсихологӣ) ва шароити беруна (мусоид ё номусоид) қабул карда мешавад.

Ҷамъбасти манбаъҳои илмӣ ва маводи эмпирикӣ имкон медиҳад, ки навъҳои ҷиноятӣ-психологии таҷовузкорон пешниҳод карда шаванд.

Аз рӯйи хусусияти таъсирии шароити беруна ва дохилӣ (муҳити иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсӣ) метавон гурӯҳҳои зеринро ҷудо намуд:

А) шахсоне, ки дорои самтгирии сусти зиддиҷамъиятӣ мебошанд, одатан дар шароите ба ҷиноят даст мезананд, ки худи вазъият ангезандаи рафтори ҷиноятӣ мегардад; дар чунин ҳолатҳо рафтори зиддиҷамъиятӣ бештар дар доираи гурӯҳи ҷиноятӣ зоҳир шуда, иштирокчиён аксаран «барои ҳамроҳӣ» ба содир намудани ҷиноят ҷалб мешаванд;

б) шахсоне, ки дорои самтгирии нисбатан устувори зиддиҷамъиятӣ мебошанд – дар чунин ҳолатҳо вазъият ё нақши бетараф дорад, ё ба содир гардидани ҷиноят мусоидат менамояд.

в) шахсоне, ки дорои самтгирии равшани зиддиҷамъиятӣ мебошанд: дар механизми ташаккули рафтори ҷиноятӣ вазъият аҳаммияти ҳалкунанда надорад ва метавонад хусусияти мусоид, бетараф ё ҳатто монеъшаванда дошта бошад.

Аз рӯйи хусусиятҳои пайдоиш ва татбиқи қасд, шахсони таҷовуз ба номус содиркарда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) шахсоне, ки ҷиноятро тасодуфӣ содир мекунанд;

б) шахсоне, ки ҷиноятҳои пешакӣ банақшагирифташуда анҷом медиҳанд.

Аз ҷониби муҳаққиқон, инчунин навъҳои зерини вазъиятҳои криминалӣ дар таъсирии ҷинояткор бо ҷабрдида муайян карда шудаанд: Ҳамлаи як ҷинояткори барои ҷабрдида ношинос.

Ҳамла одатан дар ҷойҳои беодам сурат мегирад, аммо баъзан ҷинояткор бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдид ҷабрдидаро ба чунин ҷой меорад. Ин гуна шахсон одатан дар барқарор намудани муносибатҳои ҷинсӣ мушкилӣ доранд, бисёр вақт бинобар нуқсонҳои ҷисмонӣ; дар таърихи беморӣ баъзан патологияи мағзи сар мушоҳида мешавад. Синни миёнаи ҷинояткор – 17 сол, ҷабрдида – 13 сол.

2. Истифодаи эътимоди беасоси ҷабрдида аз ҷониби ҷинояткори танҳо.

Ҷинояткор ҷабрдидаро ба маконе мебарад, ки барои таҷовуз мусоид аст; баъзан ин дар шароити мусоид рух медиҳад (бар, тарабхона, ҳолати мастии ҷабрдида). Ҷойи ҷиноят пешакӣ интихоб мешавад: чунин маконе, ки дахолати шахсони дигар эҳтимолан сурат намегирад. Муқобилият бо таҳдид ва зӯроварии ҷисмонӣ фурӯ нишонда мешавад, гарчанде одатан ба ҷабрдида ҷароҳатҳои вазнин расонида намешаванд. Синни миёнаи ҷинояткор – 20 сол, ҷабрдида –14-17 сол.

3. Таҷовуз ба ҳамсоли шиноси ҷинояткори танҳо.

Ҷинояткор ва ҷабрдида аксаран ба як муҳит ё гурӯҳи иҷтимоӣ тааллуқ доранд, вале ҷинояткор, одатан, чанд сол аз ҷабрдида калонтар аст. Ӯ аввал бо роҳи гапдароӣ, сипас бо таҳдид ва иръоб амал мекунад. Муқобилияти ҷабрдида одатан суст аст, бинобар ин оғози парвандаи ҷиноятӣ барои ҷинояткор бисёр вақт ғайричашмдошт мешавад. Ӯ далели муносибати шаҳвониро инкор намекунад, аммо бо он розӣ нест, ки нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ татбиқ шудааст. Синни миёнаи ҷинояткор 17–20 сол, ҷабрдида – 15 сол мебошад.

Ҳамлаи шахси болиғи шинос ё фосиқ гардонидани ноболиғ аз ҷониби шахси болиғи шинос» [18, с. 19–26].

Ҷиноят аз ҷониби шахси болиғе содир мешавад, ки барои ҷабрдида хуб шинос аст; аксаран дар ҷойи истиқомат (падар, падарандар, ҳамсоя ва ғайра). Ду шакли асосии вазъиятро метавон ҷудо кард:

– ҳамлаи ҷисмонӣ бо тарсондан,

– ё багапдарорӣ ва фиреб.

Дар ҳолати аввал ҷинояткор одатан машруботи спиртиро истифода мекунад, тарзи ҳаёти ғайриахлоқӣ дорад ва нуқсонҳои равонӣ мушоҳида мешаванд. Дар ҳолати дуюм, шахси болиғе, ки дар муносибатҳои шаҳвонӣ бо занони болиғ мушкил дорад, нофаҳмии ҷабрдидаи хурдсол нисбат ба моҳияти рӯйдодро истифода мебарад, ба ӯ муносибати

меҳрубонона» нишон медиҳад, тухфаҳо медиҳад. Синни ҷинояткор метавонад гуногун бошад, синни миёнаи ҷабрдида: 9-13 сол.

Ҳамлаи гурӯҳи шахсони ношинос.

Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи 3-4 нафар содир мешавад. Одатан он пешакӣ банақшагирифта шуда, ҷабрдида тасодуфӣ интихоб мегардад, аксаран аз миёни шиносон дар маҳалли истиқомат ё таҳсил. Синни миёнаи ҷинояткорон :16 сол, ҷабрдида: 14-17 сол.

6. Таҷовузи гурӯҳӣ дар шароити шиносоии кӯтоҳмуддат» [18, с. 19–

Ин навъи вазъият намунаи ҳолатҳои «мусоидаткунанда» мебошад. Ҷабрдида бо гурӯҳи ҷавонписарон дар кӯча ё бар шинос мешавад, ба нӯшидани машрубот розӣ мегардад, бо онҳо ба берун аз шаҳр ё ба манзил меравад ва шабро бо мардони камошно мегузаронад. Эҳтимоли дахолати шахсони сеюм хеле кам аст. Ҷинояткорон умед мебанданд, ки ҷабрдида муқобилият намекунад; агар муқобилият нишон дода шавад, он бо шаклҳои ниҳоят бераҳмона фурӯ нишонда мешавад. Синни миёнаи ҷинояткорон: 23–26 сол, ҷабрдида – 17 сол.

7. Таҷовузи гурӯҳӣ аз ҷониби шахсони барои ҷабрдида шинос.

Ҷабрдида аксаран ҳамчун шахсе шинохта мешавад, ки аз лиҳози ҷинсӣ «дастрас» аст, ё дӯстдоштаи яке аз иштирокчиёни гурӯҳ мебошад. Баъзан ташаббускори чунин ҷиноятҳо духтарон мешаванд, ки аз ангезаҳои интиқом роҳбарӣ мегиранд (доираи иддаоҳои онҳо метавонад хеле васеъ бошад). Ҷабрдидаро сахт мезананд, таҳқир мекунанд, ҳаракатҳои бадахлоқона анҷом дода мешаванд, ҳатто амалҳои садистӣ низ имконпазиранд. Синни миёнаи ҷинояткорон: 17 сол, ҷабрдида: 13–17 сол.

Ҳамин тавр бо пешниҳоди типологияи шахсоне, ки таҷовуз ба номус содир мекунанд, мо комилан дарк менамоем, ки вариантҳои механизми рафтори ҷиноятӣ вобаста ба категорияҳои гуногуни шахсият бо

психологияи равшани инфиродӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Аммо ин хусусиятҳо танҳо мавҷудияти қонуниятҳои умумии содиршавии таҷовуз ба номусро таъкид намуда, ба таври мантиқӣ дар доираи нақшаи умумии механизми рафтори ҷиноятӣ ҷой мегиранд ва робитаи мутақобилаи байни сифатҳои субъективӣ ва хусусиятҳои шахсият, хусусиятҳои вазъияти криминалӣ ва усулҳои татбиқи ниятҳои ҷиноятиро тасдиқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки андешаи худмуайянкунии ҷиноят то ҳол дар криминологияи ватанӣ ба таври умумӣ нашудааст, ҳарчанд он бо натиҷаҳои таҳқиқоти равонии эмпирикӣ тасдиқ мегардад: дар байни шахсони қасдан ҷиноят содиркунанда, аз ҷумла таҷовузкорон, шумораи зиёди шахсоне мавҷуданд, ки дорои хусусиятҳои якхелаи равонӣ мебошанд (дағалӣ, хашмгинӣ, ҳассосияти баланд нисбат ба муоширати байниҳамдигарӣ, бегонагӣ, сатҳи пасти мутобиқшавии иҷтимоӣ). Ин хусусиятҳоро метавон ҳамчун сифатҳое арзёбӣ намуд, ки «заминаи криминогенӣ»-и шахсиятро ба вуҷуд меоранд.

## БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС ВА ФАРҚИ ОН АЗ ДИГАР ҶИНОЯТҲОИ ҲАМҶАВОР

### 3.1. Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус

Омӯзиши аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро маҳз ин аломатҳо

ҳамчун яке аз шаклҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ шуда, хусусияти сифатии кирдори ҳуқуқӣ-ҷиноятиро инъикос менамоянд.

Дар илм нуқтаҳои назари гуногун нисбат ба мафҳуми «аломатҳои вазнинкунанда» мавҷуданд. Бархе аз олимон аз истилоҳи «ҳолатҳои вазнинкунанда» истифода мебаранд [111, с. 175]. Барои равшанӣ, аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номусро бо мисоли муқоисаи қонунгузории баъзе кишварҳои Аврупои Шарқӣ баррасӣ менамоем.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ ду навъи ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки ҷавобгариро вазнин мекунанд. Қисме аз онҳо ҳангоми таъйини ҷазо аҳаммият доранд, қисми дигар бошад ҳамчун аломатҳои таркиби мушаххаси ҷиноят баромад намуда, ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд. Тафовути назарраси дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор нисбат ба таркиби асосии ҷиноят асос барои сохтани таркиби вазнинкунандаи ҷиноят мегардад. Дар таҳлили ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан таъкид мешавад, ки «қонунгузор ҳангоми фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ аломатҳои хоси кирдорҳои маъмулро ба инобат мегирад. Ин имкон медиҳад тағйирёбии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо ба назар гирифта шуда, дар ниҳоят ба раванди фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир расонад» [100, с. 223].

Ба меъёрҳои интихоб намудани аломатҳои вазнинкунанда, пеш аз ҳама, афзоиши хавфнокии ҷамъиятӣ мансуб донista мешавад [117, с. 223]. Бо дарназардошти тағйирёбии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ вобаста ба мавҷудияти ҳолатҳои муайян дар кирдори гунаҳгор, омӯзиши аломатҳои аломатҳои вазнинкунанда аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дуруст ё нодуруст ба сатҳи вазнинкунӣ баровардани чунин аломатҳо мустақиман ба мутаносибии ҷазои таъйиншуда таъсир мерасонад. Хатогиҳои қонунгузор ҳангоми арзёбии баъзе ҳолатҳо ҳамчун вазнинкунанда метавонанд ё ба беҷазоӣ, ё ба шадидии аз ҳад зиёди ҷазо оварда расонанд» [118, с. 176].

Гарчанде чунин аломатҳои вазнинкунанда дар сохторҳои ҳуқуқии намудҳои бандубастшавандаи таҷовуз ба номус дар қонунгузории аксари кишварҳои Аврупои Шарқӣ пешбинӣ шудаанд, бо назардошти он ки таҳқиқоти мукаммали муқоисавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ анҷом дода нашудааст, доираи он аломатҳо (ҳолатҳо), ки метавонанд бо истифода аз таҷрибаи ин кишварҳо дар қонунгузории миллии мо ба назар гирифта шаванд, хеле васеъ мебошад.

Таҳқиқи аломатҳои вазнинкунанда дар қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ яке аз самтҳои калидии таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад, зеро:

– аввалан, аломатҳои вазнинкунанда меъёри таҷовуз ба номусро бо ҳолатҳои нав ғанӣ мегардонанд;

– дуюман, онҳо имкон медиҳанд доираи татбиқи меъёри таҷовуз ба номус васеъ карда шавад.

Дар таҳқиқот гуногуншаклии аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории як қатор кишварҳои Аврупои Шарқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Барои осон намудани таҳлил, пешниҳод мегардад, ки онҳоро вобаста ба қисмҳои сохтории таркиби ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо намоем.

Ҳамаи гурӯҳҳо аз рӯйи унсурҳои таркиби ҷиноят ҷудо карда мешаванд. Бо назардошти он ки таркиби ҷиноят аз чор унсур иборат аст, аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба чор гурӯҳ тақсим карда мешаванд.

Гурӯҳи якуми аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо мақсади таҷовуз алоқаманд аст. Бо назардошти мавзуи таҳқиқот, дар доираи ин унсур танҳо хусусиятҳои аломатҳои ҷабрдида дохил карда мешаванд. Қонунгузорӣ ба таври муфассал хусусиятҳои бандубастро вобаста ба

шахсияти ҷабрдида муқаррар менамояд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки «дар истилоҳоти аксари кишварҳои Аврупои Шарқӣ истилоҳи «ҷабрдида» истифода намешавад; дар доктрина бештар истилоҳи «субъекти камфаъоли таҷовуз ба номус», ва дар қонунгузорӣ истилоҳи «қурбонӣ» истифода мегардад» [116, с. 201].

Бо дарназардошти хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида, дар қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ аломатҳои зерини вазнинкунандаи таҷовуз ба номус пешбинӣ шудаанд:

– аломатҳои вобаста ба шахсияти ҷабрдида: шахси ноболиғ (банд қ. 2 м.171 КҶ Молдова; м. 101 КҶ Албания; м.151 КҶ Булғористон; қ.3 м.178 КҶ Сербия;

– шахсе, ки ба синни чордаҳсолагӣ нарасидааст (банд «b» қ.3 м.171 КҶ Молдова; м. 100 КҶ Албания; м. 173 КҶ Словения);

– хешу таборӣ (қ. 2 м. 152 КҶ Булғористон; м. 106 КҶ Албания);

– яке аз аъзои оила (б. «b2» қ. 2 м. 171 КҶ Молдова);

– шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд (қ. 2 м. 170 КҶ Словения);

– ҷабрдидае, ки дар парасторӣ, ҳимоя, муҳофизат, тарбия ё муолиҷаи гунаҳгор қарор доштааст (б. «а» қ. 3 м. 171 КҶ Молдова; Қ.3 м.218 КҶ Руминия);

– ҷабрдидаи махсусан осебпазир, аз ҷумла:

– истифода аз ихтилоли ҷисмонӣ ё руҳӣ ё ихтилоли амиқи шуур (м. 103 КҶ Албания);

– суиистифода аз бемории руҳӣ, парешонҳолии муваққатӣ ё шадиди руҳӣ, беморӣ ё дигар ҳолате, ки қобилияти амалкунии шахсро маҳдуд мекунад (м. 172 КҶ Словения);

– истифода аз бемории руҳӣ, ақибмонии зеҳнӣ, дигар норасоии руҳӣ, маъюбӣ ё ҳолате, ки ҷабрдида бинобар он қобилияти муқобилият надорад (қ.1 м. 179 КҶ Сербия; қ. 4 м. 186 КҶ Македонияи Шимолӣ);

– зан, ки қасдан барои гунаҳгор дар ҳолати ҳомиладорӣ қарор дошт

(б. «b1» қ. 2 м. 171 КҶ Молдова).

Аломатҳои вазнинкунандаи гуруҳҳи дуюм вобаста ба хусусиятҳои тарафи объективии таҷовуз ба номус муайян шудаанд.

Вобаста ба усули содир намудани ҷиноят, дар қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ аломатҳои зерини вазнинкунанда зикр шудаанд [106, с. 204]:

– усули бераҳмона ё махсусан таҳқиромез;

– бо истифода ё таҳдиди истифодаи силоҳ;

– бо таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

– бо таҳдиди фош кардани маълумоте, ки метавонанд ба шараф ва эътибори ҷабрдида ё хешовандони ӯ зарар расонанд;

– истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

– таҷовуз ба номус дар ҷойи ҷамъиятӣ;

Вобаста ба оқибатҳои таҷовуз ба номус чунин аломатҳои вазнинкунада пешбинӣ менашаванд:

– ҳомиладорӣ;

– зарари вазнин ба саломатӣ;

– марг;

– инчунин таҷовуз ба номусе, ки аз беэҳтиётӣ ба марги ҷабрдида оварда расонидааст;

– худкушии ҷабрдида ё суйиқасд ба он;

– дидаю дониста сироят кардан бо бемории зуҳравӣ;

– дидаю дониста сироят кардан бо ВИЧ-инфексия;

– таҷовуз ба номусе, ки ба «дигар оқибатҳои вазнин» оварда расонидааст.

Гурӯҳи сеюми аломатҳои вазнинкунанда аз рӯйи мақсади содир намудани таҷовуз ба номус ташаккул меёбад:

– агар таҷовуз ба номус бо мақсади ҷалб ба амалҳои минбаъдаи фаҳш ё фоҳишагарӣ содир шуда бошад;

– агар таҷовуз ба номус бо мақсади таҳияи маводи порнографӣ анҷом дода шуда бошад.

Гурӯҳи чоруми аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус вобаста ба аломатҳои шахсияти содиркунандаи ҷиноят (бо истилоҳоти кишварҳои Аврупои Шарқӣ – «субъекти фаъол»-и таҷовуз ба номус) ташаккул меёбад. Ба онҳо мансубанд:

– ретсидивист; шахсе, ки дар доираи як ҷиноят таҷовуз ба номусро такроран содир кардааст; шахсе, ки пештар таҷовуз ба номус содир намудааст;

– таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби ду ё зиёда шахс содир шудааст;

Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳ бо маслиҳати пешакӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар б. «б» қ. 2 м. 138 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст. Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ»: «Бандубасти таҷовуз ба номус ҳамчун ҷиноятe, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст, дар он ҳолат имконпазир мебошад, ки шахсони иштирокчӣ нисбат ба ҷабрдида бо ҳам мувофиқона амал намудаанд. Ҳамзамон, ҳамчун таҷовузи гурӯҳӣ бояд на танҳо амалҳои шахсоне бандубаст карда шаванд, ки алоқаи ҷинсии зӯроваронаро анҷом додаанд, балки ҳамчунин амалҳои он шахсоне, ки бо роҳи истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ба ҷабрдида ба содиршавии таҷовуз мусоидат кардаанд.

Дар ин ҳолат ҳаракатҳои шахсоне, ки худ алоқаи ҷинсии зӯроваронаро анҷом надодаанд, вале бо роҳи татбиқи зӯроварӣ ба ҷабрдида ба дигарон дар таҷовуз ба номуси ӯ мусоидат намудаанд, бояд

ҳамчун ҳамиҷрокунандагӣ дар таҷовузи гурӯҳӣ бандубаст карда шаванд».

Масалан, «Шаҳрванд Х. (мард) рӯзи 29 июли соли 2011, тақрибан соати 24:00, якҷоя бо Д. ва Ю. (ҳар ду мард) дар тарабхонаи «Ҷаҳонбахт» бо шаҳрванд С. (зан) шинос гардид. Минбаъд онҳо С.-ро ба таксӣ шинонда, ба самти пули назди бозори «Султони Кабир» бурданд.

Назди пул Д. ва Ю. С.-ро маҷбуран аз таксӣ фароварда, ӯро зери пул поён карданд, либосҳояшро кашида, мавриди латукӯб қарор дода, аз ӯ талаб намуданд, ки бо онҳо ба алоқаи ҷинсӣ ворид шавад. Ба ҷабрдида гуфта шуд, ки дар сурати рад кардан ӯро мекушанд ва ба дарёи Душанбе мепартоянд.

Шаҳрванд Х., бо мақсади содир намудани таҷовуз ба номус, дар навбати худ назди поёнравии зери пул интизор буд.

Дар ҳамин вақт, кормандони БДА шаҳри Душанбе ва кормандони воҳиди таъиноти махсус, ки назди чароғи роҳнамо дар назди бозори Султони Кабир» дар иҷрои вазифаи хизматӣ қарор доштанд, аз як ронандаи барои тафтиш номаълум хабар гирифтанд, ки се мард духтареро зери пул маҷбуран бурдаанд. Пас аз дарёфти ин хабар кормандон фавран ба ҷойи ҳодиса ҳозир шуда, С.-ро дар ҳолати урён ва бо фарёд пайдо карданд. Ҳангоми дидани кормандони милитсия Х., Д. ва Ю. кӯшиши фирор намуданд. Кормандони таъиноти махсус се-чор тирпарронии огоҳкунанда ба ҳаво анҷом доданд, ки дар натиҷа Ю. дар ҷой боздошт шуд.

Бо ҳамин сабабҳо, ки азирода ва хоҳиши ин шахсон вобаста набуданд, Х., Д. ва Ю. натавонистанд таҷовуз ба номуси С.-ро то анҷом расонанд.

Ҳаракатҳои Х. ва Ю. тибқи қ.3 м. 32 ва б. «б» қ. 2 м. 138 КҶ ҶТ бандубаст гардида, бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо татбиқи м. 63 КҶ ҶТ нисбат ба Х. ҷазо дар шакли 1 солу 9 моҳ маҳрум

сохтан аз озодӣ, нисбат ба Ю. бошад 3 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои ҷазо дар муассисаи ислоҳии низоми сахт таъйин гардид» [133].

Масъалаи ҷудогона танзими хусусияти махсуси таҷовуз ба номус мебошад. Дар қонунгузории «бисёр давлатҳои ИДМ (Беларус, Узбекистон, Тоҷикистон) такроран содир намудани чунин кирдорҳо ҳамчун ҳолати вазнинкунанда баррасӣ мегардад» [92, с. 328–339].

Дар КҶ Молдова ва КҶ Арманистон таърифи зерин истифода шудааст: «содиршуда аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро содир намудааст» [62, с. 54–66]. Дар КҶ Озарбойҷон ва КҶ Қазоқистон истилоҳи «якчандкаррата» мустақиман муайян гардидааст [77, с. 55–60].

Бархилофи принсипҳои адолат ва баробарӣ, «Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия чунин меъёрро дар бар намегирад, ки дар натиҷа шахсони гунаҳкор танҳо барои таҷовуз ба номуси як нафар ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин мавқеъ дараҷаи воқеии хавфнокии ҷамъиятӣ ва хусусияти ҷиноятро пурра ба назар намегирад ва ба самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсири манфӣ мерасонад» [112, с. 219].

Қобили зикр аст, ки «масъалаи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки аз ҷониби хешовандони наздик ё дигар шахсоне содир мешаванд, ки уҳдадории нигоҳубин ва тарбияи ноболиғонро доранд, таваҷҷуҳи махсусро ба худ ҷалб менамояд. Муносибатҳои ҳомиладорие, ки тибқи миёни табдили нави аъзои оила (инсест) ба амал меоянд, иртибот дорад, мустақиман дар Кодексҳои ҷиноятии Қазоқистон ва Молдова ёдоварӣ шудааст» [85, с. 48–53].

Ғайр аз ин, чунин кирдорҳо аз ҷониби ҷомеа ҳамчун ғайриахлоқӣ маҳкум карда мешаванд, ки ин сатҳи хавфнокии ҷамъиятии онҳоро боз ҳам баланд мебардорад. Шахсони гунаҳгор метавонанд муносибатҳои шахсиро барои содир намудани ҷиноят истифода баранд ва ҳамзамон меъёрҳои ҳифзшавандаи иҷтимоиро поймол намоянд.

Ҳангоми баррасии имкони «ворид намудани баъзе вазъиятҳо ба қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, бояд ба масъалаи вайрон гардидани ҳуқуқҳои репродуктивӣ диққати махсус дода шавад» [115, с.

Масалан, таҷовуз ба номуси зани ҳомиладор дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро афзоиш дода, татбиқи ҷазои сахттарро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, «таъмини ҳифзи махсуси ҳуқуқҳои репродуктивӣ ва андешидани чораҳои пурзӯр нисбат ба содир намудани чунин ҷиноятҳо аҳаммияти муҳим дорад» [110, с. 193].

Сахттарин ҷазо барои алоқаи ҷинсии зӯроварона дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст (ҷазои қатл) [10]. Баъд аз он «Қирғизистон ва Молдова меистанд, ки дар онҳо якумра маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар гардидааст. Дар Федератсияи Россия, Қазоқистон ва Узбекистон ҷазои ҳадди аксар барои ин ҷиноят то 20 сол маҳрум сохтан аз озодиро ташкил медиҳад» [60, с. 111–119].

| Давлат | Ҷазои ҳадди аксар аз рӯйи таркиби асосӣ (маҳрум сохтан аз озодӣ, сол) |
|---|---|
| Озарбойҷон | |
| Арманистон | |
| Беларус | |
| | |
| Қазоқистон | |
| Қирғизисто | |

| | |
|---|---|
| н | |
| Молдова | |
| ФР | |
| Тоҷикистон | |
| Узбекистон | |
| Украина | |

Акнун ҷанбаи криминологии содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдаконро муфассалтар меомӯзем.

Бо назардошти он ки барои таҳлили ҷанбаҳои назариявии масъала мо аз дастовардҳои олимони давраҳои гуногун истифода мебарем, дар доираи таҳлили таърихӣ истилоҳоти асосии таҳқиқоти криминалистиро дар шакли муаллифӣ нигоҳ дошта, хулосаҳои худро мутобиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда баён менамоем.

Усули содир намудани ҷиноят яке аз хусусиятҳои динамикӣ ва тағйирёбанда ба ҳисоб меравад, зеро маҳз усул шакли мустақими мутобиқшавии ҷинояткорон ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ мебошад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ усули содир намудани ҷиноят ҳамчун тартиб, роҳ, пайдарпайии амалҳо, ки шахс ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода мекунад ва бо интихоби воситаҳои содир намудани он алоқаманд аст, муайян карда мешавад.

Усули содир намудани ҷиноят аломати тарафи объективии он буда, ба он ҳамчунин унсурҳои зерин дохил мешаванд: кирдори барои ҷамъият

хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ); оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок; робитаи сабабӣ байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он; олоту воситаҳо; ҷой, вақт ва вазъияти содир намудани ҷиноят.

Тарафи объективии ҷиноят шарти пешакии ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, ҷанбаи зоҳирии он маҳсуб мешавад. Омӯзиши он имкон медиҳад дар бораи ин унсури таркиби ҷиноят хулоса барорем, объекти таҷовузро муайян намоем ва шакли гуноҳро муқаррар кунем.

Усули содир намудани ҷиноят қобилияти таъсир расонидан ба баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорро дорад, ки ин дар бандубасти ҷиноят инъикос меёбад. Он нишондиҳандаи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, инчунин меъёри криминализатсия ё декриминализатсияи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Маҳз дар усули содир намудани ҷиноят кирдор, усулҳо ва тарзҳои барои ҷамъият хавфнок таҷассум меёбанд, ки ҳуқуқвайронкунанда барои анҷом додани ҷиноят истифода кардааст.

Ин нуқтаи назар ба тафсири усули содир намудани ҷиноят бо маънои этимологии истилоҳи «усул» мувофиқат мекунад, ки он чунин шарҳ дода мешавад: «тарзи амал, роҳ, методи иҷрои чизе»; «тартиби муайяни амалҳо, усул дар иҷрои коре ё дар расидан ба ҳадафи муайян».

Аз нуқтаи назари мурофиаи ҷиноятӣ, усули содир намудани ҷиноят маҷмуи амалҳост, ки дар пайдарпайии муайян анҷом дода шуда, боиси ба вуҷуд омадани оқибати ҷиноятӣ мегарданд. Агар усули содир намудани ҷиноят ҳамчун қисми предмети исбот баррасӣ шавад, пас ин мафҳум бояд дар ҳамаи соҳаҳои дониш, ки онро ба объекти таҳқиқоти худ ҷалб мекунанд, ба таври якхела тафсир гардад. Усули содир намудани ҷиноят ин тартиб, роҳ, пайдарпайии ҳаракатҳо ва усулҳост, ки шахс барои анҷом додани ҷиноят истифода мебарад; яъне шакли татбиқи ҳаракат ё беҳаракатӣ мебошад.

Аҳаммияти муайян намудани усули содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдакон дар он ифода меёбад, ки он унсури ҳодисаи ҷиноятӣ буда, ҳамчун ҳолате, ки бояд исбот карда шавад, эътироф мегардад. Ин аҳаммияти калон дорад, зеро исбот нашудани усули содир намудани ҷиноят метавонад боиси бекор кардани ҳукми суд гардад.

Криминология усули содир намудани ҷиноятро барои муайян намудани тавсифи криминологии ҷинояткорӣ, таҳлили ҳолат ва динамикаи намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, ошкор кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содиршавии онҳо мусоидат мекунанд, меомӯзад, то чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ таҳия карда шаванд. Ғайр аз ин, таҳқиқоти криминологӣ омӯзиши ҷиноятҳои аллакай содиршударо барои тавсифи шахсияти ҷинояткор, ҷиноятҳои эҳтимолӣ ва ҳамчунин барои фаъолияти профилактикӣ фаро мегиранд.

Дар доираи криминология, таҳқиқи усули содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ имкон медиҳад ангезаҳо, мақсадҳо, мавқеъҳои зиндагӣ, ниёзҳои шахси ҷиноятсодиркунанда ва дигар падидаҳо ошкор гарданд, ки ин ба равшан намудани масъалаи детерминатсияи на танҳо ҷинояти алоҳида, балки фаъолияти ҷиноятии ҷазододашаванда дар маҷмуъ мусоидат мекунад. Интихоби усули содир намудани ҷиноят ба омилҳои гуногун вобаста аст. Аз ин рӯ, барои криминологҳо на он қадар худи усул, балки бештар шароитҳои объективӣ ва субъективие, ки ба он пеш меоянд, манбаъҳои он (пайдоиши ангеза, гузоштани мақсад, қабули қарор ва ғайра) аҳаммият доранд.

Усули содир намудани ҷиноят маҷму (низом)-и амалҳои рафториест, ки бо ҳам робитаи сабабӣ ва функсионалӣ доранд ва ҳамчун тавсифи сифатии кирдори ҷиноятӣ зуҳур мекунанд. Дар усули содир намудани ҷиноят хусусиятҳои муайяни шахсияти ҷинояткор, ҳамчунин ангеза ва

мақсади ӯ инъикос меёбанд. Аз ин рӯ, усули содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдаконро метавон ҳамчун маҷмуи амалҳои мантиқӣ ва пайдарпайи ҷинояткор муайян кард, ки дорои зерматни ҷинсӣ буда, бар зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдак равона шудаанд ва бо як қасди ягонаи ҷиноятӣ – қонеъ гардонидани майли ҷинсии ҷинояткор муттаҳид мегарданд.

Усули содир намудани ҷиноят дар ташаккули иттилооти воқеӣ дар бораи ҳодисаи ҷиноят нақши муҳим мебозад, зеро маҳз тавассути усул асосан раванди инъикоси кирдори ҷиноятӣ дар муҳити атроф ошкор мегардад. Усули содир намудани ҷиноят унсури рафтори ҷиноятӣ буда, низоми муайяни амалҳои пайдарпайи рафториро ифода мекунад. Ин ҳаракатҳо, усулҳо мувофиқи иерархия ва тобеияти муайян ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти иродавии мақсаднок ба ҳам мепайванданд. Муаллиф бар он назар аст, ки дар фаъолияти ҷиноятӣ, мисли ҳар гуна фаъолияти дигар, иҷрокунанда низоми хоси усулҳои умумисозишудаи кирдорро дорад, ки барои расидан ба натиҷаи дилхоҳ равона шудаанд; худи усули содир намудани ҷиноят бошад, бевосита бо имкониятҳои ҷисмонӣ ва функсионалии инсон алоқаманд буда, ҳам аз хусусияти ҷиноят ва ҳам аз шароити берунаи содиршавии он вобаста аст.

Дар криминалистика оид ба муайян намудани муҳтавои мафҳуми усули содир намудани ҷиноят ва шумораи унсурҳои он нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

Маънидодсозии васеъ. Тибқи ин нуқтаи назар, усули содир намудани ҷиноят ҳамаи амалҳои ҷинояткорро дар бар мегирад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи ҷиноятӣ равона шудаанд, инчунин амалҳое, ки барои канорагирӣ аз ҷавобгарӣ истифода мешаванд.

Маънидодсозии маҳдуд. Тибқи ин нуқтаи назар, усули содир намудани ҷиноят танҳо он кирдорҳои ҷинояткорро дар бар мегирад, ки бевосита барои ба даст овардани натиҷаи ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Қобили зикр аст, ки ҳеҷ яке аз ин гурӯҳҳо бартарии мутлақ надорад. Дар амалия вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси парванда ҳам тафсири васеъ ва ҳам маҳдуд ҳангоми муайян намудани усули содир намудани ҷиноят истифода мегарданд.

Ҷонибдорони таърифи васеи мафҳуми усули содир намудани ҷиноят бар онанд, ки он низоми сегонаи кирдоррро дар бар мегирад, ки бо тайёрӣ, иҷро ва пинҳон кардани ҷиноят алоқаманд мебошанд. Мухолифони ин равиш, баръакс, танҳо як ё ду унсури сохтории онро ҷудо мекунанд.

Бархе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки усули содир намудани ҷиноят – ин тарзи кирдорҳои ҷинояткор аст, ки дар пайдарпайи муайян, омезиши ҳаракатҳо ва усулҳое ифода меёбад, ки субъект онҳоро татбиқ мекунад. Олимон зарурати фарқ гузоштан байни усули тайёрӣ ба ҷиноят, усули содир намудани ҷиноят ва усули пинҳон кардани онро дар методикаи тафтиш асоснок мекунанд, зеро чунин амалҳо метавонанд аз ҷониби шахсони гуногун анҷом дода шаванд ва аҳаммияти гуногуни ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дошта бошанд.

Муҳаққиқони дигар таъкид менамоянд, ки усули содир намудани ҷиноят яке аз унсурҳои муайянкунандаи тавсифи криминалистӣ мебошад ва сохтори мундариҷавии он аз марҳилаҳои тайёрӣ, иҷро ва пинҳон кардани осори ҷиноят иборат аст. Қисме аз олимон таркиби сегонаи усули содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро асоснок менамоянд.

Дар муқобили ин равиш, дидгоҳи дигаре мавҷуд аст, ки сохтори усули содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро категорияи доимӣ намешуморад. Вобаста ба хусусияти рафтори гунаҳгор, вазъиятҳои то ва баъд аз содиршавии ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳо, ин сохтор

метавонад се звено (рафтори субъект пеш аз ҷиноят, ҳангоми ҷиноят ва баъд аз он), ду звено (дар таркибҳои гуногун) ё ҳатто як звено дошта бошад (танҳо рафтори субъект ҳангоми содир намудани ҷиноятро тавсиф мекунад).

Дар маҷмуъ, амалҳои омодагии ҳуқуқвайронкунанда барои табдил додани вазъияти содир намудани ҷиноят ба ҳолати мусоидро метавон ҳамчун тайёр намудани ҷойи эҳтимолии содиршавии ҷиноят ва танҳо мондан бо ҷабрдида арзёбӣ намуд.

Зӯроварии руҳӣ яке аз усулҳои паҳншудаи бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида мебошад. Хусусияти дарки чунин таъсир (яъне тарзи инъикоси зӯроварии руҳӣ) аз психикаи ҷабрдида вобаста аст ва маҳз хусусиятҳои равонии ӯ ва арзёбии психологиаш нисбат ба таъсири манфӣ омили ҳалкунанда барои вокуниши эҳсосӣ-стрессии организм мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо, зӯроварии ҷисмонӣ метавонад ҳамчун идомаи зӯроварии руҳӣ баррасӣ гардад (масалан, тарс аз гирифтани осебҳои боз ҳам вазнинтар нисбат ба осебҳои аллакай гирифташуда).

Зӯроварии руҳӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни таъсир ба психикаи шахс зоҳир гардад. Дар ин ҳолат, шаклҳои зӯроварии руҳӣ аз маҳорати шахсӣ ва дастурҳои рафтории ҷинояткор, дараҷаи таъсир бошад аз хусусиятҳои шахсии ҷабрдида вобаста хоҳад буд. Ба шаклҳои маъмултарини зӯроварии руҳӣ инҳо дохил мешаванд: намудҳои гуногуни таҳдид, маҷбуркунӣ, тарсондан, таҳқир, паст задани шаъну шараф, дашном, иръоб ва ғайра.

Надодани розигии ихтиёрӣ ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ метавонад натиҷаи истифодаи ҳолати оҷизонаи ҷабрдида бошад. Дар назар ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки ҷабрдида бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё равонӣ наметавонист моҳият ва аҳаммияти амалҳои нисбат ба худ содиршавандаро дарк кунад (оҷизии руҳӣ), ё бо вуҷуди дарк намудани он, қодир ба муқовимат набуд (оҷизии ҷисмонӣ).

Ҳамзамон, усулҳои дар боло зикршудаи бартараф намудани муқобилияти мавҷуда ё эҳтимолии ҷабрдида нисбат ба анҷом додани амалҳои ҷинсӣ метавонанд таркиби мустақили ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро ташкил диҳанд, яъне маҷбур кардан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ.

Зарур аст таваҷҷуҳи махсус ба чунин усули шикастани муқовимати кӯдак равона гардад, чун ба иштибоҳ андохтан тавассути суиистифода аз эътимод. Ин усул хосси ҷиноятҳои ба муқобили дахлнопазирии ҷинсии кӯдак мебошад, ки аз ҷониби хешовандони наздик содир карда мешаванд; шахсоне, ки кӯдак тавассути робитаҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ ба онҳо эътимод дорад.

Ба иштибоҳ андохтан тавассути суиистифода аз эътимод ҳамчун усули бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида чунин тавсиф мешавад: истифодаи ваколатҳои ба таври қонунӣ ба ҷинояткор додашуда, ки бо асосҳои воқеӣ ё ҳуқуқӣ (мавҷудияти ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ) ва хусусияти махсуси муносибатҳои эътимодӣ шарт шудаанд, ба зарари ҷабрдида ва бар хилофи иродаи ӯ.

Дар чунин ҳолат шахс уҳдадориҳои ба ӯ вогузоршударо пурра ё қисман иҷро намекунад: тарбияи кӯдак, таъмини рушди муътадили ҷисмонӣ ва равонии ӯ ва ғайра. Хусусияти иҷроиявии амале, ки бо роҳи суиистифода аз эътимод содир мешавад, дар он ифода меёбад, ки ваколатҳои додашуда бар хилофи иродаи кӯдак ва уҳдадориҳои ба дӯши ҷинояткор гузошташуда истифода мегарданд. Аз лиҳози моҳият, суиистифода аз эътимод «хиёнат ба уҳдадории қабулшуда», вайрон кардани уҳдадории ахлоқии вафодорӣ ба ваъда ва уҳдадории ҳуқуқии иҷрои масъулиятҳоро дар бар мегирад.

Истифодаи чунин усули бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида, яъне суиистифода аз эътимод, дар он ҳолатҳо сурат мегирад, ки

ҷинояткор бинобар мақоми худ нисбат ба кӯдак дорои нуфуз мебошад ва амалҳою дастурҳои ӯ ҳамчун қоидаи бечунучаро қабул мегарданд.

Навъи дигари амалҳои омодагӣ ба содир намудани ҷиноят ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдакон метавонад омӯзиши маълумот дар бораи ҷабрдидаи эҳтимолӣ ва интихоби ҷабрдида бошад. Омӯзиши маълумот дар бораи кӯдаке, ки ҷинояткор ният дорад нисбат ба ӯ ҷиноят содир намояд, бо мақсади пешбинӣ кардани вокуниши ояндаи ӯ ба фишори равонӣ ва ҷисмонӣ, инчунин ба амалҳои мустақими ҷинояткор, ки ба амалӣ намудани нияти ӯ равона шудаанд (алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба кӯдак), анҷом дода мешавад.

Ҷинояткор кӯшиш мекунад чунин кӯдакеро интихоб намояд, ки моҳияти амалҳои нисбат ба худ содиршавандаро дарк накунад ё камтарин муқовимат нишон диҳад. Аз ин рӯ, дар аксари ҳолатҳо интихоби ҷабрдидаи эҳтимолӣ ба кӯдаки қаблан барои ҷинояткор шинос рост меояд.

Ғайр аз ин, афзалият ба кӯдаконе дода мешавад, ки рафтори зиддиҷамъиятӣ доранд ё аз оилаҳои носолим мебошанд, яъне ба чунин кӯдаконе, ки ё дар бораи ҷинояти нисбат ба онҳо содиршуда хабар намедиҳанд, ё ба гуфтаҳояшон бовар намекунанд.

Бо вуҷуди ин, на ҳамеша ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбат ба кӯдаки қаблан шинос содир мешаванд. Агар сухан дар бораи он равад, ки ҷинояткор аз ҷиҳати ҷинсӣ ба кӯдакони синни муайян ҷалб мешавад, пас интихоби ҷабрдидаи эҳтимолӣ маҳз дар он доираи синнусолӣ сурат мегирад, новобаста аз он ки ҷинояткор кӯдакро мешиносад ё не.

Тибқи маълумоте, ки дар ВАО нашр шудаанд, ҳар як шахси гирифтори педофилия дорои синни афзалиятноки муайян мебошад. Ба баъзеи онҳо наврасони 12-16-сола, ба дигарон кӯдакони 8-12-сола ё 5-8-сола писанд меоянд. Ҳамаи ин афрод аз мавҷудияти «эҳсосоти баланди

нарм» нисбат ба ҷабрдидагон хабар медиҳанд, аммо, чун қоида, вақте ки кӯдак аз доираи синни афзалият хориҷ мешавад, ҷинояткор муносибатро қатъ мекунад.

Амалҳое, ки ба интихоби ҷабрдидаи эҳтимолӣ марбутанд, метавонанд чунин ифода ёбанд:

а) пайгирӣ ва ҳамла ба ҷабрдида дар наздикии ҷойи зист, дар вақти шабона ва дар ҷойҳои беодам;

б) муайян кардани ҷабрдидагоне, ки ҳаёти ҷинсӣ доранд, ва таҳдид ба фош кардани сирри онҳо ба дигарон;

в) ҷалб кардани ҷабрдида ба ҷои муайян бо истифода аз муносибатҳои эътимодӣ, ки дар он ҷо ҷиноят содир карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти амалҳои омодагӣ ба содир намудани ҷинояти ҷинсӣ нисбат ба кӯдак шаҳодат медиҳад, ки байни пайдоиши қасд ба содир намудани чунин ҷиноят ва татбиқи мустақими кирдорҳои ҷиноятӣ фосилаи муайяни вақт гузаштааст. Дар ин муддат ҷинояткор имкони омодагӣ гирифтан, инчунин дарк намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори банақшагирифтаашро доштааст. Яъне, сухан дар бораи он меравад, ки ҳангоми мавҷуд будани амалҳои омодагӣ ба таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсии кӯдак, ҷинояткор на бо ангезаи якдафъаина ва инстинктивӣ, балки бо қасди устувор ва огоҳона амал намудааст ва таҳти таъсири омилҳои тасодуфӣ (масалан, ҳолати мастӣ, рафтори ба истилоҳ «иғвогаронаи» ҷабрдида ва ғайра) роҳнамоӣ нашудааст. Бо назардошти он ки объекти таҷовуз дахлнопазирии ҷинсии кӯдак мебошад ва содир намудани ҷиноят мавҷудияти майли ҷинсӣ маҳз ба чунин гурӯҳи ҷабрдидагонро пешбинӣ мекунад, анҷом додани амалҳои омодагӣ ба ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон метавонад бо эҳтимолияти баланд аз мавҷудияти ихтилолҳои равонӣ дар ҷинояткор дар шакли педофилия шаҳодат диҳад.

Усули содир намудани ҷиноят танҳо маҷмуи амалҳои иродавӣ нест, балки низоми қонунан муайяншуда ва сохторёфтаи рафтори субъект мебошад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи дахлдор равона шудааст.

Кирдорҳои ҷиноятӣ, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдак таҷовуз мекунанд, аз рӯйи хусусияти амалҳое, ки ба расидан ба натиҷаи ҷиноятӣ равона шудаанд, метавонанд ба ду гурӯҳ ҷудо шаванд:

– кирдорҳое, ки барои амалӣ шудани онҳо алоқаи ҷисмонӣ байни ҳуқуқвайронкунанда ва ҷабрдида ҳатмӣ аст;

– кирдорҳое, ки барои ба даст овардани натиҷаи ҷиноятӣ алоқаи ҷисмонӣ ҳатмӣ нест.

Ба кирдорҳое, ки амалӣ шудани мақсади ҷиноятӣ дар онҳо танҳо дар шароити алоқаи ҳатмии ҷисмонӣ байни ҳуқуқвайронкунанда ва ҷабрдида имконпазир аст, мансубанд: таҷовуз ба номус, зӯроварии ҷинсӣ ва содир намудани ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба шахсе, ки ба синни 16-солагӣ нарасидааст.

**3.2. Таҳлили аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номус**

Барои дақиқтар баррасӣ кардан, хусусиятҳои муҳтавои таркибҳои махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номусро дида мебароем.

Таҷовуз ба номус, ки бо бераҳмии махсус нисбат ба ҷабрдида ё дигар шахсон содир шудааст

Тибқи банди 10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ», «Таҷовуз ба номус бо бераҳмии махсус нисбат ба ҷабрдида ё дигар шахсон, ки дар банди «в»қ. 2 м.138 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, метавонад, аз ҷумла, дар содир намудани таҷовуз ба номус дар ҳузури фарзандон ё дигар хешовандони наздики ҷабрдида, дар таҳқир ва паст задани шаъну шарафи ҷабрдида пеш аз таҷовуз ё дар ҷараёни он, дар маҳрум кардани тулонӣ аз ғизо, об ва гармӣ бо мақсади

анҷом додани таҷовуз ва ғайра ифода ёбад, вақте ки гунаҳгор дарк мекард, ки бо ин ба онҳо азобу уқубати махсус мерасонад» [136, с. 95].

Усули бераҳмона ё махсусан таҳқиромез дар он ҳолат ҷой дорад, ки содир намудани таҷовуз ба номус боиси таҳқири махсуси ҷабрдида гардида, ин таҳқир аз дараҷаи таҳқире, ки ба ҳар таҷовуз ба номус хос аст, ба таври назаррас болотар бошад. Чунин таҳқири махсус метавонад ё аз рафтори худи гунаҳкор сар занад, ё аз дигар шароите бароянд, ки кирдор дар он содир шудааст.

Унсури объективии бераҳмӣ дар расонидани азоб ё тарсе ифода меёбад, ки аз «шакли маъмул»-и содир намудани таҷовуз ба номус берун аст; унсури субъективӣ бошад, дар он аст, ки гунаҳгор огоҳона азоби махсусеро, ки ба ҷабрдида мерасонад, дарк мекунад» [89, с. 93–101].

Масалан, чунин усули содир намудани кирдор метавонад дар ҳолатҳое зоҳир гардад, ки ба ҷабрдида аз ҳад зиёд зӯроварӣ татбиқ мешавад, махсусан вақте ки байни гунаҳгор ва ҷабрдида аз лиҳози қувва ё синну сол нобаробарии ҷиддӣ вуҷуд дорад. Воситаҳои махсусан таҳқиромез аз нуқтаи назари объективӣ бояд аз шароити мушаххаси содиршавии кирдор бароянд; ҳамзамон бояд унсурҳои субъективӣ низ мавҷуд бошанд, яъне шуури ҷинояткор ва қасди ӯ барои таҳқири бештари ҷабрдида.

Таҷовуз ба номус бо бераҳмии махсус бояд дар он ҳолатҳо муайян карда шавад, ки дар ҷараёни зӯроварӣ ба саломатии ҷисмонӣ ё равонии ҷабрдида зарари қасдона расонида мешавад. Чунин бераҳмӣ метавонад дар таҳқири ҷабрдида ё шиканҷа ҳангоми таҷовуз ба номус, содир намудани ҷиноят дар ҳузури шахсони наздики ӯ, инчунин дар усулҳои фурӯ нишондани муқовимат, ки боиси азобу уқубатҳои ҷиддии ҷисмонӣ ё маънавии ҷабрдида ё наздикони ӯ мегарданд, зоҳир шавад. Ҳангоми баррасии чунин рафтор эҳтиёткорӣ зарур аст, хусусан вақте ки зӯроварӣ

дар назди дигарон, аз ҷумла хешовандони ҷабрдида (махсусан модар ё кӯдак), ё нисбат ба шахси синнаш калон содир мешавад ва ғ.

Ин масъала аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки «одатан чунин ҳолатҳо ба он меъёрҳое дахл надоранд, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба номус бо таърифҳое танзим мекунанд, ки ба набудани розигӣ асос меёбанд» [58, с. 164–166].

Тибқи амалияи судии кишварҳои Аврупои Шарқӣ, ба таври якдилона ҳал шудааст, ки агар бераҳмии махсус нисбат ба ҷабрдидаи таҷовуз ба номус аз ҷониби гунаҳгор пас аз анҷоми бевоситаи таҷовуз зоҳир гардад, пас чунин амалҳо бояд ба таври мустақил арзёбии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ шаванд ва вобаста ба зуҳуроти воқеии бераҳмӣ ҳамчун таҷовуз ба ҳаёт ё саломатӣ бандубаст гарданд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти он ки истифодаи усулҳои бераҳмона ё махсусан таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон дар ҷараёни содир намудани таҷовуз ба номус дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро ба таври назаррас боло мебарад, мувофиқи мақсад менамояд, ки ба қонун муқаррароти иловагӣ ворид карда шаванд, аз ҷумла чунин аломат: содир намудани ҷиноят бо усули бераҳмона ё махсусан таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон».

**Таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст.** Бандубасти таҷовуз ба номус ҳамчун ҷиноятe, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст, дар он ҳолат имконпазир мебошад, ки шахсони иштирокчӣ нисбат ба ҷабрдида бо ҳам мувофиқона амал намудаанд. Ҳамзамон, ҳамчун таҷовузи гурӯҳӣ бояд на танҳо амалҳои шахсоне, ки алоқаи ҷинсии зӯроваронаро анҷом додаанд, балки инчунин амалҳои он шахсоне бандубаст шаванд, ки бо роҳи истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ ба ҷабрдида ба содиршавии таҷовуз мусоидат кардаанд.

Дар ин ҳолат амалҳои шахсоне, ки худ алоқаи ҷинсии зӯроваронаро анҷом надодаанд, вале бо роҳи татбиқи зӯроварӣ ба ҷабрдида ба

дигарон дар таҷовуз ба номуси ӯ мусоидат намудаанд, бояд ҳамчун ҳамиҷрокунандагӣ дар таҷовузи гурӯҳӣ бандубаст карда шаванд.

Таҷовуз ба номус бояд гурӯҳӣ эътироф гардад на танҳо дар ҳолатҳое, ки як ё якчанд ҷабрдида аз ҷониби чанд нафар мавриди таҷовуз қарор мегиранд, балки ҳамчунин вақте ки гунаҳгорон, бо ҳам мувофиқона амал намуда ва бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид нисбат ба чанд зан, сипас ҳар кадоми онҳо бо яке аз ҷабрдидагон алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳанд» [135].

Тавре аз муҳтавои аксари меъёрҳои ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус дар қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ бармеояд, барои онҳо аломати вазнинкунанда, ки умумияти амалҳои чанд нафар ҳангоми содир намудани таҷовузро инъикос мекунад, хос мебошад.

Содир намудани ҷиноят дар шарикӣ бешубҳа барои ҷомеа хавфи бештар дорад нисбат ба кирдоре, ки ба таври танҳо анҷом дода мешавад. Муттаҳид шудани кӯшишҳои шарикон, ягонагии мақсадҳо ва ҳамоҳангии ҳаракатҳо имкони татбиқи қасди ҷиноятиро афзоиш медиҳад, ҳам дар муҳлатҳои кӯтоҳтар ва ҳам бо оқибатҳои вазнинтар.

Эҳсоси ҳамдигардастгирӣ ва беҷазоӣ тарсро суст карда, ҷинояткоронро ҷасуртар месозад. Ин, дар навбати худ, эҳтимоли содир намудани ҷиноятҳои боз ҳам вазнинтарро зиёд намуда, усулҳои содиршавии онҳоро мураккабтар ва маккоронатар мегардонад.

Бо дарки дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳо, қонунгузории ҷиноятии кишварҳои Аврупои Шарқӣ равиши фарқгузориро нисбат ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳое, ки бо маслиҳати пешакӣ содир шудаанд, пешбинӣ менамояд.

Агар дар бораи муносиб будани таркиби ҷинояти таҷовуз ба номус дар қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ сухан ронем, пеш аз ҳама бояд ба тафсири гуногуни шарикӣ таваҷҷуҳ кард. Масалан, «Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Сербия дар м. 33 содир намудани ҷиноятро дар

шарикӣ ҳамчун иштироки чанд нафар дар амали иҷро муайян мекунад, ки онҳо қасдан ё аз рӯйи беэҳтиётӣ якҷоя ҷиноят содир кардаанд ё барои дигар амали қасдона қарори муштарак қабул намудаанд, ки ин ба содиршавии ҷиноят ба таври назаррас мусоидат мекунад» [109, с. 248].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятии тоҷикӣ низ қайд шудааст, ки ҷавобгарӣ барои таҷовузи гурӯҳӣ тибқи қ. 2 м. 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад, вақте ки ҷиноят аз ҷониби ду ё зиёда нафар содир карда шудааст» [128].

Барои татбиқи чунин аломати таҷовуз ба номус ҳатмӣ нест, ки ҳамаи иштирокчиёни ҷинояти гурӯҳӣ мустақиман бо ҷабрдида ҳаракати зӯроварии хусусияти шаҳвонӣ анҷом диҳанд.

Н.В. Тидикова ҳангоми таҳлили нозукиҳои меъёри руминӣ оид ба таҷовузи гурӯҳӣ, қайд мекунад, ки «ҳамиҷрокунандагӣ дар он ҳолат ҷой надорад, ки яке аз шарикон нисбат ба ҷабрдида амалҳои бастан, зарба заданро анҷом диҳад, ҳол он ки шарикони дигар бевосита амалҳои таҷовуз ба номус равонашударо иҷро мекунад» [89, с. 54–58].

Иҷрокунандагоне, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир мекунанд, ба гурӯҳ муттаҳид шуда, амалҳои худро ҳамоҳанг менамоянд ва ҳадафи умумӣ доранд. Барои эътироф намудани ҷиноят ҳамчун аз ҷониби гурӯҳ содиршуда, мавҷудияти маслиҳати пешакӣ байни шарикон зарур аст. Дар ин сурат, амали як иҷрокунанда метавонад ба маҷмуи амалҳои иҷрокунандаи дигар дар ҷараёни содир намудани ҷиноят ворид гардад, ҳатто то анҷом ё қатъ шудани он.

Дар ин ҷо сухан дар бораи содир дар якҷоягӣ содир намудани ҷиноят меравад, вақте ки як шахс нияти ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ ё қонеъ гардонидани ғайритабиии майли ҷинсиро надорад, аммо ҳамзамон таъсири ҷисмонӣ, таҳдид ё ба ҳолати нотавонӣ овардани ҷабрдидаро тавассути истифодаи маводи нашъадор, психотропӣ, заҳролуд ё қавитаъсир амалӣ месозад. «Ҳадафи чунин ҳаракатҳо анҷом

додани таҷовуз ба номус ё дигар қонеъ гардонидани зўроваронаи майли ҷинсӣ бо роҳи ғайритабиӣ аз ҷониби шахси дигар мебошад. Маҷмуи чунин амалҳо ҳамчун ҷинояте бандубаст мегардад, ки аз ҷониби гурўҳи шахсон содир шудааст» [102, с. 214].

Дар ҳолатҳое, ки танҳо як нафар аз гурўҳи шахсони таҷовуз ба номус ё ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвониро содиркарда ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф мегардад, ҳол он ки дигарон «бинобар нарасидани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ё сабабҳои дигар наметавонанд субъект эътироф шаванд, ҳаракатҳои шахси гунаҳгоре, ки нисбат ба ў айб эълон шудааст, наметавонанд ҳамчун аз ҷониби гурўҳи шахсон содиршудани ҷиноят арзёбӣ гарданд» [72, с. 174–178].

Дар аксари кишварҳои Аврупои Шарқӣ, аз ҷумла Албания, Булғористон, Федератсияи Босния ва Ҳерсеговина, Руминия, Словения, Сербия, Македонияи Шимолӣ, Молдова ва Черногория, таҷовуз ба номусе, ки аз ҷониби гурўҳи шахсон содир шудааст, ҳамчун намуди бандубастшавандаи ҷиноят эътироф мегардад. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, таҷовуз ба номус гурўҳӣ ҳисобида мешавад, «агар дар ҷараёни ҷиноят ду ё зиёда нафар иштирок дошта, одатан ҳамчун ҳамичрокунандагон амал намоянд. Бо ин тартиб, метавон хулоса кард, ки дар ин кишварҳо таърифи ягона ва равшани таҷовузи гурўҳӣ муқаррар шудааст.

Таҷовуз ба номус нисбат ба ҳамсар, ҳамсари собиқ ё шахсе, ки гунаҳкор бо ў дар муносибатҳои оилавӣ ё наздик қарор дорад» [69, с. 24–30; 65, с. 85–88]

Дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи имкони содир намудани амалҳои зўроварона нисбат ба ҳамсар баҳснок буд. Замоне И.Я. Фойнитский бар он ақида буд, ки зан ҳатто дар сурати мавҷуд будани муносибатҳои тулонӣ бо гунаҳгор наметавонад ҷабрдидаи таҷовуз ба номус ҳисобида шавад. Ба андешаи ў, дар чунин ҳолат нисбат ба

гунаҳгор метавон танҳо барои истифодаи зӯроварӣ айб эълон кард, аммо на барои таҷовуз ба номус.

А.В. Лохвитский ин мавқеъро чунин асоснок менамуд, ки «агар зан ба хоҳиши ӯ [шавҳараш] муқобилият нишон диҳад ва ӯ барои қонеъ гардонидани хоҳиши худ зӯроварӣ истифода барад, вай ба ҳар ҳол ҳамчун таҷовузкор ҷазо дода намешавад, зеро алоқаи ҷинсӣ ҳадафи ниҳоии никоҳ мебошад ва зан бо бастани никоҳ аз ҳуқуқи дахлнопазирии худ даст мекашад».

Ба андешаи мо, чунин мавқеъ нодуруст аст. Олимоне, ки иддао мекунанд «зане, ки дар никоҳ қарор дорад, танҳо дар доираи уҳдадориҳои никоҳӣ аз озодии ҷинсӣ маҳрум мегардад, иштибоҳ мекунанд. Вафодории никоҳӣ, виҷдон ва ахлоқ хусусиятҳои муайянкунандаи шахсияти ахлоқӣ ва муносибатҳои байни ҳамсарон мебошанд» [99, с. 255]. Аммо сухан дар бораи маҳдудияти озодии ҷинсӣ бо вафодории никоҳӣ меравад, бидуни ба назар гирифтани ҳолатҳое, ки ҳамсарон метавонанд муддати тулонӣ дар ҳолати ҷудо зиндагӣ кунанд, ҳолатҳои фишори ҷинсӣ аз ҷониби яке аз ҳамсарон барои анҷом додани алоқаи ҷинсӣ бе розигӣ ва ғайра. Илова бар ин, чунин вазъият на танҳо дар ҳолате, ки ҷабрдидаи таҷовуз зан аст, метавонад ба миён ояд.

Пас аз бастани никоҳ, ҳамсарон уҳдадор мешаванд як қатор ҳуқуқу вазифаҳоро иҷро намоянд, ки ҳам бо қонун ва ҳам бо эътиқодҳои ахлоқии худи онҳо танзим мегарданд. Ба ин вазифаҳо дастгирии оила, тарбияи фарзандон, вафодорӣ ва озодии интихоби касб ва ҷойи зист дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки қисми ин вазифаҳо қонунан муқаррар шудаанд, қисми дигар бошанд ғайрирасмӣ буда, бар эътиқодҳои шахсии ҳамсарон асос меёбанд.

Муҳим аст дарк намуд, ки иҷро ё иҷро накардани вазифаҳои никоҳӣ дар соҳаи муносибатҳои шаҳвонӣ оқибатҳои ҳуқуқӣ надорад, ба истиснои ҳолатҳои нодир, масалан, ҳангоми истифодаи ҳаракати

бадахлоқона. Дар чунин вазъиятҳо маҳз меъёрҳои ахлоқии ҳамсарон аҳаммияти ҳалкунанда доранд. «Агар сухан дар бораи қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷинсӣ дар шакли ғайримуқаррарӣ равад, бояд ба назар гирифт, ки зан ҳангоми бастани никоҳ бояд шарики худро ва хусусиятҳои муносибатҳои мутақобиларо мешинохт» [106, с. 204].

Агар дар бораи ҷабрдидаи махсуси таҷовуз ба номус, яъне яке аз ҳамсарон сухан ронем, пеш аз ҳама масъала бояд ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бе розигӣ, яъне навъи зӯроварии оилавӣ, баррасӣ гардад.

Дар амалияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки маҳкум шудан барои таҷовуз ба номус ба муносибатҳои байни таҷовузкор ва ҷабрдида вобаста нест, аз ҷумла ҳангоми никоҳ, ки ба талаботи моддаи 138 КҶ ҶТ мувофиқат мекунад» [127].

Дар банди 194 Ҳисоботи тавзеҳӣ ба Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза ба муқобили зӯроварӣ нисбат ба занон ва зӯроварии хонаводагӣ (Конвенсияи Истанбул) аҳамияти ниҳоят бузурги он таъкид мешавад, ки «ҳангоми криминализатсия ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон барои чунин амалҳо, мисли зӯроварии ҷинсӣ, аз ҷумла таҷовуз ба номус, ки нисбат ба ҳамсарони собиқ ё ҳозира ё шарикони шаҳвонӣ содир шудаанд, ҳеҷ гуна истисно роҳ дода нашавад» [93, с. 171–173].

Мутобиқи моддаи 43 Конвенсияи Истанбул, «ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои пешбинишуда дар Конвенсия бояд новобаста аз хусусияти муносибатҳои байни ҷабрдида ва ҳуқуқвайронкунанда ба миён ояд. Ҳамчунин, дар қарори 9 июни соли 2009 аз рӯйи парвандаи Опуз бар зидди Туркия», Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон қайд намуд, ки зӯроварӣ дар оила масъалаи хусусӣ ё «корҳои оилавӣ» нест, балки масъалаест, ки манфиатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад ва аз давлат амалҳои муассир талаб мекунад» [57, с. 43–66].

Соли 2018 ба Қонуни Албания «Дар бораи чораҳо ба муқобили зӯроварӣ дар муносибатҳои оилавӣ» тағйирот ворид карда шуд. Аз ҷумла, «мафҳуми зӯроварии оилавӣ мутобиқи Конвенсияи Истанбул муайян гардид. Илова бар ин, дар КҶ Албания моддаи 102 дар таҳрири нав қабул шуд, ки таҳти унвони «Зӯроварии ҷинсӣ бо истифодаи қувва нисбат ба занони болиғ» маъруф аст ва алоқаи ҷинсиро бо истифодаи қувва нисбат ба занони болиғ, инчунин байни ҳамсарон ё ҳамзистҳо бидуни розигии яке аз онҳо ҷиноят эътироф мекунад.

Ғайр аз ин, дар сатҳи моддаи 106 КҶ Албания муносибатҳои ҷинсӣ ё гемосексуалӣ бо аъзои оилаи гунаҳгор криминализатсия шудаанд» [70, с. 5–12].

Дар Руминия чораҳои муҳимтарини қонунгузорӣ барои мубориза бо зӯроварии хонаводагӣ ва ҳифзи занон бо қабули Қонуни №217 аз 22 майи соли 2003 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва мубориза бо он» вобаста буданд (нашр дар «Газетаи расмӣ», қисми I, №367 аз 29 майи соли 2003). Тибқи қисми 1 моддаи 2 ин қонун, зӯроварии хонаводагӣ чунин муайян шудааст: «ҳар гуна намуди зӯроварии ҷисмонӣ ё шифоҳӣ, ки аз ҷониби яке аз аъзои оила нисбат ба дигаре анҷом дода шуда, ба ӯ зарари ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ё молиявӣ мерасонад». Зӯроварии шифоҳӣ ҳамчун муносибати бераҳмона тавассути забони таҳқиромез, истифодаи дашном, таҳдид ва ибораҳои пастзананда фаҳмида мешавад. Ҳарчанд барои бархе одамон чунин гуфтор «муқаррарӣ» менамояд, дар воқеъ ин шакли зӯроварӣ аст, зеро муносибатҳо байни аъзои оила бояд бар пояи эҳтиром бунёд ёбанд. Аз ҳамин сабаб, истифодаи чунин лафз аз ҷониби қонунгузорӣ манъ гардидааст, махсусан вақте ки он ба одати ҳаррӯза табдил ёфта бошад.

Зери зӯроварии равонӣ муаллифони руминӣ «маҷбур намудани ирода ё назорат, хастагӣ ва фишори равонӣ, ранҷу азоби руҳӣ тавассути роҳҳои гуногун, намоиши зӯроварӣ нисбат ба ашё ё ҳайвонот бо

таҳдидҳои шифоҳӣ, намоиши силоҳ, беэътиноӣ, назорати пурраи ҳаёт, амалҳои рашк, маҳдудиятҳои гуногун ва дигар кирдорҳои ҳамсонро мефаҳманд» [98, с. 195].

Ин ҷанбаҳо дар сатҳи қонунгузорӣ низ ба эътибор гирифта шуда, мутобиқи Қонуни 197/2000 ба қисмати КҶ Руминия, ки ба таҷовуз ба номус дахл дорад, тағйирот ворид гардид. Тибқи қоидаҳои нав, дар қисми 1 моддаи 217 муқаррар шудааст, ки «ҳар гуна алоқи ҷинсӣ бо аъзои оила тавассути маҷбуркунӣ ё бо истифода аз нотавонии ӯ барои ҳифзи худ ё барои ифода намудани иродаи худ» ҷиноят мебошад» [64, с. 79–84].

Дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ тадриҷан ҷорӣ гардидани стандартҳои байналмилалӣ вобаста ба таҷовуз ба номус дар никоҳ ҳам дар қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам дар доктринаи ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, дар рӯйхати ҷиноятҳои пешбинишуда дар кодексҳои ҷиноятии ин давлатҳо то ҳол фарқиятҳо мавҷуданд. На ҳамаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ таҷовуз ба номус нисбат ба ҳамсар, ҳамсари собиқ ё шахсе, ки гунаҳгор бо ӯ дар муносибатҳои наздик ё оилавӣ қарор доштааст (ё дорад), криминализатсия кардаанд.

Таҷовуз ба номус, ки ба оқибатҳои муайян оварда мерасонад

Таҷовуз ба номус ҷиноятест, ки метавонад барои ҳаёти инсон оқибатҳои харобиовар дошта бошад. Илова бар дард ва осеби ҷисмонӣ, ҷабрдидагон метавонанд бо мушкилоти ҷиддии саломатӣ: ҳам ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Оқибатҳои ҷисмонӣ:

Аз даст рафтани қобилияти репродуктивӣ: таҷовуз ба номус метавонад ба осеби узвҳои репродуктивӣ оварда расонад ва боиси безурётӣ гардад.

Сироятёбӣ ба бемориҳои сироятӣ: дар ҷараёни таҷовуз эҳтимоли интиқоли бемориҳои гузарандаи ҷинсӣ , аз ҷумла ВИЧ, вуҷуд дорад.

3. Марг. Дар ҳолатҳои муайян таҷовуз ба номус метавонад ба марг оварда расонад, масалан, дар натиҷаи ҷароҳатҳои вазнин ё буғӣ шудан.

Оқибатҳои равонӣ:

1. Парешонҳолии хастагӣ – бемории равонии паҳншудаест, ки метавонад пас аз таҷрибаи ҳодисаи осебдиҳанда, аз ҷумла таҷовуз ба номус, инкишоф ёбад. Ба нишонаҳои парешонҳолӣ хотираҳои ногаҳонӣ, хобҳои даҳшатнок, изтироб, хастагӣ ва душворӣ дар тамаркузи диққат дохил мешаванд.

Депрессия – ҳолати равониест, ки бо эҳсоси доимии ғамгинӣ, аз даст рафтани шавқ ба фаъолиятҳое, ки қаблан лаззат мебахшиданд, тағйирёбии иштиҳо ва хоб, инчунин эҳсоси ноумедӣ ва гуноҳ тавсиф меёбад.

Изтироб – ҳолатест, ки бо эҳсоси ташвиш, асабоният ё тарс зоҳир мешавад. Шахсони гирифтори ихтилоли изтироб метавонанд нишонаҳои ҷисмонӣ, аз қабили теззании дил, араққунӣ, ларзиш ва тангии нафасро эҳсос намоянд.

Андешаҳо ва амалҳои худкушӣ – ҷабрдидагони таҷовуз ба номус дар гурӯҳи хавфи баланди пайдоиши андешаҳо ва кӯшишҳои худкушӣ қарор доранд.

Оқибатҳои иҷтимоӣ:

Аз даст рафтани қобилияти меҳнат – оқибатҳои вазнини равонии таҷовуз метавонанд боис шаванд, ки шахс натавонад кор ё таҳсил намояд.

Мушкилот дар муносибатҳо – таҷовуз ба номус метавонад ба муносибатҳо бо наздикон, аз ҷумла шарикон, дӯстону аъзои оила таъсири манфӣ расонад.

Стигматизатсия – ҷабрдидагони таҷовуз ба номус аксар вақт бо тамғагузорӣ ва табъиз аз ҷониби ҷомеа рӯ ба рӯ мешаванд.

Оқибатҳои вазнин мафҳуми арзёбишаванда мебошанд, бинобар ин рӯйхати зикршуда наметавонад комил ҳисобида шавад. Агар гунаҳгор ҳангоми таҷовуз ба номус пешбинӣ накарда бошад ва бо назардошти шароити мушаххас набояд пешбинӣ мекард, ки ҷабрдида худкушӣ мекунад ё ба ин амал кӯшиш менамояд, пас татбиқи қ.3 м. 138 КҶ истисно мегардад» [55, с. 125–128].

Мувофиқи қ. 3 м. 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, «таҷовуз ба номусе, ки аз беэҳтиётӣ ба марги ҷабрдида оварда расонидааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз даҳ то бисту панҷ сол ҷазо дода мешавад»

Таҷовузкор барои худкушии хешовандони ҷабрдида, ки шоҳиди ҷиноят шудаанд, ҷавобгар нест, зеро ин амалҳо пас аз таҷовуз рух додаанд ва наметавонистанд аз ҷониби гунаҳгор пешбинӣ шаванд. Аммо агар худкушӣ дар ҷараёни таҷовуз ҳамчун кӯшиши қатъ намудани зӯроварӣ сурат гирифта бошад, он бояд ҳамчун оқибати ҷиддии ҷиноят арзёбӣ гардад, ба шарте ки гунаҳгор онро аз ҷиҳати равонӣ дарк карда бошад.

Ҳангоми таҷовузи гурӯҳӣ, ки «бо таҳқиру азоб додани ҷабрдида ҳамроҳ аст, таҷовузкорон метавонанд ва бояд пешбинӣ кунанд, ки ҷабрдида метавонад ба худкушӣ даст занад» [81, с. 704–708].

Сироятёбӣ бо ВИЧ ё дигар сирояти табобатнашаванда дар натиҷаи таҷовуз ба номус оқибати вазнин ҳисобида намешавад, агар худи сироятёбӣ воқеан рух надода бошад. Дар чунин ҳолатҳо содиршуда бояд бо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад, бо истифода аз моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ.

Оқибатҳои вазнин метавонанд ҳам дар натиҷаи амалҳои таҷовузкор ва ҳам дар натиҷаи амалҳои худи ҷабрдида (масалан, худкушӣ ё худосебрасонӣ бо мақсади раҳоӣ аз зӯроварии ҷинсӣ) ба вуҷуд оянд.

Агар марги ҷабрдида дар натиҷаи амалҳои мустақили ӯ ҳангоми таҷовуз ё кӯшиши он рух дода бошад (масалан, ҷаҳидан аз воситаи нақлиёти дар ҳаракат буда, ки ба ҷароҳатҳои марговар овардааст), бандубасти иловагӣ талаб карда намешавад.

Таҷовуз ба номус ҳамчун расонидани зарари вазнини саломатӣ бандубаст мегардад, агар исбот шавад, ки ҷинояткор нисбат ба ин оқибатҳо беэҳтиётона амал намуда, онҳоро пешбинӣ накардааст.

Аломати бандубастшавандаи зарари вазнини саломатӣ дар қонунгузории кишварҳои зерин пешбинӣ шудааст: «Федератсияи Босния ва Ҳерсеговина, Руминия, Албания (қ. 2 м. 102, қ.2 м. 102/а, қ. 2 м. 103 КҶ Албания), Сербия (қ. 3 м.и 178 КҶ Сербия), Македонияи Шимолӣ (қисми 3 м. 186 КҶ Македонияи Шимолӣ), Черногория (қ. 4 м. 204 КҶ Черногория), Руминия (қ. 3 м. 218 КҶ Руминия), инчунин дигар зарари вазнини саломатӣ (б. «d» қ. 3 м. 171 КҶ Молдова)» [63, с. 445–448].

Ин аломати вазнинкунанда, инчунин дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки ҷабрдида бо мақсади пешгирии таҷовуз ба номус ба худ осеби ҷисмонӣ мерасонад, масалан, ҳангоми гурехтан аз ҷинояткор аз балкони манзил ҷаҳидааст.

Олимони хорватӣ таъкид менамоянд, ки таҷовуз ба номус бо оқибатҳои бандубастшавандаи вазнин (марги ҷабрдида, осеби вазнини ҷисмонӣ, бадшавии ҷиддии саломатӣ) танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки гунаҳгор нисбат ба ин оқибатҳо беэҳтиёт амал карда бошад. Агар нияти марг, расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ё бадшавии ҷиддии саломатии зани таҷовузшуда вуҷуд дошта бошад, бандубасти дигар татбиқ мегардад. Дар мавриди ҳомиладорӣ, ҳатто ҳангоми мавҷудияти қасд, одатан ҳамон як бандубаст боқӣ мемонад. Таҷовуз ба номусе, ки бо куштори минбаъдаи ҷабрдида тавассути буғӣ кардан анҷом меёбад, унсурҳои ҳам таҷовузи бандубастшаванда (бо нишонаи оқибатҳои

вазнин) ва ҳам куштори бандубастшавандаро дар бар мегирад [67, с. 80–

Ҳамин тариқ, дар қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ аломатҳои гуногуни вазнинкунанда муқаррар шудаанд, ки метавонанд таҷовуз ба номусро вазнин намоянд, аз ҷумла: ҳомиладорӣ, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, марг ё кӯшиши худкушии ҷабрдида, қасдан сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ, қасдан сироят кардан бо ВИЧ-инфексия ва дигар оқибатҳои вазнин. Барои муқаррар намудани чунин аломатҳо зарур аст, ки марги ҷабрдида аз беэҳтиётӣ ба амал омада бошад. Агар марг аз беэҳтиётӣ рух диҳад, вале дар натиҷаи содир намудани кирдорҳои қасдона (бо қасди бевосита ё бавосита), ки ба таҷовуз ба номус равона шудаанд, чунин ҷиноят метавонад тибқи қоидаҳои рақобати меъёрҳо бандубаст карда шавад.

Таҷовуз ба номус нисбат ба ҷабрдидагони махсус.

Дар кодексҳои ҷиноятии кишварҳои Аврупои Шарқӣ таҷовуз ба номус нисбат ба ҷабрдидагони махсус ба таври гуногун пешбинӣ шудааст. Масалан: «бо истифода аз ихтилоли ҷисмонӣ ё равонии ҷабрдида ё бинобар вайроншавии амиқи шуур – моддаи 103 КҶ Албания; бо суиистифода аз бемории равонӣ, парешонҳолии муваққатӣ ё шадиди руҳӣ, бемори ё ҳар гуна ҳолати дигаре, ки бинобар он шахс қобилияти муқобилият надорад - моддаи 172 КҶ Словения; бо истифода аз бемории руҳӣ, ақибмонии зеҳнӣ, дигар ихтилоли равонӣ, маъюбӣ ё ҳолати дигаре, ки бинобар он шахс қодир ба муқовимат нест – қ.1 м. 179 КҶ Сербия» [80, с. 154–157].

Ин ҷиноят инчунин «шаклҳои бандубастшаванда ва татбиқи санксияҳои сахттарро пешбинӣ менамояд, агар ҷинояткор худ сабабгори ҳолати нотавонии ҷабрдида гардида бошад ё дар ба вуҷуд омадани он иштирок кардааст: содир намудани амали ҷинсӣ бо усули махсусан бераҳмона ё таҳқиромез; содир намудани ҷиноят аз ҷониби чанд нафар;

марг, осеби ҷиддии ҷисмонӣ, бадшавии саломатӣ ё ҳомиладорӣ» [80, с. 154–157].

Чунин таъриф нисбат ба он чи дар моддаи 36 Конвенсияи Истанбул пешбинӣ шудааст, шумораи камтари амалҳои зӯроварии ҷинсиро фаро мегирад. Дар ин замина, формулировкае, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Хорватия нисбат ба ҷинояти алоқаи ҷинсӣ бидуни розигӣ истифода мешавад, хеле васеътар, мақсаднoктар ва муносибтар буда, метавонад намунаи қобили қабул барои пешрафтҳои минбаъда гардад.

Дар мавриди меъёри ҷавобгарӣ барои ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба шахси нотавон (қ.1 м. 172 КҶ Словения), бояд қайд кард, ки «он тақрибан ба меъёри қаблии КҶ Хорватия (қ.1 м. 189 КҶ Хорватия, таҳрири соли 1997) мутобиқат дорад, ки тибқи он: шахсе, ки бо истифода аз беморении руҳӣ, парешонҳолии руҳӣ, сатҳи нокифояи рушди зеҳнӣ ё дигар ихтилоли ҷиддии равонӣ ё ҳар гуна ҳолате, ки шахсро аз қобилияти муқобилият маҳрум мекунад, бо шахси дигар алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳад», ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» [79, с. 122–128].

Олимони тоҷик қайд менамоянд, ки «таҷовуз ба номус бо истифода аз ҳолати оҷизонаи ҷабрдида (м.138 КҶ ҶТ) дар он ҳолат ҷой дорад, ки ҷабрдида бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё равонӣ наметавонад моҳияти амалҳоро дарк намояд ё ба онҳо муқобилият нишон диҳад» [125].

Ҳангоми баррасии шартҳои оҷизии шахс, метавон якчанд гурӯҳи асосии шахсони нотавонро ҷудо намуд, аз ҷумла: шахси гирифтори бемории руҳӣ; шахси дорои ақибмонии руҳӣ; шахсе, ки дорои дигар ихтилолҳои равонӣ мебошад.

Нотавонии муқобилият бинобар «ҳолати махсусе, ки ҷабрдида дар он қарор дорад, аломати калидии таҷовуз ба номуси шахси нотавон мебошад. Чунин тавсифи таҷовуз ба номус нисбат ба шахси нотавон, дар

асл, бо таърифи «классикӣ»-и таҷовуз ба номус алоқаманд аст» [56, с. 327–329].

Муҳимтарин унсур барои бандубасти таҷовуз ба номус нисбат ба шахси нотавон ҳамчунин қобилияти муқовимат нишон надодани ҷабрдида мебошад. Бар хилофи таҷовуз ба номуси «классикӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Сербия, ки дар он ҷабрдида қодир ба муқовимат аст ва ҷиноят бо истифодаи зӯроварӣ содир мегардад, таҷовуз ба номус нисбат ба шахси нотавон бо зӯроварӣ ҳатман вобаста нест, яъне маҷбуркунӣ ба шакли маъмул татбиқ намешавад.

Тибқи меъёри давомнокии нотавонӣ барои муқовимат, ду навъи асосии ҳолати нотавонӣ ҷудо карда мешавад: «доимӣ, яъне чунин шароитҳо пайваста вуҷуд дошта, гунаҳгор аз онҳо истифода бурда ҷиноят содир мекунад; муваққатӣ,  яъне чунин шароит танҳо дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят вуҷуд доштааст ва гунаҳгор маҳз дар ҳамин вақт аз ҳолати ҷабрдида истифода мекунад» [61, с. 50–53].

Шароити доимӣ метавонад бемории равонӣ бошад, ки модарзодӣ ё тулонӣ аст, ё ҳолати ҷисмонӣ (масалан, баъзе шаклҳои дистрофияи мушакӣ, фалаҷшавии бадан ё қисмҳои он ва ғ.). Дар чунин ҳолат доимӣ» маънои онро дорад, ки нотавонии муқовимат пеш аз ҷиноят, ҳангоми ҷиноят ва баъд аз ҷиноят вуҷуд дошта ва боқӣ мемонад.

Ҷабрдида метавонад дар ҳолати муваққатии оҷизӣ бошад, вале муҳим он аст, ки ин ҳолат маҳз дар лаҳзаи содир шудани таҷовуз вуҷуд дошта бошад. Он метавонад бо ихтилолҳои муваққатии руҳӣ, ҳолатҳои махсус (масалан, «караҳтии тарс»), аз даст додани ҳуш, мастии шадид, таъсири моддаҳои психоактивӣ ва ғайра вобаста бошад.

Амалияи судии Сербия маҷмуи омилҳоро муайян менамояд, ки тибқи онҳо шахс метавонад ҳамчун «оҷиз» дар маънои м. 179 КҶ Сербия эътироф гардад. Аз ҷумла, қайд мешавад, ки оҷизӣ метавонад «бинобар сатҳи рушди зеҳнӣ ё ноболиғии эҳсосии ҷабрдида» ҷой дошта бошад.

Суд, инчунин таъкид мекунад, ки дар чунин шароит ҷабрдида наметавонист «муқовимати равонӣ (бо арзёбии вазъият)» нишон диҳад, на «ниятҳои дигаронро арзёбӣ кунад», ва «муқовимати ҷисмонӣ метавонад дар шакли тела додан ифода ёбад, аммо он ночиз ва ҳадди ақал буд» [71, с. 289–295].

Моддаи 179 КҶ Сербия инчунин тавзеҳи умумӣ дорад: «шахсе, ки дар ҳолати дигаре қарор дорад, ки барои муқобилият қодир нест». Ин ибораи хеле васеъ буда, ҳар гуна ҳолати дигари эҳтимолии нотавонӣ, ки ба нотавонии муқобилият оварда расонад, дар бар мегирад [91, с. 221–

Ин тавзеҳот имкон медиҳад, ки ҳолати нотавонӣ ҳатто берун аз робитаи мустақим бо кирдори ҷинояткор, яъне дар натиҷаи тасодуф ё форс-мажор, низ фаро гирифта шавад (масалан, агар ҷабрдида ба таври тасодуфӣ дар дастгоҳе дар толори варзиш «дармонда» монад ва ҷинояткор аз ин ҳолат истифода кунад).

Дар айни замон дар қонунгузории ҷиноятии Сербия таҷовуз ба номус асосан ҳамчун ҳаракати шаҳвонии маҷбурӣ бо зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ муайян мешавад, на ҳамчун ҳар гуна алоқаи ҷинсӣ бархилофи иродаи субъекти камфаъол (ки талаботи Конвенсияи Истанбул аст). Агар чунин ислоҳот ворид гардад, он ногузир ба зарурати таъйини дақиқи кирдор нисбат ба шахси нотавон низ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили меъёрҳо оид ба таҷовуз ба номус нисбат ба қурбонии махсусан осебпазир нишон медиҳад, ки аз ҷиҳати филологӣ ин аломат дар КҶ кишварҳои Аврупои Шарқӣ гуногун ифода шудааст. Бо назардошти аҳаммияти чунин аломат, зеро таҷовуз ба номус нисбат ба ҷабрдидаи махсусан осебпазир дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро ба таври назаррас боло мебарад, пешниҳод мешавад КҶ бо чунин ҳолати вазнинкунанда пурра карда шавад:

содир намудани ҷиноят нисбат ба шахсе, ки бемории руҳӣ,

парешонҳолии муваққатӣ ё тулонии руҳӣ ё ҳолати дигаре дорад, ки бинобар он шахс наметавонад вазъиятро пурра арзёбӣ карда, розигиро ифода намояд».

Дигар аломатҳои махсусан вазнинкунанда.

Дар моддаи 138 КҶ ҶТ таҷовуз ба номус нисбат ба шахси дар вазъи вобастагӣ қарордошта (аз ҷумла хешованд) аломати бандубастшаванда буда, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 7 то 15 сол ҷазо дода мешавад.

Тибқи б. b қ. 3 м. 218 КҶ Руминия, аломати вазнинкунанда дар содир намудани ҷиноят нисбат ба хешованди хатти мустақим, бародар ё хоҳар ифода меёбад. Ин метавонад «нисбат ба хешованди болорав ё поёнрав (масалан, падар нисбат ба духтар), байни бародару хоҳар ва ғайра бошад. Муҳим нест, ки хешутаборӣ дар доираи никоҳи қонунӣ ё берун аз никоҳ ба вуҷуд омадааст; ҳамчунин хешутаборӣ аз ҳисоби фарзандхонӣ низ фаро гирифта мешавад. Аммо гунаҳгор бояд то лаҳзаи ҷиноят аз дараҷаи хешутаборӣ огоҳ бошад» [54, с. 92–100].

Таҷовуз ба номус нисбат ба зани ҳомиладор дар б. b1 қ. 2 м. 171 КҶ Молдова пешбинӣ шудааст. Бандубаст дар ин ҳолат танҳо ҳангоми он имконпазир аст, ки гунаҳгор пешакӣ ва огоҳона аз ҳомиладорӣ хабар дошта бошад; истилоҳи «қасдан-дидаву гониста» ҳамин маъниро дорад. Агар гунаҳгор воқеан намедонист, ин аломат татбиқ намешавад. Манбаи огоҳии ӯ ва муҳлати ҳомиладорӣ аҳаммияти ҳалкунанда надоранд. Мушкил дар ҳолатест, ки гунаҳгор гумон дошт ҳомиладорӣ ҳаст, аммо тафтиш нишон дод, ки воқеан ҳомиладорӣ набудааст.

Таҷовуз ба номус нисбат «ба шахсе, ки дар парасторӣ, ҳимоя, муҳофизат, тарбия ё муолиҷаи гунаҳгор қарор дошт, дар Руминия (қ.3 м.218) ва Молдова (б. «а» қ.3 м.171) пешбинӣ шудааст Ин кирдор бандубастшаванда аст, зеро гунаҳгор дар муносибати махсус (васӣ, омӯзгор, табиб ва ғ.) қарор дошта, имкони фишори иловагии равониро

соҳиб мешавад. Хавфнокии ҷамъиятӣ баланд аст, чунки чунин шахс маҳз бояд муҳофизат, парасторӣ ва тарбияи ҷабрдидаро таъмин мекард» [83, с. 104–108].

Барои татбиқи ин аломат зарур аст: асоси ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои гунаҳкор нисбат ба ҷабрдида (шартнома, вазифаи касбӣ, муносибати оилавӣ ва ғ.); давомнокии чунин уҳдадорӣ муайян карда шавад.

Ба ин гурӯҳ «кормандони таълимӣ ва педагогии муассисаҳои давлатӣ ё хусусӣ, инчунин шахсоне, ки ба кӯдакон дарс ё машғулиятҳои таълимӣ мегузаронанд, дохил мешаванд» [66, с. 130–141].

Таҷовуз ба номус бо мақсади таҳияи маводи порнографӣ дар банди қ. 3 м. 218 КҶ Руминия пешбинӣ шудааст. Ин аломат бо он асоснок мешавад, ки ҳаракатҳои шаҳвонӣ бо мақсади истеҳсол-тайёр кардани маводи порнографӣ анҷом мегардад. Барои исботи ин аломат, гунаҳгор бояд онро дарк кунад ва ин ҳадафро мустақимона дошта бошад.

Дар КҶ Руминия таърифи ягонаи «маводи порнографӣ» дода нашудааст; он дар Қонуни №196/2003 «Дар бораи пешгирӣ ва мубориза бо порнография» муайян мешавад: «порнография – «амалҳои дорои хусусияти бадахлоқона ва маводе, ки чунин амалҳоро бозтавлид ё паҳн мекунад». Минбаъд «маводи бадахлоқона» ҳамчун ашё, гравюраҳо, аксҳо, голограммаҳо, расмҳо, асарҳо, рамзҳо, нашрияҳо, филмҳо, сабтҳои видео ва аудио, роликҳои рекламавӣ, барномаҳои компютерӣ, роҳҳои мусиқӣ ва дигар шаклҳои ифодае муайян мешаванд, ки ба таври ошкоро амали ҷинсиро нишон медиҳанд ё ба он ишора мекунанд» [75, с. 77–91].

Ҷудо кардани порнография аз асарҳои санъати эротикӣ бо мушкилоти ҷиддӣ алоқаманд аст, зеро сарҳади байни онҳо бисёр вақт норавшан ва тағйирёбанда мебошад.

М.В. Савелев пешниҳод мекунад, ки «ҳангоми муайян намудани эротика ба нишонаҳои зерин такя карда шавад: таъкид ба ҷанбаҳои равонӣ ва хусусиятҳои шахсияти одамоне, ки ба муносибатҳои ҷинсӣ ҷалб шудаанд; тасвири ҷинсият ҳамчун марҳилаи табиӣ дар рушди муносибатҳои байниҳамдигарӣ  муҳим, аммо на унсури ҳукмрон ба ҳисоб меравад.

Дар муқобили ин, порнография: ба тасвири ошкор ва бевоситаи амалҳои ҷинсӣ ва узвҳои ҷинсӣ тамаркуз мекунад; ҷинсиятро то сатҳи раванди физиологӣ поин мебарад, ки аз амиқии эҳсосӣ ва робитаҳои байнишахсӣ маҳрум аст; бисёр вақт объектикунонӣ ва таҳқири иштирокчиёнро истифода мебарад.

Бояд қайд кард, ки ин сарҳад на ҳамеша равшан аст ва баъзе асарҳо метавонанд унсурҳои ҳам эротика ва ҳам порнографияро дар бар гиранд. Арзёбии ниҳоии асар аз замина, дарки аудитория ва ҳадафҳое, ки муаллиф дунбол мекунад, вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, эротика дар марказ амиқии равонӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва зебоии бадани инсонро мегузорад, дар ҳоле ки порнография ба ҷанбаҳои физиологӣ тамаркуз намуда, иштирокчиёнро ҳамчун воситаи истисмор истифода мекунад» [76, с. 141–143].

Д.В. Шмиков порнографияро чунин мефаҳмонад: «тасвири дағалона-натуралистӣ, бадахлоқона ва сунъии алоқаи ҷинсӣ, новобаста аз ҷинс ва синну сол, бо намоиши узвҳои ҷинсӣ ва шаҳват, ки аз набудани арзишҳои ахлоқии дар ҷомеа пазируфташуда шаҳодат медиҳад» [95, с. 86–89].

Ин ҳолат ба масъулияти ҳамаи иштирокчиёни ҷиноят ба ҳамон андоза таъсир мерасонад, ки онҳо онро медонистанд ё пешбинӣ карда метавонистанд. Масалан, агар шарикон манзилро барои ҷинояткор дастрас намуда, барои сабти амали ҷинсӣ камераҳои видеоӣ насб карда бошад ва бо ин роҳ маводи порнографӣ таҳия карда шавад, пас

гунаҳгори таҷовуз ба номус танҳо дар сурате барои шакли одии ҷиноят ҷавобгар мемонад, ки агар аз ин ҳолат огоҳ набуд ё онро танҳо пас аз анҷоми таҷовуз фаҳмида бошад. Муҳим нест, ки маводи порнографӣ воқеан истеҳсол, интиқол ё нашр шудааст ё не; чунин бандубаст дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки гунаҳгор ҳадафи истеҳсоли маводи порнографӣ дошт ё аз истеҳсоли он огоҳ буд.

Яке аз ҳолатҳои маъмултарини вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар КҶ кишварҳои Аврупои Шарқӣ  аломати вобаста ба синни ҷабрдида мебошад. Уҳдадории давлат «дар ҳифзи кӯдак аз ҳама шаклҳои истисмори ҷинсӣ ва фисқу фасоди ҷинсӣ дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак (1989) пешбинӣ шудааст» [82, с. 132–138].

Дар ин Конвенсия, моддаи 34 уҳдадории ҳамаи давлатҳоро муқаррар мекунад, ки дар сатҳи миллӣ чораҳои зарурӣ андешанд, то ҷалб ё маҷбур кардани кӯдак ба фаъолияти ғайриқонунии ҷинсӣ пешгирӣ карда шавад. Ҳамчунин Конвенсия талаб мекунад, ки истифодаи кӯдакон барои истисмор, фоҳишагарӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунии ҷинсӣ манъ карда шавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳлилҳои ҷавобгарии калонсолон барои ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон анҷом дода шуда, сабабҳо ва шароити содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили ноболиғон, аз ҷумла ҷиноятҳое, ки аз ҷониби волидайн нисбат ба фарзандон содир мешаванд, омӯхта шудаанд. Ба таҳлили самтҳои асосии пешгирии чунин ҷиноятҳо таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст» [94, с. 297–305].

Дар низоми ҳуқуқии континенталӣ Конститутсия бесабаб мақоми қонуни олиро надорад. Он на танҳо иерархияи сарчашмаҳои асосии ҳуқуқро дар сатҳи миллӣ муайян мекунад ва нақши принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, балки ҳамчунин ғояҳои бунёдии ҳуқуқиро эълон намуда, арзишҳо ва авлавиятҳои иҷтимоии ҳифзшавандаро мустаҳкам мекунад

ва соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бояд бо ҳуқуқ танзим шаванд, муайян месозад. Бояд қайд кард, ки чунин равиш барои аксари низомҳои ҳуқуқии муосир хос аст, ки дар онҳо конститутсияҳои нави қабулшуда амал мекунанд.

Ба камбудиҳои қонунгузории кишварҳои Аврупои Шарқӣ, пеш аз ҳама, набудани таърифҳои меъёрӣ дар КҶ нисбат ба истилоҳоти истифодашаванда, аз ҷумла «кӯдаки хурдсол», «ноболиғ» ва «кӯдакон» мансуб аст. Бисёр вақт ҳатто ҳангоми ворид кардани чунин таърифҳо ба кодекс, онҳо ба ислоҳ ва мутобиқсозӣ ба ниёзҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ эҳтиёҷ доранд. Бояд эътироф кард, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҳаддҳои синнусолии мушаххасро барои синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, инчунин барои хусусиятҳои ҷавобгарӣ ва ҷазои ноболиғон муайян мекунад. Аммо ин таърифҳо бештар ба ноболиғоне дахл доранд, ки худ ҷиноят содир кардаанд, на ба кӯдаконе, ки ҷабрдида мебошанд.

Вобаста ба синни ҷабрдида, одатан чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд: шахси ноболиғ (Албания, Булғористон, Сербия, Молдова, Македонияи Шимолӣ, Черногория, Руминия); шахсе, ки ба синни 14-солагӣ нарасидааст (Албания, Булғористон, Молдова, Словения, Сербия, Македонияи Шимолӣ, Черногория).

Мафҳуми дар КҶ мустаҳкамшуда бояд имкон диҳад чунин хулоса бароварда шавад, ки алоқаи ҷинсӣ бо кӯдаки хурдсол бояд ҳамчун таҷовуз ба номус эътироф гардад, новобаста аз он ки оё ин шахс розигӣ» додааст ё не, оё ин розигӣ ихтиёрӣ (ки аслан беэътибор дониста мешавад) ё маҷбурӣ буд, ё ин ки кӯдак моҳият ва аҳаммияти амалҳои нисбат ба ӯ содиршавандаро дарк мекард ё не ва ғайра.

Яъне дар КҶ бояд ғояи муайянсозии қонунгузории синну сол таҷассум ёбад, ки ба он нарасидани шахс уҳдадор месозад, то ҳуқуқтатбиққунанда алоқаи ҷинсӣ бо  чунин шахсро бечунучаро ҳамчун таҷовуз ба номус арзёбӣ намояд. Бо дарназардошти бори иттилоотӣ ва

тарбиявии манъи ҷинояти зикршуда, дуруст аст, ки дар он ишора маҳз ба синни мушаххаси ҷабрдида, на ба ҳолати «хурдсолӣ»-и ӯ ҷой дода шавад. Ҳамзамон, «бо ин роҳ масъалаи баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии шаклҳои дигари зӯроварии ҷинсӣ, ки нисбат ба кӯдаки хурдсол содир мешаванд ва аз таҷовуз ба номус фарқ доранд, низ ҳал мегардад. Чунин равиш ба принсипи муайян будани ҳуқуқ, ки аз Конвенсияи Лансароте бармеояд, мутобиқ мебошад» [75, с. 77–91].

Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар маънои васеи худ ба масъалаи синни розигии ҷинсӣ» ба тавri гуногун муносибат мекунад. Ҳуқуқи шартномавии байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба ҷинояткорӣ ишораҳои мустақим (матнӣ) ба чунин синну солро дар бар мегирад; дар ҳоле ки ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар маънои маҳдуд (ҳамчун маҷмуи меъёрҳое, ки таҷовуз, геносид, ҷиноятҳои ҷангӣ ва ҷиноятҳои зидди инсониятро манъ мекунанд) аз баррасии ин масъала худдорӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, дар ин ҳолат набояд зиддияти амиқ ҷустуҷӯ кард, зеро ҳамчунин нодуруст аст, ки пешрафтгароии баъзе унсурҳои меъёрии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бо унсурҳои дигар муқобил гузошта шавад.

Ин гуногунҷабҳагӣ метавонад бо далелҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ шарҳ дода шавад. Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар маънои маҳдуд як низоми умумиҷаҳонии ҳуқуқӣ мебошад, ки муқарраротi он новобаста аз маҳалли содиршавии ҷиноят татбиқ мегарданд. Дар чунин шароит, эътирофи як синни мушаххас ҳамчун синни розигӣ ба фаъолияти ҷинсӣ дар миқёси ҷаҳонӣ метавонад бо анъанаҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеаҳои алоҳида дар ихтилоф қарор гирад.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлили ҷавобгарии калонсолон барои ҷиноятҳо нисбат ба ноболиғон анҷом дода шуда, ҳамчунин нисбат ба фарзандони худ, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Давлатҳои миллӣ бояд барои пешгирии фаъолияти ғайриқонунии ҷинсӣ ва истисмори кӯдакон чораҳои муассир андешанд ва диққати асосиро ба самтҳои муқовимат ба чунин ҷиноятҳо равона намоянд» [68, с. 252–255].

Дар Унсурҳои ҷиноятҳо, ки аз ҷониби Комиссияи таҳиякунанда барои Суди ҷиноятии байналмилалӣ 30 июни соли 2000 қабул гардидаанд, мушаххас карда мешавад, ки «зуҳуроти зикршудаи зӯроварии ҷинсӣ бо истифодаи қувва ё таҳдиди истифодаи қувва, ё маҷбуркунӣ тавсиф меёбанд, ки метавонад, масалан, аз тарси зӯроварӣ, маҷбуркунии дағалона, боздошт, фишори равонии бар асоси ҳокимият, ё истифодаи муҳите, ки хусусияти маҷбуркунанда дорад, ба вуҷуд омада бошад, ё ҳамчунин бо содир намудани кирдор нисбат ба шахсе, ки қодир нест розигии воқеии иродаи худро баён намояд» [68, с. 252–255].

Дар ҳамаи қонунгузориҳои кишварҳои Аврупои Шарқӣ аломати ҳатмии таркиби ҷиноят – дидаву дониста содир намудани ҷиноят нисбат ба ноболиғ ба шумор меравад; бахусус, аломати зарурӣ он аст, ки ҷиноят нисбат ба шахсе, ки ба синни 14-солагӣ нарасидааст, содир шуда бошад ва ин ҳолат аз ҷониби гунаҳгор дарк гардида бошад. Дар бисёр кишварҳои Аврупои Шарқӣ таҷовуз ба номуси ноболиғ ҳамчун ҷинояти мустақил эътироф мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавии моҳияти ҳолатҳои вазнинкунандаи таркибҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар қонунгузории бархе кишварҳои Аврупои Шарқӣ ҳам умумият ва ҳам фарқиятҳоро ошкор намуд. Тамоюли умумӣ барои қонунгузорӣ ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ – ҷорӣ гардидани тадриҷии стандартҳои байналмилалӣ дар сохтани навъҳои бандубастшавандаи таҷовуз ба номус мебошад. Фарқият бошад, дар гуногун будани таркиби номгӯйи ин навъҳои бандубастшаванда дар КҶ Тоҷикистон ва КҶ кишварҳои Аврупои Шарқӣ зоҳир мегардад.

### 3.3. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ

Масъалаи ҷудокунии ҷиноятҳои ҷинсӣ, ки дар моддаҳои 138, 139 ва 140 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд ва мутаносибан ҷавобгариро барои таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ муқаррар менамоянд, аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Кирдорҳои зикршуда дорои як қатор аломатҳои умумӣ мебошанд, пеш аз ҳама аз лиҳози тарафи субъективӣ, инчунин аз ҷиҳати сохтори таркибҳои бандубастшаванда ва махсусан бандубастшаванда, ки аксар вақт арзёбии ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро душвор мегардонад.

Бо вуҷуди ин, ҳар яке аз ин ҷиноятҳо фарқиятҳои мустақил ва бунёдӣ доранд, ки ба тарзи содир намудани кирдор, хусусияти зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ, инчунин ба моҳияти объекти таҷовуз марбутанд. Нодида гирифтани ин фарқиятҳо метавонад ба хатоҳо дар татбиқи қонун оварда расонад. Аз ин ҷиҳат, ба эътибор гирифтани онҳо дар фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, аз ҷумла ҳангоми ҳал намудани масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, қабули қарорҳои мурофиавӣ дар бораи ҷалби шахс ба сифати айбдоршаванда ва таҳияи хулосаи айбдоркунӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар қисми якуми м.139 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, имкон медиҳад, ки моҳияти таркиби асосии ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ муайян карда шавад. Ба чунин кирдорҳо қонунгузор «алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё анҷом додани дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо роҳи иръоб (шантаж) ё таҳдиди несту нобуд, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулк ё бо истифода аз тобеияти хизматӣ, молумулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдидаро, мансуб медонад»[10]. Аломати ҳатмии тарафи объективии қ.1 м.138 КҶ ҶТ

бошад ин истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таъсири руҳӣ, ки дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ифода меёбад, ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он метавонад ҳам бевосита нисбат ба ҷабрдида ва ҳам нисбат ба шахси дигаре, ки амният ва саломатии ӯ барои ҷабрдида аҳамияти ҷиддӣ дорад, равона карда шавад. Роҳи алтернативии содир намудани ин ҷиноят истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида мебошад, ки бо хусусиятҳои психофизиологии ӯ вобаста аст.

Ҳангоми бандубасти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунанда дуруст муайян намудани объекти ҷиноят аҳаммияти калидӣ дорад. Бархилофи таҷовуз ба номус, ки объекти он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии танҳо шахси ҷинси занро таъмин мекунанд, таркибе, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсони ҳар ду ҷинс ҳифз менамояд. Ин фарқият хусусияти консептуалӣ дошта, ҳангоми ҷудо намудани ҷиноятҳои мазкур бояд ҳатман ба назар гирифта шавад.

Ҷудокунии таркибҳои ҷиноятҳои мавриди таҳлил ҳамчунин аз рӯйи аломатҳои тарафи объективии онҳо анҷом дода мешавад. Тибқи сохтори таркиби асосии таҷовуз ба номус, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, тарафи объективии ин ҷиноят дорои як қатор хусусиятҳои махсус мебошад.

Пеш аз ҳама, таҷовуз ба номус дар содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо ҷабрдида бархилофи иродаи ӯ ифода меёбад, ки дар маънои физиологӣ сухан дар бораи алоқаи гетеросексуалии ҷинсӣ меравад, яъне алоқаи ҷинсии мард бо шахси ҷинси зан. Ин ҳолат аломатии асосии фарққунанда нисбат ба дигар шаклҳои таҷовузи зӯроваронаи дорои хусусияти ҷинсӣ ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз ин, хусусияти маҷбурии алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таъсири равонӣ, ки дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ зоҳир мегардад, инчунин бо истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида муайян карда мешавад. Дар ҳолати охирин, набудани муқобилияти фаъол ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад, зеро гунаҳгор дидаву дониста аз нотавонии объективии ҷабрдида барои ҳифзи манфиатҳои худ истифода менамояд.

Ниҳоят, мувофиқи модели қонунгузории таркиби таҷовуз ба номус, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он метавонад на танҳо бевосита нисбат ба ҷабрдида, балки ҳамчунин нисбат ба шахсони дигаре, ки бо ӯ дар муносибатҳои наздик қарор доранд ва аз лиҳози эҳсосӣ ё иҷтимоӣ барои ӯ аҳамияти ҷиддӣ доранд, равона карда шавад.

Дар адабиёти илмӣ бо асоснокӣ таъкид мегардад, ки зери мафҳуми алоқаи ҷинсӣ дар доираи таркиби таҷовуз ба номус бояд ҳамбистарии табиии гетеросексуалии мард ва зан фаҳмида шавад. Фарқи муҳимми ин кирдор аз ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дар он ифода меёбад, ки «дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ, ки тарафи объективии таҷовуз ба номусро ташкил медиҳад, оқибатҳои биологӣ, аз ҷумла фаро расидани ҳомиладорӣ, имконпазиранд, дар ҳоле ки чунин натиҷаҳо барои дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ хос нестанд» [34, с. 72].

Ин нуқтаи назар бояд асоснок ва аз лиҳози методологӣ авлотар эътироф гардад, зеро он бештар ба тавзеҳоти роҳнамоии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2004 № 16 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ» мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми «тавсифи тарафи объективии таркиби ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бояд дигар хусусиятҳои муҳтавои таҷовуз, ки онро аз таҷовуз ба номус фарқ мекунанд, ба назар гирифта шаванд.

Бархилофи таҷовуз ба номус, ки дар он алоқаи маҷбурии ҷинсӣ дар маънои физиологӣ, яъне алоқаи гетеросексуалии мард бо зан ҷой дорад, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсиро фаро мегиранд» [96, с. 203–206]. Ба онҳо, аз ҷумла, алоқаи ҷинсии мард бо мард (бачабозӣ), ҷимои зан бо зан, инчунин дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки ба қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҷинсӣ тавассути роҳҳои алтернативӣ равона шудаанд, мансубанд.

Сарфи назар аз фарқият дар шаклҳои таҷовузи ҷинсӣ, аломатҳои маҷбурӣ ҳангоми таҷовуз ба номус ва а ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ аз ҷиҳати табиати ҳуқуқии худ якхел мебошанд. Онҳо дар истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таъсири равонӣ дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, ё истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида ифода меёбанд. Ин ҳолатҳо унсурҳои ҳатмии тарафи объективии таркибҳои дахлдори ҷиноятҳоро ташкил дода, ҳангоми баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқии кирдор бояд ҳатман муқаррар карда шаванд. Ба назар мерасад, ки нуқтаи назаре асоснок аст, ки мувофиқи он ҳар гуна кирдорҳое, ки бо мақсади қаноатманд сохтани ниёзҳои ҷинсӣ тавассути зӯроварӣ ё дигар шаклҳои маҷбуркунӣ содир мешаванд, бояд ба ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ мансуб дониста шаванд. Дар ин замина, баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бояд нисбат ба чунин шаклҳои рафтор низ татбиқ гардад, ки дар онҳо гунаҳгор аз расонидани азобҳои ҷисмонӣ ё равонӣ ба ҷабрдида қаноатмандии ҷинсӣ эҳсос мекунад, ҳатто агар ҳаракати шаҳвонӣ дар маънои маҳдуди физиологӣ бевосита содир нашуда бошанд.

Дар баробари тарафи объективӣ, фарқиятҳои ҷиддӣ байни таркибҳои таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дар хусусиятҳои субъекти ҷиноят низ зоҳир мегарданд. Таркиби таҷовуз ба номус мавҷудияти субъекти махсусро дар назар дорад: шахси

воқеии ҷинси мард, ки мукаллаф буда, ба синни чордаҳсолагӣ расидааст. Зан, ки ба ин синну сол расида ва қобили дарки масъулияти ҷиноятӣ мебошад, метавонад барои таҷовуз ба номус танҳо дар ҳолати иштироки ӯ дар ҷиноят ҳамчун шарик (аз ҷумла ҳамчун ҳамиҷрокунанда, масалан, ҳангоми нигоҳ доштани ҷабрдида ё истифодаи зӯроварӣ бо мақсади бартараф намудани муқобилият), инчунин ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Бархилофи ин, субъекти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ метавонад ҳар гуна шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, новобаста аз ҷинс, бошад. Ҳамзамон, хусусияти шакли кирдори содиршуда таъйини гендерии субъектро муайян мекунад: мард – ҳангоми содир намудани бачабозӣ, зан – ҳангоми ҷимои зан бо зан ва шахсони ҳар ду ҷинс – ҳангоми анҷом додани дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ. Ин хусусиятҳо барои фарқгузории дурусти таркибҳои таҳқиқшавандаи ҷиноятҳо ва бандубасти дақиқи ҳуқуқии ҷиноятии онҳо аҳаммияти принсипӣ доранд.

Маҷмуи аломатҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ фарқгузории ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ аз таҷовуз ба номус аз рӯи се унсури асосии таркиби ҷиноят анҷом дода шавад: объект, тарафи объективӣ ва субъект. Маҳз ба инобат гирифтани маҷмуии ин унсурҳо баҳодиҳии дурусти ҳуқуқии ҷиноятии кирдори содиршударо таъмин намуда, хатогиҳоро ҳангоми бандубаст истисно мекунад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз пайдарпайии мантиқӣ ва асоснокии меъёрии назари зикршуда, дар баъзе нашрияҳои илмии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои интиқодӣ оид ба мақсаднокии чунин фарқгузорӣ баён карда мешаванд. Аз ҷумла, чунин ақида иброз мегардад, ки

шаҳвонӣ ба як объекти ягонаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҷовуз мекунанд ва бинобар ин пешниҳод мешавад, ки аз тафриқаи онҳо бар асоси шаклҳои мушаххаси таҷовузи ҷинсӣ даст кашида шавад. Бар пояи чунин мавқеъ хулоса баровარда мешавад, ки ташаккули маҷмуи ҷиноятҳо дар ин ҳолатҳо имконнопазир аст» [108, с. 34].

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки чунин андешаҳо бахснок буда, на ҳамеша фарқиятҳои мавҷуда дар сохтори қонунгузории таркибҳои таҳқиқшаванда, инчунин хусусияти муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшавандаро ба таври пурра ба инобат мегиранд. Ин ҳолат зарурати равиши мутавозин ва системавиро дар фарқгузории ҳуқуқии ҷиноятӣ онҳо тақозо мекунад.

Ба андешаи мо, дар ҳолате, ки шахси гунаҳгор нисбат ба як ҷабрдидаи ягона пайдарпай аввал алоқаи ҷинсии маҷбурии физиологи муқаррариро, ки таркиби таҷовуз ба номусро ташкил медиҳад ва баъдан дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ анҷом медиҳад, кирдори содиршуда бояд бо қоидаҳои маҷмуи ҷиноятҳо баҳогузорӣ гардад.

Дар чунин мавридҳо, амалҳои шахси гунаҳгор бояд алоҳида тибқи м.138 КҶ ҶТ ҳамчун таҷовуз ба номус ва тибқи м. 139 КҶ ҶТ ҳамчун ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бандубаст карда шаванд. Дар айни замон, фосилаи вақти байни содир гардидани ин кирдорҳо аҳаммияти ҳалкунанда надорад ва худ аз худ ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад, ҳатто агар чунин ҳаракатҳо бевосита пайи ҳам анҷом ёбанд.

Таркиби мустақили дигари ҷиноятҳои ҷинсӣ – маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ мебошад, ки дар м. 140 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин таркиб, аз як ҷониб, бо таҷовузи ҷинсии зӯроваронае, ки қаблан баррасӣ гардиданд, монандии муайян дорад, аммо аз ҷониби дигар, дорои аломатҳои махсус мебошад, ки имкон

медиҳанд онро аз таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ дақиқ фарқ намоем.

Тибқи модели қонунгузорие, ки дар қ. 1 м. 140 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, «маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ дар таъсири қасдонаи шахси гунаҳгор ба ҷабрдида бо мақсади водор намудани ӯ ба анҷом додани ҳаракатҳои муайяни шаҳвонӣ ифода меёбад» [10]. Ба чунин ҳаракатҳо дохил мешаванд: алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё анҷом додани дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки ба шаклҳои номбурда маҳдуд намешаванд.

Ҳамин тариқ, хусусияти таркиби маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ на он қадар дар шакли ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонии содиршаванда, балки пеш аз ҳама дар усули таъсир ба ҷабрдида ва хусусияти ҷалби ӯ ба чунин рафтор ифода меёбад. Маҳз ин ҳолат ба таркиби мазкур мазмуни мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида, зарурати бандубасти ҷудогонаи онро асоснок месозад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятӣ маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвониро ҳамчун шакли махсуси таъсири ғайриқонунӣ ба ҷабрдида арзёбӣ менамояд, ки бо татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ, зӯроварии равонӣ дар шакли таҳдиди истифодаи он, ё истифодаи ҳолати оҷизонаи ҷабрдида алоқаманд нест. Моҳияти ин ҷиноят дар таъсири маҷбурии ҳадафноки шахси гунаҳгор ифода меёбад, ки ба моил гардондан ё маҷбур сохтани ҷабрдида ба содир намудани яке аз ҳаракатҳои шаҳвонии дар қонун пешбинишуда равона шудааст.

Хусусияти муҳимми сохтори қонунгузории таркиби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он аломатҳои ҳатмии тарафи объективӣ – усули содир намудани ҷиноят мустақиман муқаррар шудаанд. Ин усулҳо ба таври номгӯй дар диспозитсияи меъёри дахлдори ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нишон дода шудаанд ва аз ҷумла иборатанд аз:

– иръоб (шантаж);

– таҳдиди несту нобуд, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулк;
истифода аз тобеияти хизматӣ, молу мулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдида.

Маҳз ҳамин усулҳои таъсир ба таркиби маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ мазмуни мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида, имкон медиҳанд, ки он аз дигар ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ дақиқ фарқ карда шавад.

Меъёри калидии фарқгузорӣ байни чунин ҷиноятҳои шаҳвонӣ, чун таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, маҳз усули содир намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин хусусият ва муҳтавои таъсири татбиқшуда имкон медиҳад, ки ҳудуди ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ байни ин таркибҳо муайян гардида, бандубасти дурусти онҳо дар амалияи татбиқи қонун таъмин карда шавад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии миллӣ холигии ҷиддиро ошкор месозад, ки ба набудани таърифи меъёрии мафҳуми «иръоб (шантаж)» вобаста мебошад. Дар ҳолате ки ин усули содир намудани ҷиноят аз ҷониби қонунгузор ба таври васеъ истифода шуда, дар як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, аз ҷумла дар таркибҳои вобаста ба маҷбур кардан ба додани нишондод, иғвои ришва ё порадиҳӣ, инчунин маҷбур кардан ба додани нишондод мустаҳкам гардидааст, мазмуни ҳуқуқии он на дар КҶ ҶТ ва на дар шарҳҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда нашудааст.

Чунин вазъият аз нигоҳи методологӣ асоснок нест ва ба фаҳмиши ягона ва татбиқи яксони қонуни ҷиноятӣ халал мерасонад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аксаран чунин мавқеъ иброз мегардад, ки таҳти шантаж бояд таҳдиди паҳн намудани маълумоте фаҳмида шавад, ки метавонад дар ҳар шакл шараф ва обрӯи ҷабрдидаро

коста гардонад, ӯро дар ҳолати номусоид қарор диҳад ё ошкор гардидани онҳо боиси вайрон шудани ҷараёни муқаррарии зиндагии минбаъдаи ӯ гардад [51, с. 292].

Бо вуҷуди ин, нуқтаи назари бештар асоснок ва аҳаммияти амалӣ дошта, он аст, ки ба формулаи қонунгузорӣ, ки дар қ. 1 м. 250 КҶ ҶТ тамаъҷуӣ) мустаҳкам шудааст, такя карда шавад. Тибқи ин тариф, иръоб (шантаж) дар «таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ифода меёбад» [10].

Яке аз нишонаҳои дигари тарафи объективии таркиби ҷинояти мавриди таҳлил зӯроварии руҳӣ мебошад, аммо дар ин ҳолат он на дар шакли таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, балки дар шакли таъсири молумулкӣ ифода меёбад. Сухан дар бораи таҳдиди расонидани зарари моддӣ тавассути несту нобуд кардан, вайрон кардан ё ғайриқонунӣ аз они худ гардонидани молу мулки ҷабрдида меравад. Чунин шаклҳои таъсир дорои дараҷаи баланди маҷбуркунӣ буда, метавонанд ба озодии ифодаи иродаи ҷабрдида таъсири ҷиддӣ расонанд.

Дар доираи таркиби ҷинояти мавриди таҳлил, таҳдиди расонидани зарари моддӣ тавассути несту нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк, инчунин ғайриқонунӣ аз они худ гардонидани он, шакли зӯроварии равонӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби шахси гунаҳгор нисбат ба ҷабрдида татбиқ мегардад. Бо дарназардошти он ки молу мулк яке аз шартҳои муҳимми таъмини фаъолияти муътадили зиндагии инсон мебошад, таҳдид ба неъматҳои молумулкӣ қобилияти расонидани таъсири маҷбуркунандаи равонии назаррасро дорад ва ба ин васила ҷабрдида метавонад бархилофи иродаи худ ба содир намудани ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ водор гардад.

Дар ҳолати амалӣ гардидани воқеии таҳдиди расонидани зарари молумулкӣ, кирдорҳои шахси гунаҳгор бояд баҳои мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ гирифта, аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо тибқи м.м. 140 ва 255 КҶ ҶТ бандубаст шаванд. Дар ин сурат, фосилаи вақт байни лаҳзаи изҳори таҳдид ва иҷрои он аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надошта, ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад.

Нуқтаи назари монанд дар ҳолатҳое низ татбиқ мегардад, ки ҳангоми маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ шахси гунаҳгор ба таҳдиди истифодаи шаклҳои шадиди зӯроварии ҷисмонӣ, аз ҷумла ба марг ё зарари вазнин ба саломатӣ расонидан, муроҷиат менамояд. Дар чунин ҳолатҳо ҷавобгарӣ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо тибқи м.140 ва 120 КҶ ҶТ фаро мерасад.

Ба таҳдидҳои истифодаи шаклҳои зикршудаи зӯроварӣ баҳои дигар дода мешавад, агар онҳо ҳангоми таҷовуз ба номус ё ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ истифода шаванд. Дар чунин вазъиятҳо ин таҳдидҳо бо аломатҳои вазнинкунандаи таркибҳои мазкур фаро гирифта шуда, кирдор танҳо мутобиқи м. 138 КҶ ҶТ ё банди «в» қ. м.139 КҶ ҶТ бе татбиқи иловагии дигар моддаҳо бандубаст мегардад,

Аломати дигари тарафи объективии таркиби ҷинояти баррасишаванда истифодаи вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида мебошад. Қобили зикр аст, ки аломати ҳаммонанди табиати ҳуқуқӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ низ мавҷуд буда, ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф шудааст. Аз ҷумла, банди «ж» қ.1 моддаи 62 КҶ ҶТ содир намудани ҷиноятро нисбат ба шахсе, ки дар вобастагии гунаҳгор қарор дорад, ба чунин ҳолатҳо мансуб медонад.

Дар меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ муқаррар менамояд, истифодаи вобастагии ҷабрдида ҳамчунин ҳамчун усули мустақили содир намудани ҷиноят баромад мекунад ва дар баробари дигар шаклҳои таъсири

ғайриқонунӣ ҷой дорад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур, мазмуни ин аломат дар иртибот ба тарафи объективии таркиби ҷинояти мавриди таҳлил дорои аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамзамон таъкид бояд намуд, ки худи мавҷудияти вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари як шахс аз шахси дигар ба танҳоӣ ҳанӯз таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад ва боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ намегардад. Мавҷудияти вобастагӣ имкони ифодаи ихтиёрии иродаи ҷабрдидаро истисно намекунад ва маънои манъи худкоронаи ҳар гуна пешниҳодҳои дорои хусусияти шаҳвониро надорад. Аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии ин аломат танҳо дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки вобастагӣ аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳамчун воситаи фишор истифода шуда, ба пахш намудани озодии иродаи ҷабрдида ва маҷбур сохтани ӯ ба анҷом додани ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ равона гардад.

Манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо ба ҳолатҳое дахл дорад, ки вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида ба сифати воситаи маҷбуркунӣ барои ворид шудан ба муносибатҳои шаҳвонӣ истифода мешавад. Чунин истифодаи вобастагӣ мавҷудияти қасди бевоситаи шахси гунаҳгорро дар назар дорад, ки ба маҳдуд намудани озодии иродаи ҷабрдида ва маҳрум сохтани ӯ аз имконияти воқеии рад намудани ҳаракати шаҳвонӣ нигаронида шудааст.

Худи далели пешниҳоди ворид шудан ба муносибатҳои шаҳвонӣ ба шахсе, ки дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар қарор дорад, дар сурати мавҷуд набудани унсурҳои маҷбуркунӣ, ки бо истисмори чунин вобастагӣ ё таҳдиди оқибатҳои номатлуб алоқаманданд, аломатҳои таркиби ҷинояти маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвониро ташкил намедиҳад. Дар маънои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вобастагӣ танҳо дар он сурат аҳаммият пайдо мекунад, ки он аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳамчун усули фишор, ҳамроҳ бо таҳдиди фаро расидани

оқибатҳои номатлуби моддӣ ё дигар, ки аз мавқеи вобастагии ҷабрдида бармеоянд, истифода карда шавад.

Истифодаи вобастагии хизматӣ ё молумулкӣ маънои таҳдиди анҷом додани амалҳои муайян нисбат ба шахси вобастаро дорад, ки ба вайрон гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ оварда мерасонанд. Ба чунин амалҳо, аз ҷумла, кам кардани музди меҳнат, аз кор озод намудан, эҷоди монеаҳо барои пешрафти касбӣ ё таҳсилот, маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, ҷалби ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дигар чораҳои монанд мансуб мебошанд.

Таҳдид метавонад ҳам дар шакли ошкоро ифода ёбад ва ҳам аз худи вазъияте, ки ҷабрдида дар он қарор дорад, барояд. Барои эътироф намудани кирдор ҳамчун ҷиноят, зарур аст, ки на танҳо далели мавҷудияти вобастагӣ ва далели анҷом додани ҳаракати шаҳвонӣ, балки ҳамчунин истифода шудани чунин вобастагӣ ҳамчун воситаи маҷбуркунӣ нисбат ба ҷабрдида муайян карда шавад. Аз ин рӯ, агар як шахс аз шахси дигар вобаста бошад, аммо миёни онҳо бидуни ҳар гуна маҷбуркунӣ муносибатҳои шаҳвонӣ барқарор гардад, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ин ҳолат ба вуҷуд намеояд» [51, с. 293].

Таъсири равонӣ, ки ҳамчун аломати тарафи объективии маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ баромад мекунад, аз рӯйи мазмун ва дараҷаи таъсир ба таври ҷиддӣ аз усулҳои таъсире фарқ менамояд, ки барои таҷовузҳои ҷинсии зӯроварона хос мебошанд. Дар ҳолати охирин, фишор ба иродаи ҷабрдида дорои хусусияти хеле шадидтар мебошад, зеро саркашӣ аз итоат ба иродаи ҷиноятии шахси гунаҳкор метавонад ба истифодаи воқеии зӯроварии ҷисмонӣ ва ба фаро расидани оқибатҳои вазнин оварда расонад. Илова бар ин, истифодаи зӯроварӣ қодир аст ҷабрдидаро комилан аз имконияти ҷисмонии канорагирӣ аз анҷом додани ҳаракатҳои шаҳвонӣ маҳрум созад.

Бо ҳамин асос, хусусиятҳои бандубасти ҷиноятии зӯроварии шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, пеш аз ҳама, бо тафовут дар аломатҳои тарафи объективии таркибҳои дахлдори ҷиноят муайян карда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ бо далел нишон дода мешавад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ миёни ин ҷиноятҳо маҳз усули маҷбуркунӣ мебошад. Нисбат ба м. 140 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери мафҳуми маҷбурнамоӣ он ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки шахси гунаҳгор яке аз усулҳои зеринро истифода менамояд:

– шантаж;

– таҳдиди расонидани зарари молумулкӣ;

– ё истифодаи вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида.

Усулҳои дигари ба даст овардани ризоият барои анҷом додани ҳаракатҳои шаҳвонӣ, аз қабили ваъдаи бастани ақди никоҳ, беҳтар намудани вазъи молиявӣ ё баланд бардоштани мақоми касбӣ, бо аломатҳои таркиби ҷинояти мавриди баррасӣ фаро гирифта намешаванд. Дар чунин ҳолатҳо унсурҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавҷуд нестанд ва аз ин рӯ, ризоияте, ки дар натиҷаи созишҳои мутақобилан судманд ё ваъдаи додани манфиатҳои моддӣ ба даст омадааст, боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии фарқияти байни таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди шаҳвонӣ метавон ба хулосаҳои зерин омад:

Таҷовуз ба номус дар содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо ҷабрдида бархилофи иродаи ӯ ифода меёбад. Дар маънои физиологӣ сухан дар бораи алоқаи ҷинсии гетеросексуалӣ меравад, ки бо шахси ҷинси зан анҷом дода мешавад. Ин ҳолат аломати асосии фарқкунанда буда, таҷовуз ба номусро аз дигар шаклҳои таҷовузи шаҳвонӣ ҷудо менамояд. Фарқгузорӣ байни таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои

хусусияти шаҳвонӣ аз рӯйи се унсури калидии таркиби ҷиноят амалӣ мегардад: объекти ҷиноят, тарафи объективӣ, субъекти ҷиноят.

Бархилофи таҷовуз ба номус, ки объекти он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии танҳо шахси ҷинси занро таъмин менамоянд, таркибе, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсони ҳар ду ҷинс ҳифз мекунад. Ин фарқият дорои хусусияти консептуалӣ буда, ҳангоми фарқгузории ин ҷиноятҳо бояд ҳатман ба назар гирифта шавад.

Маҳз ба инобат гирифтани маҷмуи ин унсурҳо имкон медиҳад, ки ба кирдори содиршуда баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда, иштибоҳҳо дар бандубасти ҷиноят пешгирӣ карда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки шахси гунаҳгор нисбат ба як ҷабрдида пайдарпай аввал таҷовуз ба номус (алоқаи ҷинсии маҷбурӣ дар шакли муқаррарии физиологӣ) ва баъдан дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ содир менамояд, кирдори содиршуда бояд тибқи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Хусусиятҳои бандубасти таҷовуз ба номус ва маҷбур кардан ба ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, пеш аз ҳама, бо фарқият дар аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноятҳо вобаста мебошанд. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок таъкид мегардад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ байни ин ҷиноятҳо усули маҷбуркунӣ ба ҳисоб меравад.

# ХУЛОСА

Дар диссертатсия як қатор хулосаҳо пешниҳод гардидаанд, ки марҳилаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, моҳияти натиҷаҳои илмиро инъикос менамоянд.

1. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии принсипҳои умумии таҳқиқи дахлнопазирии ҷинсии шахсият ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ хулосаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

1.1. Дар илми ҳуқуқшиносӣ то имрӯз як қатор масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мемонанд, ки ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ ва таҳияи чораҳои самараноки муқовимат ба онҳо вобаста мебошанд. Тавсифи ин ҷиноятҳо қариб ки дар ҷанбаи институтсионалӣ бо истифода аз аломатҳои институтсозандаи объекти бевоситаи таҷовуз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Илова бар ин, низоми таркибҳои ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарар мерасонанд, то ҳол таърифи ҳамаҷонибаи илмӣ нагирифтааст.

1.2. Таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда имкон дод, ки чунин хулосаҳо баён карда шаванд:

– рушди танзими ҳуқуқии таҷовузҳо ба дахлнопазирии ҷинсӣ бо набудани фаҳмиши устувори доктриналӣ оид ба мазмуни ин мафҳум, инчунин бо номуайян будани доираи кирдорҳое, ки ин объекти ҳифзи ҳуқуқиро вайрон мекунанд, тавсиф меёбад.

1.3. Таҳлили дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи омодагӣ ба ворид намудани стандартҳои байналмилалӣ оид ба танзими таҷовузҳои барои ҷамъият хавфнок ба дахлнопазирии шахсият ба қонунгузории миллии ҷиноятӣ қарор дорад. Бо дарназардошти ин, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама кишварҳои аврупоӣ,

ки дар онҳо чунин стандартҳо ба таври пайгирона татбиқ шудаанд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад [2-М].

2. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии масъалаҳои марбут ба фаҳмиши дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ хулосаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

2.1. Мавқеи илмӣ асоснок дониста шуд, ки тибқи он объекти ҷиноят ҳамчун низоми муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад.

2.2. Шахсоне, ки бинобар сабабҳои гуногун дар ҳолати нотавонӣ қарор доранд, имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсиро надоранд.

2.3. Дар заминаи таносуби озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, озодии ҷинсӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи маҷмуи ҳуқуқҳо ва озодиҳои табиии инсон баррасӣ мегардад.

2.4. Дар ҳолати оҷизии шахс, дар бораи озодии ҷинсии ӯ умуман сухан рафта наметавонад. Шахсе, ки бинобар сабабҳои муайян имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсии худро надорад, бояд ҳамчун дорои дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ гардад, зеро дар чунин шароит ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии шахсии худро дар маҷмуъ ва бахусус ҷанбаи ҷинсии онро дорад.

2.5. Таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсӣ пешниҳод гардидааст, ки он ҳамчун манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе фаҳмида мешавад, ки ҳанӯз озодии ҷинсиро ба даст наовардааст ё имконияти амалӣ намудани онро аз даст додааст.

2.6. Таърифи ҷамъбастии ҷабрдида аз ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовуз мекунанд, пешниҳод гардидааст. Зери ин мафҳум шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки бинобар синну сол, ҳолати саломатӣ ё вазъи оҷизӣ қобилияти қабули қарорҳои огоҳона дар соҳаи озодии ҷинсӣ ва изҳори ризоият барои ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсиро надорад ва аз ин рӯ, таҳти ҳифзи низоми

дахлнопазирии ҷинсӣ қарор мегирад, ки ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии ӯро истисно менамояд.

2.7. Муайян карда шудааст, ки механизми расонидани зарар ба объекти ҷиноят – дахлнопазирии ҷинсӣ метавонад дар самтҳои зерин амалӣ гардад:

Якум, гунаҳгор метавонад ба: а) худи шахс; б) объектҳои моддӣ ашё), ки муносибатҳои дахлдор бо онҳо алоқамананд, таъсир расонад.

Дуюм, механизми расонидани зарар метавонад дар шакли вайрон гардидани робитаи иҷтимоӣ зоҳир гардад, ки дар он гунаҳгор муносибатҳои ҷамъиятиро тавассути: а) тағйир додани мақоми иҷтимоии худ; б) тағйир додани мақоми иҷтимоии иштирокчии дигар; в) иҷро накардани уҳдадориҳои ба ӯҳдааш гузошташуда вайрон менамояд [1-М].

3. Баррасии тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовузҳо ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият имкон дод, ки хулосаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

3.1. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳлили чунин таҷовузҳоро бо истифода аз сохтори классикии таркиби ҷиноят, ки барои ҳуқуқи ҷиноятӣ хос аст, пешбинӣ менамояд.

3.2. Барои ҳалли масъалаҳои мавриди баррасӣ мушкилоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд. Яке аз чунин масъалаҳо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии таҷовузҳои дахлдор мебошад, ки мазмуни он бо хусусияти оқибатҳои ҷиноятҳо, инчунин бо ҳолати оҷизии ҷабрдида робитаи зич дорад.

3.3. Дар таҳқиқот таҳлили пешниҳодҳое, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ вобаста ба тағйир додани муқаррароти меъёрии ҷиноятҳои дахлдор баён гардидаанд, инчунин баррасии лоиҳаҳои қонунгузорӣ, ки ба таҷовузҳо ба дахлнопазирии ҷинсӣ марбут мебошанд, анҷом дода шудааст [3-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Қисми якуми моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«1) Таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба шахс ё наздикони ӯ, ё бо истифода аз ҳолати нотавонии чунин шахс» [3-М].

2. Пешниҳод мегардад, ки қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз калимаҳои «…занро,» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод дода шуда, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ мегардад» [3-М].

3. Пешниҳод мегардад, ки қисми 1 моддаи 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз калимаҳои «…ҷабрдида (ҷабрдида),» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ (ё ӯ), ки ба таври озод дода шуда, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ мегардад» [4-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137.

[2]. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1954. – № 11.

[3]. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1962. – №8. – Ст. 84.

[4]. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1980. – №19. – Ст. 348.

[5]. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1962. – №19. – Ст. 149

[6]. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1980. – №12. –Ст. 123.

[7]. Кодекс КР от 28 октября 2021 года № 127 «Уголовный кодекс Кыргызской Республики» // газета «Эркин-Тоо». – 2021. – № 127.

[8]. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.10.2025 г.) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // continent-online.com /Document/?doc _id =30414984 (д ата обращения: 10.11.2025)

[9]. Уголовный кодекс Республики Казахстан (с изменениями и дополнениями по состоянию на 16.09.2025 г.) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // online.z akon.k z/Doc ument/? doc_id=31575252&pos=5;-106#pos=5;-106: (дата обращения: 10.12.2025)

[10]. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г. № 574 (с изм. и доп. по состоянию на 07.08.2020) // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. URL: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http: // ncz.tj / content / уголовный-кодексреспублики-таджикистан (дата обращения: 20.11.2023).

[11]. Уголовный кодекс Российской Федерации» от 13.06.1996 – №63-ФЗ (ред. от 17.11.2025) // Собрание законодательства РФ»,

17.06.1996. – № 25. – ст. 2954

[12]. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, 1972. – 172 с.

[13]. Уголовный кодекс Узб ССР 1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – № 11. – 12. – Ст. 54.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[14]. Авдеев, М.И. Курс судебной медицины [Текст] / М.И. Авдеев. – М.: Юриздат, 1959. – 711 с.

[15]. Актуальные проблемы уголовного права. Часть Особенная: учебник для магистров [Текст] / под редакцией Л.В. Иногамовой-Хегай. – М.: Проспект, 2021. – 224 с.

[16]. Байбарин, А.А., Гребеньков, А.А. Половые преступления: учебное пособие [Текст] / А.А. Байбарин, А.А. Гребеньков. – Курск, 2013. – 110 с.

[17]. Блиндер, Б.А. Уголовно-правовая охрана свободы и достоинства женщины [Текст] / Б.А. Блиндер. – Ташкент: изд-во Ташкентского гос. ун-та им. В.И. Ленина, 1970. – 182 с.

[18]. Бродченко, О.И., Логунова О.А. Использование психологических знаний о личности преступника при раскрытии серийных сексуальных преступлений [Текст]: пособие / О.И. Бродченко, О.А. Логунова; М-во внутренних дел Российской Федерации, Гос. учреждение «Всероссийский науч.-исследовательский ин-т». – М.: ВНИИ МВД России, 2007. – 100 с.

[19]. Гаффорова, Н.А., Гусейнов С.Х. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть) [Текст]: понятия в схемах Н.А. Гаффорова, С.Х. Гусейнов. – Худжанд: Ношир, 2011. – 249 с.

[20]. Дагель, П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление [Текст] / П.С. Дагель, Д.П. Котов. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – 243 с.

[21]. Дерягин, Г.Б. Криминальная сексология: курс лекций для юридических факультетов [Текст] / Г.Б. Дерягин. – М.: Московский ун-т МВД России; Изд-во «Щит-М», 2008. – 552 с.

[22]. Европейский Суд по правам человека. Избранные решения: в 2 т. Т. 1 [Текст] / председатель редакционной коллегии доктор юридических наук, профессор В.А. Туманов. М.: Изд-во НОРМА, 2001. – 802 с.

[23]. Есаков, Г.А., Рарог А.И., Чучаев А.И. Настольная книга судьи по уголовным делам [Текст] / под ред. А.И. Чучаева. – Москва: Юрайт, 2010. – 235 с.

[24]. Жижиленко, А.А. Преступления против личности [Текст] / А.А. Жижиленко. – М-Л.: Государственное издательство, 1927. – 140 с.

[25]. Жижиленко, А.А., Оршанский Л.Г. Половые преступления [Текст] / А.А. Жижиленко, Л.Г. Оршанский. – Л.: Изд-во «Рабочий суд», 1927. – 112 с.

[26]. Змиев, Б.Н. Уголовное право. Часть Особенная. Вып.1 [Текст] / Б.Н. Змиев. – Казань, 1923. – 148 с.

[27]. Зубкова, В.И. Ответственность за преступления против личности по законодательству России [Текст]: учебное пособие / В.И. Зубкова. – М., 2005. – 256 с.

[28]. Игнатов, А.Н. Квалификация половых преступлений [Текст] / А.Н. Игнатов. – М.: Юрид. лит., 1974. – 255 с.

[29]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / К.А. Барышева, Ю В. Грачева, Р.О. Долотов и др.; под ред. Г.А. Есакова. 9-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2021. – 816 с.

[30]. Кондрашова, Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности [Текст] / Т.В. Кондрашова. – Екатеринбург: Гуманитарный университет, 2000. – 347 с.

[31]. Коновалов, Н.Н. Виктимологическая характеристика изнасилования [Текст]: монография / Н.Н. Коновалов. – Ставрополь: Сервисшкола, 2005. – 102 с.

[32]. Красиков, А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России [Текст] / А.Н. Красиков. – Саратов: Полиграфист, 1996. – 211 с.

[33]. Кругликов, Л.Л. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под ред. Л.Л. Кругликова. – М., 2005. – 368 с.

[34]. Кругликов, Л.Л. Уголовное право России. Часть Особенная [Текст]: учебное пособие / Л.Л. Кругликов. – М., 2014. – 816 с.

[35]. Крукс, Р., Баур К. Сексуальность [Текст] / Р. Крукс, К. Баур. – М.: Прайм-Еврознак, 2005. – 475 с.

[36]. Люблинский, П.И. Преступления в области половых отношений [Текст] / П.И. Люблинский. – М.: Изд-во Л.Д. Френкель, 1925. – 246 с.

[37]. Мельников, А.Б., Кочубей М.А., Радочинский С.Н. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: Учебник / А.Б. Мельников, М.А. Кочубей, С.Н. Радочинский. – Ростов н/Д., 2001. – 380 с.

[38]. Муллаев, М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть) [Текст] / М. Муллаев. – Душанбе, Ирфон,1988. – 426 с.

[39]. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М. Муллаев. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. Ун¬та, 1960. – 159 с.

[40]. Новоселов, Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты [Текст] / Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2001. – 208 с.

[41]. Пионтковский, А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. В 2 т. Т. 1 [Текст] / А.А. Пионтковский, В.Д. Меньшагин. – М., 1953. – 800 с.

[42]. Полный курс уголовного права: в 5 томах [Текст] / под ред. А.И. Коробеева. – СПБ: Изд-во Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. – 1131 с.

[43]. Пушкин, А.В. Уголовно-правовые и криминалистические вопросы насильственных действия сексуального характера [Текст]: учеб. пособие [Текст] / А.В. Пушкин, Н.Г. Шурухнов, И В. Янущенкова. – Москва: Кн. мир, 2004. – 92 с.

[44]. Российское уголовное право: Курс лекций. Т. 3. Преступления против личности [Текст] / под. Ред. А.И. Коробеева. – Владивосток, 2000. – 590 с.

[45]. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – 464 с.

[46]. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1953 - 1991 гг.: Законодательство СССР. Ч. 1 / Сост.: Н.С. Захаров, В.П. Малков; Науч. ред.: В.П. Малков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1992. – 270 с.

[47]. Сташис, В.В., Бажанов М.И. Преступления против личности в УК УССР и судебной практике [Текст] / М.И. Бажанов, В.В.Сташис. – Харьков: Вища шк. Изд-во при Харьк. ун-те, 1981. – 214 с.

[48]. Томина, В.Т., Сверчкова В.В. Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации, - 4-е издание [Текст] / В.Т. Томина, В.В. Сверчкова. – М.: Кнорус, 2007. – 1263 с.

[49]. Уголовное право России в вопросах и ответах [Текст]: учебное пособие / Под ред. В.С. Комиссарова. 3-е изд., пер. и доп. – М: Проспект, 2015. – 424 с.

[50]. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. – 4-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2008. – 1008 с.

[51]. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник: в III томах. Том II / под общей редакцией д.ю.н., доцента Рахимзода Р. Х. – Душанбе, 2023. – 293 с.

[52]. Уголовно-правовые и криминалистические вопросы насильственных действия сексуального характера [Текст]: учеб. пособие / А.В. Пушкин, Н.Г. Шурухнов, ИВ. Янущенкова. – М.: Кн. мир, 2004. – 92 с.

### III. Мақолаҳо ва маърузаҳо:

[53]. Авагян, А.Г. Профилактика семейного насилия в условиях социозащитных учреждений Армении и Поссии [Текст] / А.Г. Авагян // Воспитание и социализация в современной социокультурной среде. – 2019. – С. 539-543.

[54]. Авдалян, А.Я. Преступления против половой неприкосновенности несовершеннолетних: законодательная регламентация в странах Азии, Востока и Латинской Америки [Текст] / А.Я. Авдалян // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: История и право. – 2019. – Т.9. №1. – С. 92-100.

[55]. Акопов, Э.М. Уголовно-правовая характеристика и проблемы общественно опасных последствий изнасилования [Текст] / Э.М. Акопов // Вестник Самарского юридического института. – 2020. – №5. – С. 125-128.

[56]. Антонов, А.Н. Некоторые аспекты квалификации и расследования органами международного правосудия сексуального насилия, совершенного в контексте вооруженных конфликтов [Текст] / А.Н. Антонов // Право и государство: теория и практика. – 2023. – №7. – С. 327-329.

[57]. Бартенев, Д.С. Запрет дискриминации: практический обзор подходов Европейского суда по правам человека [Текст] / Д.С. Бартенев // Международное правосудие. – 2019. – №1. – С. 43-66.

[58]. Блинков, А.А. Особая жестокость как признак состава преступления [Текст] / А.А. Блинков // Актуальные проблемы российского права и законодательства. – 2023. – С. 164-166.

[59]. Горбачев, М.А. Личностные особенности преступников, совершающих преступления в сексуальной сфере [Текст] / М.А. Горбачев // Российский криминологический взгляд. – 2015. – №2(42). – С. 593-597.

[60]. Гусарова, М.В. Особенности квалификации преступлений против половой неприкосновенности и половой свободы личности, обусловленные примечанием к статье 131 УК РФ [Текст] / М.В. Гусарова // Lex Russica. – 2023. – Т.76. – №5. – С. 111-119.

[61]. Давтян, Д.В. Классификация видов беспомощного состояния потерпевшего [Текст] / Д.В. Давтян // Вестник экономики, права и социологии. – 2019. – №2. – С. 50-53.

[62]. Дядюн, К.В. Понуждение к действиям сексуального характера: проблемы толкования и применения состава [Текст] / Д.В. Давтян // Lex Russica. – 2021. – №9. – С. 54-66.

[63]. Коньшин, С.П. Изнасилование при наличии особо квалифицированных признаков [Текст] / С.П. Коньшин // Научное Образование. – 2020. – №. 3. – С. 445-448.

[64]. Костина, Н.В. Изнасилование: сравнительный анализ российского и зарубежного законодательств [Текст] / Н.В. Костина // Наука. Общество. Государство. – 2019. – Т7. – №3. – С.79-84.

[65]. Крюков, А.В. Проблемы при квалификации преступлений против половой неприкосновенности и половой свободы личности [Текст] / А.В. Крюков // Юридическая наука. – 2022. – №10. – С. 85-88.

[66]. Кушнаренко, О.Е. Особенности посягательств на половую неприкосновенность несовершеннолетних: уголовно-правовой и нравственный аспекты [Текст] / О.Е. Кушнаренко // Юридическая наука: история и современность. – 2021. – №9. – С. 130-141.

[67]. Липинска-Жешутек, М. Роль боснийских женщин в признании массовых изнасилований военным преступлением [Текст] / М.

Липинска-Жешутек // Женщины во власти, бизнесе, науке и культуре. – 2021. – С. 80-83.

[68]. Магомедов, Г.Б. Проблемы международно-правового регулирования гендерного равенства в международных институтах. Часть 1 [Текст] / Г.Б. Магомедов // Право и государство: теория и практика. – 2021. – №4. – С. 252-255.

[69]. Майданович, Н.В. Проблема объектов половых преступлений в Уложении о наказаниях уголовных и исправительных 1845 г [Текст] / Н.В. Майданович // Сибирский юридический вестник. – 2015. – №1. – С. 24-30.

[70]. Мухамеджанова, Л. Гендерные вопросы. Нравственность и рациональность обычного поведения и мотивации женщин и мужчин [Текст] / Л. Мухамеджанова // Miasto Przyszłości. – 2023. – Т. 39. – С. 5-12.

[71]. Новиков, С.С. Православная церковь Косово и албанский экстремизм [Текст] / С.С. Новиков //Актуальные проблемы публичного права. – 2020. – С. 289-295.

[72]. Парада, С.С. Вопросы квалификации группового изнасилования [Текст] / С.С. Парада // Судебная система России на современном этапе общественного развития. – 2020. – С. 174-178.

[73]. Поддубная, Е.В. Противоречия в понимании объекта изнасилования и насильственных действий сексуального характера [Текст] / Е.В. Поддубная // Актуальные проблемы российского права. – 2007. – № 2. – С. 344-350.

[74]. Позднышева, Ю.А. Половые преступления, совершенные родственниками или иными близкими лицами, как особо квалифицированные составы [Текст] / Ю.А. Позднышева // юриспруденция в теории и на практике: актуальные вопросы. – 2021. – С. 48-53.

[75]. Рыжов, В.Б. Взаимодействие государств-участников Европейского Союза в борьбе с сексуальной эксплуатацией детей и

детской порнографией [Текст] / В.Б. Рыжов // Международное право и международные организации. – 2021. – №2. – С. 77-91.

[76]. Савельева, М.В. Проблемы предварительного расследования преступлений в сфере компьютерной информации [Текст] / М.В. Савельева // Евразийское Научное Объединение. – 2020. – №1. – С. 141-143.

[77]. Санташов, А.Л. Зарубежный опыт правовой регламентации ответственности несовершеннолетних, совершивших преступление [Текст] / А.Л. Санташов // Ius Publicum et Privatum. – 2020. – №5. – С.55-60.

[78]. Сборник законодательства СССР. – 1935. – № 19. – С. 155-460.

[79]. Сейтакова, Б.М. Криминологическая характеристика лиц, совершивших насильственные преступления сексуального характера в отношении несовершеннолетних [Текст] / Б.М. Сейтакова // Деятельность правоохранительных органов в современных условиях. – 2020. – С. 122-128.

[80]. Семченко, Л.Г. Вопросы разграничения и квалификации изнасилования и насильственных действий сексуального характера [Текст] / Л.Г. Семченко // Право в современном мире. – 2020. – С. 154-157.

[81]. Серебренникова, М.С. Проблемы квалификации склонения к совершению самоубийства и содействия совершению самоубийства [Текст] / М.С. Серебренникова // Научные труды. Российская академия юридических наук. – 2023. – С. 704-708.

[82]. Серскова, А.Г. Проблемы квалификации изнасилования [Текст] / А.Г. Серскова // Наука. Общество. Государство. – 2020. – Т. 8. №4. – С. 132-138.

[83]. Ситникова, А.И. Посягательство на жизнь мнимо беременной женщины [Текст] / А.И. Ситникова // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2022. – №1. – С. 104-108.

[84]. Собрание узаконений. – 1923. – № 48. – С. 875-896

[85]. Соколова, А.В. Проблемы законодательного совершенствования уголовно-правового регулирования семейно-бытового насилия [Текст] / А.В. Соколова // Вестник Академии Следственного комитета Российской Федерации. – 2021. – №. 1. – С. 76-80.

[86]. Соломоненко, И.С. Насильственные действия сексуального характера [Текст] / И.С. Соломенко // Российская юстиция. – 2001. – № 8. – С. 64-65.

[87]. Таусинова, О.К. Причины и последствия насилия в отношении женщин [Текст] / О.К. Таусинова //Личность в меняющемся мире: здоровье, адаптация, развитие. – 2022. – Т.10. – №1. – С. 93-101.

[88]. Теймуршахов, Т.Н. Потерпевшие по делам об изнасиловании [Текст] / Т.Н. Теймуршахов // Пробелы в российском законодательстве. – 2016. – №3. – С. 263-266

[89]. Тыдыкова, Н.В. Сравнительно-правовой анализ норм, предусматривающих уголовную ответственность за половые преступления в РФ и некоторых европейских странах [Текст] / Н.В. Тыдыкова // Российско-азиатский правовой журнал. – 2019. – №4. – С. 54-58.

[90]. Тяжкова, И.М. Некоторые вопросы квалификации уничтожения и повреждения имущества и иных предметов [Текст] / И.М. тяжкова // Вестн. Моск. ун-та. – 2006. – № 1. – С. 4-5.

[91]. Чакиев, М.А. Анализ зарубежного опыта по предупреждению преступности в отношении инвалидов [Текст] / М.А. Чакиев // Научное обеспечение раскрытия, расследования и предупреждения преступлений. – 2023. – С. 221-226.

[92]. Шарифзода, П.Р. Общая характеристика уголовной и административной ответственности за правонарушения в области насилия в семье в Республике Таджикистан [Текст] / П.Р. Шарифзода // Актуальные проблемы уголовного права, криминологии, уголовного

процесса и уголовно-исполнительного права: теория и практика. – 2021. – С. 328-339.

[93]. Шастина, А.Р. Перспективы европейского прецедентного права в России: к вопросу о правовых позициях ЕСПЧ [Текст] / А.Р. Шастина // Право и государство: теория и практика. – 2023. – №8. – С. 171-173.

[94]. Шеваловская, А.А., Луговенко Т.П. Актуальные проблемы совершенствования уголовно-правовых норм, регламентирующих ответственность за преступления против половой неприкосновенности несовершеннолетних [Текст] / А.А. Шеваловская, Т.П. Луговенко // Мировые научные парадигмы в цифровую эпоху: взгляд в будущее. – 2022. – С. 297-305.

[95]. Шмыков, Д.В. Научный взгляд на определение «порнографи» и «порнографических материалов» [Текст] / Д.В. Шмыков // Пенитенциарная система и общество: опыт взаимодействия. – 2019. – С. 86-89.

[96]. Ященко А.С. К вопросу о дефинициях терминов «изнасилование» и «насильственные действия сексуального характера» и их соотношение [Текст] / А.С. Ященко // Вестник Брянского государственного университета. – 2015. – № 1. – С. 203-206.

**IV. Диссертатсия ва авторефератҳо:**

[97]. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис ... д-ра. юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[98]. Алистратова, О. Политика противодействия торговле людьми на примере Республики Молдова и Европейского союза [Текст]: дис. ... д-ра. политич. наук: 561. 01 / Алистратова Оксана. – КИШИНЭУ. – 2021. – 195 с.

[99]. Асланян, С.Г. Обеспечение гендерного равенства посредством уголовно-правовых норм [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Асланян Сурен Георгиевич. – Краснодар. 2019. – 255 с.

[100]. Донец, С.П. Смягчающие и отягчающие обстоятельства в уголовном праве: Правовая природа, классификация, проблемы учета [Текст]: дис. ... канд. юридич. наук: 12.00.08 / Донец Сергей Петрович. – Казань. – 2003. – 223 с.

[101]. Дыдо, А. В. Изнасилование: Проблемы уголовно-правовой квалификации [Текст]: автореф. дис. ... кандид. юрид. наук: 12.00.08 / Дыдо Александр Васильевич. – Владивосток, 2006. – 24 с.

[102]. Дыдо, А.В. Изнасилование: Проблемы уголовно-правовой квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Дыдо Александр Васильевич. – Владивосток, 2006. – 214 с.

[103]. Каменева А.Н. Дискуссионные вопросы ответственности за изнасилование по уголовному законодательству Российской Федерации и уголовным законодательствам зарубежных государств [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Каменева Анна Николаевна. – М., 2009. – 208 с.

[104]. Капитунов, А.С. Насильственные половые преступления против несовершеннолетних [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: / Капитунов Артем Сергеевич. – Краснодар, 2006. – 246 с.

[105]. Конорезов, Н.А. Понуждение к действиям сексуального характера: уголовно-правовая характеристика и проблемы квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 5.1.4. / Конорезов Николай Андреевич. – Краснодар, 2022. – 184 с.

[106]. Кочетов, Р.М. Преступления против половой неприкосновенности и половой свободы личности: систематизация и законодательное регулирование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Кочетов Ренат Михайлович. – Чебоксары, 2019. – 203 с.

[107]. Кулаков, А.В. Уголовно-правовой и криминологический аспекты насильственных действий сексуального характера [Текст]: дис. ...

канд. юрид. наук: 12.00.08 / Кулаков Андрей Владимирович. – Рязань, 2004. – 216 с.

[108]. Маслак, С.Н. Насильственные преступления против половой неприкосновенности и половой свободы личности: проблемы уголовно-правового регулирования и квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Маслак Сергей Николаевич. – Краснодар, 2013. – 167 с.

[109]. Мотин, А.В. Квалификация преступлений против половой неприкосновенности и половой свободы личности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мотин Анатолий Владимирович. – М., 2019. – 248 с.

[110]. Островецкая, Ю.А. Ненасильственные сексуальные посягательства в отношении несовершеннолетних: уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Островецкая Юлия Анатольевна. – Екатеринбург, 2017. – 193 с.

[111]. Пилипенко, С.П. Институт обстоятельств, отягчающих наказание, в уголовном законодательстве: теоретико-прикладной анализ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Пилипенко Светлана Павловна. – Нижний Новгород, 2007. – 175 с.

[112]. Поддубная, Е.В. Изнасилование и насильственные действия сексуального характера: уголовно-правовая характеристика и квалификация [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. 12.00.08 / Поддубная Екатерина Валерьевна. – М., 2008. – 24 с.

[113]. Рашад, М.П. Уголовная ответственность за изнасилование [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Полковников Рашад Михайлович. – М., 2010. – 31 с.

[114]. Сергеев, В.В. Соисполнительство по советскому уголовному праву [Текст]: автореф. дис. ….канд. юрид. наук: 12.00.00 / Сергеев Валерий Васильевич. – М., 1972. – 17 с.

[115]. Скрипова И.И. Преступления против половой неприкосновенности несовершеннолетних: компаративное исследование

[Текст]: дис. ... канд. юрид. 12.00.08 / Скрипова Ирина Игоревна. – М., 2021. – 181 с.

[116]. Смирнов, Р.Ю. Дифференциация уголовной ответственности за посягательства на здоровье человека [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Скрипова Ирина Игоревна. – М.., 2013. – 201 с.

[117]. Солодков, И.А. Общественная опасность преступления и ее уголовно-правовое измерение [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Солодков Игорь Александрович. – Саратов, 2013. – 223 с.

[118]. Сотсков, Ф.Н. Общественная опасность деяния в уголовном праве России [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Сотсков Фёдор Николаевич. – М.. 2009. – 176 с.

[119]. Тасаков, С.В. Нравственные основы уголовно-правовых норм, направленных на охрану личности, ее прав, свобод и законных интересов [Текст]: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / Тасаков Сергей Владимирович. – Екатеринбург, 2010. – 51 с.

[120]. Утямишев, А.Б. Уголовная ответственность за насильственные действия сексуального характера, не связанные с изнасилованием [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Утямишев Анфис Булатович. – Владивосток, 2001. – 249 с.

[121]. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоикович. – Душанбе, 2017. – 178 с.

[122]. Хатуев, В.Б. Уголовно-правовая охрана беременных женщин, малолетних, беззащитных и беспомощных лиц и лиц, находящихся в зависимости от виновного [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хатуев Ваха Бухадывович. – М., 2004. – 189 с.

**V. Махзани электронӣ:**

[123]. В Таджикистане к Омбудсмену поступило 10 обращений по поводу насилия над детьми [Электронный ресурс]. – Режим доступа:

https: // asia plustj.info/ru/node/321747? ysclid=lpjecjq6bi515384154 (дата обращения: 10.12.2025)

[124]. В Таджикистане ужесточили наказание за сексуальные домогательства к несовершеннолетним [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // asia plustj.in fo/ru/ne ws/tajikistan/laworder/20231129/v-tadzhikistan e-uzhesto chili-na kazan ie-za-sek sualnie-dom ogatelstva-k-nesovershennoletnim (дата обращения: 10.12.2025)

[125]. Дядюн, К.В. Изнасилование: особенности законодательного подхода стран СНГ // Вопросы современной юриспруденции. 2015. №9 (49). URL: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberlenin ka.ru/ articl e /n/izna silovanie-osobennosti-zakonodatelnogo-podhoda-stran-sng (дата обращения: 10.12.2025).

[126]. Итоговый отчет об обязательных изменениях и положениях законодательства о предупреждении насилия в семье с точки зрения защиты прав женщин и девочек [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tajikistan.un.org/sites/default/files/202012/L.%20Alexandrova%2C%20 %E2%80%9CAnalysis%20on%20amendments%20to%20the%20Law%20on% 20Prevention%20of%20Violence%20in%20the%20Family%20to%20align%20t hose%20with%20CEDAW%20concluding%20%20observations%E2%80%9D %2C%20Russ.%2C%202019%2C%2064%20p%2C%20855%20KB.%2C%20U N%20Women%20within%20UNDP%20pr.pdf (дата обращения: 10.12.2025)

[127]. Постановление Пленума ВС РТ от 25.06.2004 № 4. «О судебной практике по делам о преступлениях против половой неприкосновенности (с изменениями внесенными постановлениями Пленума от 23 июня 2010 года, №16 и от 18 ноября 2013 года, №16) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:/ /sud.tj/uplo ad/documents/ple num/ 2.UD.R U/8 .%2 0%D 0 %9F%D0%BE %D1%81%D1%8 2%D0 %B0%D0%BD%D0%B E%D0%B2%D0%BB%D 0%B5% D0% BD%D0%B8%D0 %B5%20%D0%9F%D0% BB%D0%B5%D 0%BD %D1%83% D0%BC%D0%B 0%20 % D 0%92 %D0% B5%D1%80%D1%85%D0%BE%D0%B2%D0%BD%D0%BE%D0%B3%D0%

BE%20%D0%A1%D1%83%D0%B4%D0%B0%20%D0%BE%D1%82%2025.06.2004%20%E2%84%964.pdf (дата обращения: 10.12.2025)

[128]. Рауфов, Ф.Х. История развития законодательства Республики Таджикистан об ответственности за насильственные действия сексуального характера // Пробелы в российском законодательстве. 2014. №2. URL: (дата обращения: 10.12.2025) https: // cy ber lenink a.ru/ar ticle/n/istoriya-razvitiya-zakonodatelstva-respublik i-tadzhik istan-ob-otvets tvenn osti -za- nasilstven nye- deystviya- seksual nogo-haraktera (дата обращения: 10.12.2025).

[129]. Harmonization of criminal laws needed to stop rape – UN expert. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //www.ohchr .org/en/pre ss-rel eases/20 21/06/ har m onization- criminal-laws-needed-stop-rape-un-expert. (дата обращения: 10.12.2025)

## VI. Таҷрибаи судӣ:

[130]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ № 1 – 466/14// Суди шаҳри Душанбе

[131]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1–383/19 // Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[132]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ №1–565/21 // Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

[133]. Парвандаи ҷиноятӣ таҳтӣ № 1 – 273/14// Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе

[134]. Пленум Верховного Суда СССР Постановление от 25 марта 1964 г. №2 «О судебной практике по делам об изнасиловании»// Сборник постановлений пленума Верховного Суда СССР, 1924-1986 / под общ. ред. Председателя Верховного Суда СССР В. И. Теребилова. М.,1987. С.615.

[135]. Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 449 с.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Рустамзода, С.Р., Раҳмонзода М.Ҷ. Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода, М.Ҷ. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №3 – С. 320-330; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Рустамзода, С.Р. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 276-288. ISSN 2414 – 9217.

**[3-М].** Рустамзода, С.Р. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 253-264. ISSN 2414 – 9217.

**[4-М].** Рустамзода, С.Р. Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода // Қонунгузорӣ. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 201-213. ISSN 2414 – 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Рустамзода, С.Р. Понятие и признаки половой свободы [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2025. – №1(49). – С. 139-148. ISSN 2307 – 5198

**[6-М].** Рустамзода, С.Р. Сравнительно-правовой анализ уголовного законодательства ответственности за половую свободу в зарубежных странах [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2025. – №2(50). – С. 92-98. ISSN 2307 – 5198